**ИНСТИТУТИ ИҚТИСОДИЁТ ВА ДЕМОГРАФИЯИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 338.43.(575.3)**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**САФАРОВ АБДУЛМАНОН МАҲМАДСАИДОВИЧ**

# ТАДҚИҚИ УСУЛҲО ВА ВАСИЛАҲОИ ТАКМИЛИ ИДОРАКУНӢ ДАР НИЗОМҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ОСЕБПАЗИР (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи**
**ихтисоси: 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

**Роҳбари илмӣ:**

**Алимов Анвар Латифович,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ,**
**ходими пешбари илмии**
**Институти иқтисодиёт ва**
**демографияи АМИТ**

**ДУШАНБЕ – 2023**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисорот**........................................................................... 3
**Муқаддима**........................................................................................... 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ МУАММОҲОИ ИДОРАКУНӢ ДАР НИЗОМҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ ОСЕБПАЗИР**.................................................................................................. 16
1.1. Ҷанбаҳои назариявии таҳлили муаммоҳои идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир................................................ 16
1.2. Омӯзиши баъзе ҷанбаҳои назариявии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун воситаи инноватсионии идоракунии минтақаҳои осебпазир........................................................................................ 37

**БОБИ 2. АСОСҲОИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНӢ ДАР НИЗОМҲОИ ОСЕБПАЗИРИ МИНТАҚАИ ҶАНУБИИ НАЗДИСАРҲАДИИ ТОҶИКИСТОН**.................................................................................................. 52
2.1. Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи осебпазир..................... 52
2.2. Хусусиятҳои шаклҳои ташкилии идоракунӣ дар минтақаи ҷануби наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон.................................................... 73
2.3. Таҳлили накш ва аҳамияти МОИ барои таҳкими вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои осебпазир............................................................... 94

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ИДОРАКУНИИ СИСТЕМАИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОСЕБПАЗИР**................................... 115
3.1. Рушди МОИ ҳамчун воситаи паст кардани сатҳи осебпазирии системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ................................................................ 115
3.2. Такмили усулҳо ва василаҳои рушди барномавии низоми иқтисодиву иҷтимоии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон.... 130

**Хулосаҳо** ............................................................................................ 151
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот** .................. 152
**Рӯйхати адабиёт** ................................................................................ 155
**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия** ........................................... 170

## Номгӯи ихтисорот

ИДМ – Иттиҳоди давлатҳои мустақил

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

НТ – ноҳияҳои таҷрибавӣ

МОИ – минтақаҳои озоди иқтисодӣ

МН – минтақаҳои наздисарҳадӣ

МҲОИ - маҷмуи ҳосилнокии омилҳои истеҳсолот

ХИБ - хатҳои интиқоли барқ

НБО - неругоҳи барқи обӣ

СМХ - сармояи мустақими хориҷӣ

СҲИР - Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд

ҶСХК БТ - Ҷамъияти саҳҳомию холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик»

ҲУОИ - ҳосилнокии умумии омилҳои истеҳсолот

СУС - Созмони Умумиҷаҳонии Савдо

ИИАО - Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё

ҶХХ - Ҷумҳурии Халқии Хитой

ЗҶҲА - занҷираи ҷаҳонии ҳисобкунии арзиши аслӣ

ММС - минтақаҳои махсуси содиротӣ

МТО - минтақаи тиҷорати озод (дар ш. Шанхай)

кВт – килловатт

км- километр

га- гектар

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қайд гардидааст, ки «таҷрибаи пешқадами давлатҳои пешрафта ва рӯ ба инкишоф собит месозад, ки ноҳиябандии иқтисодӣ дар рушди қувваҳои истеҳсолкунанда ва бунёди инфрасохтори замонавӣ нақши муҳим мебозад».[1] Дар маҷмуъ, минтақаҳои ҷумҳурӣ дар дурнамои миёнамуҳлат дар ҳалли вазифаҳои стратегӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, баланд бардоштани шуғл ва даромад, таъмини устувории амнияти иҷтимоӣ, амнияти озуқаворӣ ва таҳкими иқтидори иқтисодии кишвар нақши муҳим мебозанд.

Бояд тазаккур дод, ки барномаҳои рушди минтақаҳои кишвар таҷассумгар ва нуқтаи ниҳоии тамоми саъю кӯшишҳои ҳукумат дар самтҳои афзалиятнок арзёбӣ гардида, ҳамчун бахши алоҳида баррасӣ мешаванд ва масъалаҳои муҳимро, аз қабили таъмини дараҷаи мақбули амнияти энергетикӣ ва озуқаворӣ, рушди имкониятҳои коммуникатсионии кишвар ва таъмини суботи иҷтимоиро дар бар мегиранд.

Дар иқтисодиёти Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият тағйиротҳои амиқе сурат гирифтанд, ки бо ивазкунии низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва механизми фаъолияти иқтисодиёти тамоми кишвар ва минтақаҳои алоҳидаи он вобаста буданд. Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ боиси дигаргуншавии тамоми механизми рушди минтақаҳо гардид. Низоми таъминоти молиявии минтақаҳо ва сохтори маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ тағйир ёфта, дар минтақаҳо моликияти хусусӣ бартарӣ пайдо кард, ки ин ҳолат боиси куллан дигаргун шудани низоми муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои иқтисодиёти минтақаҳо гардид.

Дар чунин вазъият «истифода аз шароити ҷуғрофӣ, хусусиятҳои хос, ҷойгиршавии захираҳои табиӣ ва дигар боигариҳои фоиданоки мавҷудбуда,

---

[1] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 / Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441 тасдиқ шудааст. - С. 2.

махсусгардонии минтақаҳо ва баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва тақвияти фаъолияти минтақаҳои махсуси озоди иқтисодӣ метавонанд дар ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда, равандҳои демографию муҳоҷират аз рӯи мавҷудияти захираҳо (табиӣ, иқтисодӣ, меҳнатӣ, зеҳнӣ, иқтидорҳои истеҳсолӣ, маъданӣ, гидроэнергетикӣ, дарёҳо, шароити хоси табиию иқлимӣ ва дигар омилҳои рушди иқтисодӣ) ва дар ин замина ба рушди устувори минтақаҳо мусоидат намояд»[2].

Даст кашидан аз иқтисодиёти нақшавӣ дар назди минтақаҳо муаммои рушди самарабахшро дар якҷоягӣ бо ҳалли вазифаҳои асосӣ оид ба таъмини сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ба вуҷуд овард. Мустақилияти нисбӣ дар қабули қарорҳо дар сатҳи минтақаҳо нақши мақомоти маъмурии идоракуниро дар истифодаи самараноки пойгоҳи захиравии минтақаҳо ба таври назаррас баланд бардошт.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 қайд шудааст, ки «дар панҷ соли минбаъда бояд ба чунин самтҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад: ташаккулдиҳии комплексҳои ҳудудӣ-истеҳсолии шимолӣ, ҷанубӣ ва шарқии кишвар дар асоси ҷойгиршавии захираҳои бойи табиӣ (кластерҳои саноатӣ); махсусгардонии минтақаҳои кишвар ва ноҳиябандии иқтисодии онҳо; тақвият бахшидани фаъолияти сохторҳои мавҷудаи институтсионалӣ (аз ҷумла, фаъолияти Шӯроҳои минтақавӣ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва таъсиси Шӯрои машваратӣ оид ба банақшагирии ҳамбастаи афзалиятҳои миллӣ ва минтақавӣ ҷиҳати муайян намудан ва татбиқи сиёсати минтақавӣ); таҳия ва қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди ҳамаҷонибаи кишвар» ва «Дар бораи суръатбахшӣ ва ҳавасмандгардонии рушди минтақаҳо») ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи марбут ба минтақаҳои кишвар,

[2]Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 / Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441 тасдиқ шудааст. - С. 15.

бахусус ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[3].

Таҳлили маълумоти оморӣ нобаробарии торафт афзояндаи байни минтақаҳоро дар сатҳи рушд нишон медиҳад. Чунончи, фарқияти байни шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна: аз рӯйи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ – қариб 4 баробар, аз рӯйи индекси рушди инсон – қариб 16 %, аз рӯйи даромадҳои андоз ба буҷетҳои маҳаллӣ – қариб 8 маротибаро ташкил медиҳад. Сарфи назар аз коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар кишвар, дар минтақаҳои кишвар сифати хизматрасониҳо дар соҳаи маориф ва тандурустӣ коҳиш ёфта, сатҳи марги модару кӯдак баланд боқӣ монда, қариб 30 дарсади аҳолӣ аз норасоии музмини озуқаворӣ танқисӣ мекашанд.

Ҳамзамон, зарурати таҳқиқи амиқи муаммои рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазире, ки дар фазои хоҷагидории мамлакати мо вуҷуд доранд, ҳамчун вазифаи таъхирнопазири илмӣ боқӣ мемонад. Дар фазои хоҷагидории кишвар мавҷуд будани низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир ба рақобатпазирӣ ва босуботии ҳаракати тамоми иқтисодиёти миллӣ таҳдид мекунад. Омӯзиши зуҳуроти низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир табиист, ки масъалаи зарурати таҳияи усулҳо ва воситаҳои идоракунии чунин низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазирро ба миён меорад ва ин мубрамии масъалаи илмии ба миён гузошташударо муайян мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Ҷанбаҳои гуногуни проблемаи мураккаби илмии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир, ки дар фазои муосири ҷаҳонии хоҷагидорӣ мавҷуданд, дар корҳои бисёре аз муҳаққиқон инъикос ёфтаанд:

- ҷанбаҳои консептуалии рушди низомҳои иқтисодии ҳудудии навъҳои гуногун дар асарҳои Ҷ.Арриги, А.Гранберг, У.Изард, В.Зомбарт, П.Кругман, В.Лексин, Л.Мизес, А.Шветсов ва дигарон;

---

[3] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 / Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441 тасдиқ шудааст. - С. 15.

- муаммоҳои институтсионалию иқтисодӣ ва навъбандии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асарҳои Саидмуродов Л.Ҳ,, Раҳимзода Шариф, Ризоқулов Т.Р., Мирсаидов А.Б., Рауфӣ Абдуғаффор, Мирбобоев Р.М., Муминова Ф.М., Бобоҷонов Р.М., Алимов А.Л., Ҷалилзода Д.Р., Юнусзода Х.ва ғайра;

- ба таҳқиқи падидаи низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир асарҳои А.Ворус, А.Ермоленко, Н.Калюжнова, А.Киргуев, А.Кусраев, А.Мокрушин, Р.Попов, В.Прохорова бахшида шудаанд;

- ба муайян намудани усулҳо ва кор карда баромадани василаҳои идоракунии хоҷагиҳои ҳудудӣ корҳои олимон С.Глазев, Р.Каплан, А.Керашев, Г.Клейнер, Д.Нортон, И.Рисин, С.Слепаков, А.Тамов ва дигарон бахшида шудаанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили таҳқиқоти ватанӣ ва хориҷие, ки ба омӯзиши проблемаи илмии зикргардида бахшида шудаанд, ба мо имкон медиҳад як қатор ҷанбаҳои муҳими онро ҷудо намоем, ки онҳоро минбаъд инкишоф додан зарур аст: аломатҳои бунёдии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир; усулҳо ва воситаҳои идоракунии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир. Ин ҳолат ироаи мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои мушаххаси онро муайян намуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.**

Мавзуи кори диссертатсионӣ бо барномаҳои давлатии “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи рушди ичтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020” ва “Барномаи рушди ичтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2025”, нақшаи илмӣ-тадқиқотии шӯъбаи тадқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон алоқаманд мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади кори диссертатсионӣ таҳияи консептуалии ҷанбаҳои асосии идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ноил гардидан ба мақсади гузошташуда ҳалли вазифаҳои ба ҳам алоқаманди зеринро тақозо мекунад:

- омӯзиши ҷанбаҳои назариявии таҳлили масъалаҳои идоракунӣ ва муайян намудани самтҳои такмилоти идоракунии дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир;

- омӯзиши баъзе ҷанбаҳои назариявии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун воситаи инноватсионии идоракунӣ, омӯзиши амалияи ба роҳ монда шудани он, ифшои роҳҳои консептуалии такмилоти минбаъдаи он дар минтақаҳои осебпазири ҷануби кишвар;

- тадқиқи асосҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ ва ифшои хусусиятҳои низомҳои осебпазири минтақаҳои ҷануби кишвар;

- омӯзиши истифодаи усулҳо ва воситаҳои идоракунӣ дар ноҳияҳои осебпазир;

- тадқиқ ва арзёбии омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи осебпазир;

- муайян намудани роҳҳои такмили усулҳо ва василаҳои рушди барномавии низоми иқтисодиву иҷтимоии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқот раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодии низомҳои осебпазир дар фазои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

**Мавзуи таҳқиқот:** муносибатҳои ташкилию иқтисодие, ки дар раванди идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир ба вуҷуд меоянд, аз ҷумла аломатҳои бунёдии низомҳои мазкур, усулҳо ва василаҳои идоракунии рушди онҳо мебошанд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Фарзияи илмии диссератсия аз он иборат аст, ки омӯзиши дақиқи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва минтақаҳои наздисарҳадӣ, такмили услубҳои тадқиқ ва низоми идоракунии онҳо метавонад боиси такмили

низоми рушди барномавии минтақаҳои осебпазир бошад ва барои ҳалли мушкилоти рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои осебпазир ҳамчун омили мусбӣ хизмат кунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқотро консепсияҳои бунёдие ташкил медиҳанд, ки дар таҳқиқоти классикӣ ва муосири хориҷӣ ва ватанӣ оварда шудаанд, аз ҷумла: консепсияи сиёсати иқтисодии минтақавӣ ва идораи ҳудудҳо, инчунин консепсияи дигаргуншавии муносибатҳои иқтисодӣ, татбиқи модернизатсия дар мезосатҳи ташкили муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Точикистон.

Асосҳои методологии таҳқиқот. Асоси методологии кори диссертатсиониро равишҳои илмии муосири омӯзиши мезосатҳи ташкили муносибатҳои иқтисодӣ, механизмҳои инкишофи низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, захираҳо ва воситаҳои ин раванд ташкил медиҳанд. Пояи таҳқиқоти мазкурро равиши системавӣ ташкил медиҳад, ки потенсиали маърифатии он бо имкониятҳои дахлдори равиши институтсионалӣ тақвият дода шудааст.

Дар диссертатсия чунин усулҳо ва услубҳо ба монанди: дарки илмӣ, гурӯҳбандӣ, баҳодиҳии экспертии сифат, баҳодиҳии миқдорӣ, таҳлили қиёсӣ ва синтез, баҳогузорӣ дар асоси пурсиш истифода шуданд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи илмӣ ва методологии таҳқиқот ҷанбаҳои гуногуни равишҳои системавӣ ва институтсионалии марбут ба проблемаи илмии зикршударо дар бар мегирад. Ҳангоми муқаррар намудани хусусиятҳои таркибии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир ва таҳлили тарзи инкишофи онҳо аз усулҳои: таҳлили функсионалӣ; таҳлили молиявӣ; таҳлили оморӣ; равишҳои назарияи дигаргунсозиҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ истифода шудааст.

Ҳангоми иҷрои рисолаи илмӣ – таҳқиқотӣ маълумотҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳо, Вазорати иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди маҳалли назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушоҳидаҳои муаллиф, адабиётҳои

махсуси илмӣ, меъёрӣ ва таҳлилӣ ба ҳалли масъалаҳои коркардшуда, инчунин маводи нашрияҳои даврӣ ва захираҳои иттилоотии шабакаи Интернет истифода карда шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шӯъбаи тадқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

Пойгоҳи иттилоотию таҷрибавии таҳқиқотро маълумотҳои воқеие ташкил доданд, ки дар сарчашмаҳои зерин дарҷ гардидаанд: Барномаҳои рушди минтақаҳо барои давраи миёнамуҳлат (солҳои 2016-2020 ва солҳои 2021-2025) Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025.

Барои омӯзиши масъалаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирӣ ҳашт ноҳияи минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритуз, Ҳамадонӣ, Фархор ва Ш.Шоҳин интихоб карда шуд. Таҳқиқот бо назардошти таъкид ва муайян кардани сатҳи зиндагии мардуми ноҳияҳои гуногун, шароит ва тарзи зиндагӣ, имконот ва анъанаҳои мардум сурат гирифтааст. Барои мақсадҳои таҳқиқот, таҳлили миқдорӣ нокифоя мебошад. Аз ин рӯ, як таҳқиқоти нисбатан маҳдуд гузаронида шуд ва дар ҳар як дар минтақаи мавриди омӯзиш 2 ҷамоат: яке дар маркази ноҳия ва дигаре дар назди сарҳади давлатӣ интихоб карда шуд. Дар баробари ин, дар ҳар як ҷамоат низ ду маҳаллаи аҳолинишин - дар маркази ҷамоат ва як шаҳраки наздимарзӣ (ҷамъ - 32 шаҳрак) интихоб карда шуд. Дар натиҷа, ифшои хусусиятҳо ва воситаҳои таъсиррасони минтақаҳои осебпазир ва ноҳияҳои устувор имконпазир гардид.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навоварии илмии таҳқиқот дар коркарди системавии маҷмуи ҷанбаҳои муҳимтарини рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир дар фазои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон: муқаррар намудани аломатҳои бунёдии ин низомҳо; ошкор намудани омилҳои

боздоштани онҳо; пешниҳоди захираҳо ва таҳияи воситаҳои идоракунӣ барои рушди ин низомҳо зоҳир мегардад.

Муқаррароти таркибии зерини таҳқиқоти диссертатсионӣ унсурҳои **навгонии илмӣ** доранд:

1. Ҷанбаҳои назариявии таҳлили мушкилоти идоракунӣ дар системаҳои осебпазири иҷтимоию иқтисодӣ тадқиқ карда шудаанд.

2. Усулҳо ва василаҳои идоракунии система дар шароити осебпазирӣ муайян карда шудаанд.

3. Хусусиятҳои хоси иҷтимоию иқтисодии минтақаи ҷанубии сарҳадии кишвар ифшо карда шудаанд.

4. Усулҳои идоракунӣ ва навсозӣ дар минтақаҳои осебпазир (депрессивӣ) муайян карда шудааст.

5. Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи осебпазир муайян карда шудаанд. Тафовут дар идоракунии системаҳои иҷтимоию иқтисодии шакли устувор ва осебпазир.

6. Роҳҳои асосии такмили идоракунии системаи иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла баланд бардоштани нақши савдои сарҳадӣ ва МОИ дар ободонии минтақаҳои осебпазири ҷануби Тоҷикистон ва самтҳои такмили принсипҳои таҳияи барномаи низоми иҷтимоию иқтисодии минтақаи ҷанубии сарҳадии Тоҷикистон ошкор гардидаанд. Аз ҷумла, ошкор гардид, ки ҳам дар қонунгузорӣ оид ба МОИ ва ҳам дар низомномаҳои он принсипҳои таъсиси МОИ муқаррар карда нашудаанд, ки боиси паст гардидани самаранокӣ ва таъсирнокии ташкилии МОИ гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1.Бо вуҷуди бахшида шудани таҳқиқоти зиёде ба масъалаҳои омӯзиши рушди ҳудудии кишвар, навъбандии низомҳо ва минтақаҳои иқтисодӣ, инчунин иқтисодиёти трансформатсионӣ ва аз ҷумла оид ба минтақаҳои осебпазир дар адабиёти муосири иқтисодӣ, ҳанӯз ҳам, дар байни муҳаққиқон оид ба механизми дохилии хусусияти проблемавӣ ва осебпазир доштани чунин

низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи иқтидори онҳо ҷиҳати ноил шудан ба тамоюли рушди босубот тасаввуроти ягона дида намешавад.

2. Дар адабиёти иқтисоди муосир мафҳуми «минтақаи осебпазир» ё худ «депрессивӣ» ба тариқи гуногун шарҳ дода мешавад. Маъмулан, чунин минтақа минтақае ҳисобида мешавад, ки дар марҳилаи нисбатан паст қарор дорад, ки дар он сатҳи пасти истеҳсолот, бахусус саноат, сатҳи баланди бекорӣ ва муҳоҷират, ҷаззобияти пасти сармоягузории ватанию хориҷӣ ба мушоҳида мерасад. Ба ақидаи муаллиф яке аз хусусиятҳои минтақаҳои осебпазир ғайрисамаранок истифода кардани имконоти мавҷуда мебошад. Аз ҷумлаи чунин имконот ҷойгиршавии минтақа дар назди сарҳад ва минтақаҳое, ки дар он минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷой дода шудаанд.

3. Зарурати таҳияи усули консептуалии идоракунии стратегии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир ба миён омадааст ва дар он бояд пайдарҳамӣ ва иртиботи мутақобилаи субъект ва объекти идоракунӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияҳои рушд, нақши василаҳо ва институтҳои махсуси идоракунӣ, барои ба назар гирифтани хусусиятҳои равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ошкор карда шаванд.

4. Омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии табдилдиҳии минтақаҳои буҳронӣ ба минтақаҳои сердаромад собит менамояд, ки самти асосии стратегияи рафъи депрессия ин таҷдиди сохтори инноватсионӣ ва сармоягузории иқтисодиёт дар асоси равиши мақсадноки барномавӣ анҷом дода шавад. Масалан, самтгирӣ ба «нуқтаҳои» рушд дар доираи усули идоракунии кластерӣ (системавӣ) дар ҳудуди зерминтақавӣ (якчанд минтақаҳои маъмурӣ).

5. Дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди минтақаҳо ифшо карда шудани бартарӣ ва омилҳои идоракунии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи устувор ва буҳронӣ як қатор мушкилоти сатҳи минтақавиро осон менамояд.

6. Дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди минтақаҳо ифшо карда шудани василаҳои идоракунии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи буҳронӣ бо тасниф карда шудани воситаҳои маъмурӣ, ташкили иқтисодӣ ва молиявӣ зарур аст, ки он барои ифшо ва истифодаи самараноки манбаъҳои ғайримарказонидашудаи

захираҳо барои рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир мусоидат менамояд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот**.

Натиҷаҳои асосии назариявии таҳқиқотро метавон барои таҳияи назарияи иқтисоди минтақавӣ, назарияи идораи ҳудудӣ, назарияи идоракунии стратегӣ ва назарияи навсозӣ истифода бурд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқотро барои такмили мазмун, сохтор ва методикаи таълими фанҳои таҳсилоти олӣ: «Иқтисоди минтақаҳо», «Идораи стратегӣ», «Идоракунии ҳудудҳо», инчунин курси махсус барои ҷоннок намудани рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва тавсияҳои асосие, ки дар кор оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми таҳияи стратегия ва воситаҳои рушди маҳаллисозии инфрасохтори минтақавӣ, ташаккул ва татбиқи барномаҳои ҳудудии сармоягузорӣ ва лоиҳаҳои махсуси минтақавӣ, ки ба эҳтиёҷоти инфрасохтор нигаронида шудаанд, инчунин бо мақсади мукаммалгардонии муҳтаво ва сохтори сиёсати иқтисодии минтақавӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо озмоишҳо, эътимоднокии маълумотҳо, ҳаҷми кифояи маълумотҳои таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои омории таҳқиқот, нашриётҳо тасдиқ карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо аз таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқотҳои назариявию озмоиши асос гирифтаанд. Аломатҳои низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир, ки муаллиф муайян кардааст, захираҳои асосии ҷоннокнамоӣ ва воситаҳои фаъолгардонии инкишофи низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир, ки дар кор пешниҳод шудаанд, дар фаъолияти мақомоти идоракунии ҳудудӣ, инчунин дар раванди таълими «Идораи лоиҳаҳо» ва «Идоракунии давлатию маҳаллӣ» шуъбаи магистратураи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон истифода мешаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мазмуну мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи

фехристи ихтисосҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқшуда аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият

(08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо) мувофиқат мекунад.

**Дар банди 10.2.** Моҳият, сохтор ва вижагиҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо, бизнеси байналмилалӣ ва ташаккули ҷомеаи информатсионӣ ва ғ.

**Дар банди 10.5.** Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва механизмҳои амалисозии он. Механизмҳои институтсионалии идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ. Идоракунии тағйирот дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии инфрасохторҳои иҷтимоиву истеҳсолӣ, сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес.

**Дар банди 10.16.** Идоракунӣ дар низомҳои депрессивии (депрессивный) иҷтимоӣ-иқтисодӣ (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо). Омилҳо ва фишангҳои идоракунӣ дар низоми иҷтимоӣ иқтисодии депресивӣ ва боздошти равандҳои таназули иҷтимоӣ-иқтисодии (ҳудудҳо, минтақаҳо, комплексҳо) Ҷумҳурии Тоҷикистон. Самтҳои паст кардани сатҳи депрессия дар низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷрои таҳқиқот бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ сурат гирифтааст. Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидаи диссертатсионӣ дар муайян намудани мақсад, мавзуъ ва объекти таҳқиқот, асоснок намудани номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳаллу фасли онҳо, дар бурда расонидани муқаррароти назариявӣ ва методии таҳқиқот то ба марҳилае, ки истифодабарии онҳоро ҷиҳати мукаммалгардонии ҷанбаҳои асосии идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори илмии пешниҳодгардида дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмию амалӣ миёни олимони ҷавон ва унвонҷӯёни Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2013 - 2022), Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2013 - 2022), Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (солҳои 2019 - 2022), Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (солҳои 2019 - 2022), Институти иқтисодиёти кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (солҳои 2013 - 2022) маърӯза гардида, аз тарафи ширкаткунандагони онҳо мақбул дониста шудаанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия**. Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 7 интишороти унвонҷӯ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ва дар 1 монографияи илмӣ дар мавзуи «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун шакли инноватсионии ҳалли масъалаҳои минтақавии рушди иҷтимоию иқтисодӣ (аз рӯи натиҷаҳои тадқиқоти иҷтимоию иқтисодӣ)» нашр гардидаанд, ки ҳаҷми умумии интишорот вобаста ба мавзуи таҳқиқот 7 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулосаву пешниҳодот ва рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки фарогири 129 номгӯй аст, иборат мебошад. Матни асосии диссертатсия дар 171 саҳифаи компютерӣ баён гардидааст, ки фарогири 22 ҷадвал ва 26 расм мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДИИ ТАҲҚИҚИ МУАММОҲОИ ИДОРАКУНӢ ДАР НИЗОМҲОИ ОСЕПАЗИРИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ

## 1.1. Ҷанбаҳои назариявии таҳлили муаммоҳои идоракунӣ дар низомҳои осепазири иҷтимоӣ-иқтисодӣ

Дар адабиёти муосири иқтисодӣ таҳқиқоти зиёде ба масъалаҳои омӯзиши рушди ҳудудии кишвар, навъбандии низомҳо ва минтақаҳои иқтисодӣ, инчунин иқтисодиёти трансформатсионӣ бахшида шудаанд, ки дар байни онҳо оид ба минтақаҳои осебпазир таҳқиқотҳои махсус гузаронида шудаанд. Аммо, сарфи назар аз ин, дар байни муҳаққиқон оид ба механизми дохилии хусусияти проблемавӣ ва осебпазирӣ доштани чунин низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, имкониятҳои истифодаи иқтидори онҳо барои ворид шудан ба тамоюли рушди устувор, то ҳол тасаввуроти умумӣ вуҷуд надорад. Дар робита ба ин, омӯзиши мушкилоти ташхиси низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) ва имконияти гузаштани онҳо ба марҳилаи рушди устувор хеле муҳим ба назар мерасад. Яке аз роҳҳои ҳалли проблемаҳои ба миён гузошташуда асоснок кардани методология ва методика, муқаррарот ва воситаҳои мантиқии омӯзиши низомҳои осебпазирии иҷтимоию иқтисодие мебошад, ки ин ё он минтақаи худудиро муттахид менамояд.

Дар диссертатсия ибораи «минтақаи осебпазир» истифода мешавад, на ҳамеша чун «минтақаи депрессионӣ» фаҳмида мешавад. Зери мавҳуми «минтақаи депрессионӣ» дар адабиёти муосири рус минтақае фаҳмида мешавад, ки дар марҳилаи пасти рушд қарор доранд[4]. Аммо, таҳти мафҳуми «минтақаи осебпазир» минтақаҳое фаҳмида мешаванд, ки на танҳо дар сатҳи пасти рушд қарор доранд ва нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии онҳо аз нишондиҳандаҳои миёна пастанд, балки аз имкониятҳои мавҷуда (ҷойгиршавӣ

---

[4] Депрессивные регионы: перечень, разновидности, проблемы, направления развития. [Манбаи электронӣ]. Ҳолати дастрасӣ. URL: https://fb.ru/article/458232/depressivnyie-regionyi-perechen-raznovidnosti-problemyi-napravleniya-razvitiya, кушода. Санаи муроҷиат 05.16.2019.

дар назди сарҳад, мавҷудияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ) самаранок истифода намекунанд.

Қабл аз ҳама, дар бораи моҳияти истилоҳи асосии «низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирӣ» таваққуф кардан лозим аст. Дар илми муосир дар фаҳмиши он ягонагӣ вуҷуд надорад. Масалан, дар айни замон истилоҳи «минтақаи иқтисодӣ (иҷтимоию иқтисодӣ)» дар робита ба ташаккули ҳам назарияи иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳам умуман минтақашиносӣ васеъ паҳн шудааст. Дар адабиёти минтақашиносӣ ин истилоҳ тадриҷан ҷои истилоҳи «ноҳияи иқтисодӣ»-ро мегирад, ки дар замони шӯравӣ ҳамчун комплекси ҳудудии хоҷагидорӣ ё иҷтимоӣ-иқтисодӣ фаҳмида мешуд, ки (дар шароити иқтисоди давлатии нақшавӣ) хусусияти равобити зич ва мутаносибии рушди тамоми унсурҳои таркибии худро дошт. Баробари гузаштан ба иқтисоди бозорӣ чунин фаҳмиши «ноҳия» торафт бештар маънои қаблии худро гум мекунад.

Сухан дар бораи он меравад, ки дар робита ба масъалаи баррасишаванда ноҳияи иҷтимоию иқтисодӣ одатан ҳамчун ҳудуди аз ҷиҳати таърихӣ ташаккулёфтае фаҳмида мешавад, ки на танҳо дорои захираҳои умумии табиӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, инфрасохторӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ мебошад, балки имкониятҳои худидоракуниро дар шакли мақомоти ҳокимияти конунгузор ва иҷроия, захираҳои моддию молиявии худро дорад. Дар баробари ин, дар сатҳи макро ба ин категорияи минтақаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, пеш аз ҳама, субъектҳои маъмурии кишвар дар шакли ноҳияҳои иқтисодӣ мансуб мебошанд, агар дар ҳудуди онҳо барномаҳои дарозмуддати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар амал татбиқ шаванд.

Айни замон бояд тазаккур диҳем, ки дар адабиёти муосири иқтисодӣ то ҳол ягонагии дарки моҳияти истилоҳи «низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирӣ» вуҷуд надорад. Одатан, таҳти мафҳуми минтақаи осебпазир - депрессионӣ (аз лотинии depressio – афсурда) дар илми иқтисод минтақае фаҳмида мешавад, ки дар марҳилаи давраи иқтисодии пас аз буҳрон қарор дорад, яъне ҳолати барзиёд истеҳсолкунӣ, ва ё баръакси он ва баъди он, марҳилаи қатъ гардидани коҳиши истеҳсолот, тадриҷан мӯътадил шудани вазъи

минтақа, баромадан аз вазъи карахтии иқтисоду иҷтимоиёт, тадриҷан ҳалли мушкилоти бекорӣ ва муҳоҷират тавсиф карда мешавад. Аммо дар робита ба мавзуи таҳқиқоти мазкур мафҳуми «низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирӣ » ҳамчун маҷмуи мушкилоти маъмурӣ дар минтақа тавсиф карда мешавад ва, дар он аз имконоти мавҷуда – дорои минтақаи озоди иқтисодӣ ва имтиёзоти ғайримаъмулӣ, минтақаи наздисарҳадӣ самаранок истифода карда намешаванд.

Чунин равиш нишон медиҳад, ки ташхиси вазъияти осебпазирии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ҳам дар фосилаҳои гуногуни вақт ва ҳам тавассути арзёбии нишондиҳандаҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Бар замми ин, омили дигаре низ ба назар гирифта шудааст, яъне омӯзиши динамикаи ҷараёни тақвиятёбӣ ё сустшавии нобаробарии ҳудудии дохили низом, ки дар таҳқиқот нақши муҳим мебозад.

Муайян кардани аломатҳо ва таҳлили рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирӣ дар адабиёти илмӣ диққати муҳаққиқонро ба як гурӯҳи махсуси минтақаҳои «мушкилидошта»-и хоҷагидорӣ ҷалб мекунад, ки барои худрушдёбӣ иқтидори кофӣ надоранд ва мунтазам ба дастгирии доимии захираҳо аз муҳити беруна ниёз доранд. Дар сурати набудани дастгирӣ ин гуна низомҳо, пеш аз ҳама, бо бесуботӣ дучор шуда, ба минтақаҳои буҳронии иқтисоди миллӣ табдил меёбанд ва ин омил водор мекунад, ки нисбат ба чунин минтақаҳо реҷаҳои махсуси танзими ҳудудӣ ва сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ истифода шавад.

Бо дарназардошти ташаккули низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазири дар шароити ҷорӣ намудани як қатор равандҳои трансформатсионӣ, аломатҳои бунёдии чунин низомро муқаррар кардан мумкин аст:

- мансубият ба низомҳои ҳудудии гуногунранг, ки мавҷудияти нисбатан тӯлонии онҳо аз ҳисоби институтҳои бунёдие имконпазир мегардад, ки то чанд муддат «бесуботии устувори» хоҷагии ҳудудии қобилияти сусти худрушдёбидоштаро таъмин мекунанд;

- бесамарии музмини такрористеҳсоли ҳудудӣ, ки ҳар як давраи он номутаносибии байни хароҷот ва натиҷаҳоро нишон медиҳад ва ин ҳолат дотатсия ва субсидияро талаб мекунад;

- вобастагӣ аз воридшавии захираҳо аз муҳити беруна, аз ҷумла дастгирии молиявии буҷети давлатӣ, кумаки созмонҳои байналмилалӣ, маблағҳои сармоягузороне, ки нисбат ба хавфҳои зиёд беэътиноӣ мекунанд ва ғ.

Низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирӣ дар шароити норасоии доимии захираҳои рушд ба вуҷуд меоянд, ки бо афзоиши зуҳуроти осебпазирӣ ба таври назаррас шадидтар мегардад.

**МУШКИЛОТИ АСОСИИ ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ МИНТАҚАҲОИ ОСЕБПАЗИР:**

- сатҳи баланди вобастагии буҷетҳои маҳаллӣ аз дастгирии буҷетҳои давлатӣ ва ҷумҳуриявӣ;
- рушди нокифояи бозори молиявии маҳаллӣ, ки пасандозҳои минтақавиро аз эҳтиёҷоти такрористеҳсоли ҳудудӣ ҷудо мекунад;
- самтгирии хароҷоти буҷетҳои маҳаллӣ барои ҳалли масъалаҳои доғи фаврӣ;
- набудани захираҳои кофии маҳаллӣ барои муҳофизат аз таъсири омилҳои осебпазир.

**Расми 1.1. - Таснифи мушкилоти асосии таъминоти захиравии минтақаҳои осебпазир**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ

Татбиқи назарияи низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки гиреҳҳои асосии мушкилоти асосии таъминоти захиравии рушди такрористеҳсолӣ дар сатҳи минтақаи осебпазир ифшо карда шавад. Сабаби ҷудо карда шудани мушкилоти рушди сатҳи ноҳия ин аст, ки зарурати таваҷҷӯҳи бештаре ба асосноккунии мушкилоти қайдгардида дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо, аз ҷумла дар барномаҳои рушди ноҳияҳои осебпазир вуҷуд дорад.

Арзёбии пешакии василаҳои рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазири нишон медиҳад, ки онҳо ба ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷараёни таҳаввулот дар шароити осебпазирӣ (депрессивӣ) нигаронида шудаанд: навсозии инфрасохтори ҳудудии маҳаллӣ; баланд бардоштани дараҷаи омодагии омили инсонӣ; шароити маҳаллии тараққиёти технологӣ ва ғ. Аз ин рӯ, гуногунрангии ин воситаҳо талаб мекунад, ки имкониятҳои онҳо аз нуқтаи назари рафъи вазъияти афсурдаҳолӣ, ба дараҷаи сифатан нави тараққиёти худ баромадани низоми иҷтимоию иқтисодии мавриди таҳқиқ ба таври системавӣ арзёбӣ карда шаванд.

Дар асоси муаррифии консептуалии низоми иҷтимоию иқтисодии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун функсияи истеҳсолӣ гурӯҳбандии ин воситаҳо аз рӯйи омилҳо-далелҳои асосии функсияи мазкур: табиӣ-захиравӣ; техникӣ-технологӣ; инсонӣ; ташкилӣ; институтсионалӣ; иттилоотӣ, мувофиқи мақсад мебошад.

Чунин гурӯҳбандӣ ба мо имкон медиҳад хулосабандӣ кунем, ки то ба сатҳи пасттарин, яъне ба сари худ истифодабарии воситаҳои рафъи осебпазирӣ дар иқтисодиёти минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаҳои ташкилию институтсионалиеро дар бар мегирад, ки асосан, бо натиҷаҳои мӯзиши дигар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи (депрессивӣ) мувофиқат мекунад.

Ҷудо кардани мақоми низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазири (депрессивӣ) ин хусусияти таркибии ҳамаи институтҳое мебошад, ки дар фазои хоҷагидории он амал мекунанд. Чунин хусусият бо ёрии меъёрҳои ҳуқуқӣ, анъанаҳо, намудҳои шартномаҳо, тарзи рафтори иқтисодии иштирокчиёни алоҳидаи бозорҳои маҳаллӣ мураттаб ва муқаррар карда мешавад. Он мавқеи низоми иҷтимоию иқтисодии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар фазои иқтисодии кишвар муайян мекунад.

Арзёбии пешакии василаҳои рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирӣ нишон медиҳад, ки онҳо ба ҳалли масъалаҳои мухталифи ҷараёни таҳаввулот дар шароити осепазирӣ (депрессивӣ) нигаронида шудаанд: навсозии инфрасохтори ҳудудии маҳаллӣ; баланд бардоштани дараҷаи омодагии омили

инсонӣ; шароити маҳаллии тараққиёти технологӣ ва ғ. Аз ин рӯ, гуногунрангии ин воситаҳо талаб мекунад, ки имкониятҳои онҳо аз нуқтаи назари рафъи вазъияти афсурдаҳолӣ, ба дараҷаи сифатан нави тараққиёти худ бaромадани низоми иҷтимоию иқтисодии мавриди таҳқиқ ба таври системавӣ арзёбӣ карда шаванд.

Минтақаҳои осебпазир, маъмулан ба навсозии инфрасохтори ҳудудии маҳаллӣ; баланд бардоштани дараҷаи омодагии омили инсонӣ; шароити маҳаллии тараққиёти технологӣ ва ғ. ниёз доранд. Аз ин рӯ, гуногунрангии ин воситаҳо талаб мекунад, ки имкониятҳои онҳо аз нуқтаи назари рафъи вазъияти афсурдаҳолӣ, ба дараҷаи сифатан нави тараққиёти худ бaромадани низоми иҷтимоию иқтисодии мавриди таҳқиқ ба таври системавӣ арзёбӣ карда шаванд. Дар ин маврид, зарур мешуморем, ки усулҳои идоракунӣ дар минтақаҳои осебпазир, ки аз омӯзиши таҷрибаи ҳосилшуда бармеояд, дар ҳамин қисмати диссертатсия таҳия карда шавад (расми 1.2.).

**Усулҳои асосии идоракунӣ дар минтақаҳои осебпазир**

- Якум, дигаргун сохтани механизмҳои идоракунии ҳудудӣ ва сиёсати иқтисодии минтақавӣ бо мақсади рафъи вазъи осебпазир, ки пайдо шудани вазифаҳо ва унсурҳои таркибии нави заруриро дар ин механизмҳо, инчунин барҳам додани унсурҳои кӯҳнашударо дар назар дорад.
- Дуюм, дастгирии системавии ҳудудҳои рушд, ки бартариятҳои рақобатиро ба вуҷуд меоранд: кластерҳо, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, минтақаҳои нави саноатӣ, минтақаҳои рушди инноватсионӣ ва ғ.
- Сеюм, солимгардонии комплексии иқтисодиёти низоми мавриди баррасӣ ва қатъи барномаҳои бесамари рушди ҳудудҳо, ки метавонад хароҷоти зиёдатии дар доираи ин навъи низомҳо ташаккулёфтаро хеле кам кунад.
- Чорум, кам кардани монеаҳо дар ҳаракати сармоя, захираҳо ва омили инсонӣ, инчунин кам кардани андозҳою пардохтҳои маҳаллӣ аз корхонаҳои хурд ва ғ.
- Панҷум, рушди марказҳои илмию таълимӣ, дастгирии ҷавонони болаёқат, ҷалби неруи созанда аз берун ва ғ.

**Расми 1.2. – Таснифоти усулҳои асосии идоракунӣ дар минтақаҳои осебпазир**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ

Ҳамчунин, ҷамъбасти адабиёти иқтисодӣ дар мавзуи таҳқиқот[5] нишон медиҳад, ки имконоти асосии фаъолгардонии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи бuҳрониро чунин ҷудо кардан мумкин аст (расми 1.3.) дар гурӯҳи захираҳои ташкилӣ - захираҳои рушди инфрасохтори бозори молиявии маҳаллӣ; дар гурӯҳи захираҳои институтсионалӣ - захираҳои ҳавасмандгардонии шаклҳои прогрессивии рафтори субъектҳои минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон[6],[7]; дар гурӯҳи захираҳои инсонӣ — захираҳои такрористеҳсоли васеи сармояи зеҳнии ин минтақа.

Бо назардошти ин имкон пайдо мешавад, ки воситаҳои ҷоннок намудани рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазири дар фазои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон, якум пеш аз ҳама, аз мавқеи таъминоти сармоягузории рушди минтақаи наздисарҳадии ҷанубии кишвар таҳия карда шаванд, ки дар доираи он маблағҳои дастгирии буҷетӣ бо сармоягузориҳо иваз карда мешаванд, дуюм, таҳияи барномаҳои рушди низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир дар маҷмуъ, на танҳо воҳидҳои маъмурии ба он дохилшуда. Сеюм, фароҳам овардани шароит барои низоми махсуси ҳуқуқӣ дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар доираи низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир.

---

[5] Ниг.: Мансуров П.М. Депрессивный регион: сущность, критерии отнесения, основные проблемы [Текст] / П.М. Мансурова, Г.И. Мансуров // Fundamental Research. – 2012. – № 6. – С. 506 -510; Яковенко Н.В. Социально-экономическая устойчивость депрессивного региона [Текст] / Н.В. Яковенко // Вестник Тамбовского университета. Сер. Естественные и технические науки. – 2013. – Т. 18, вып. 2. – С. 731-735; Леонов С.Н. Типология проблемных регионов на основе оценки межрегиональных социально-экономических и финансовых различий [Текст] / С.Н. Леонов // Известия РАН. Сер. географическая. – 2005. – №2. – С. 68-76; Абидова И.К. Проблемные узлы в развитии региональных экономических систем депрессивного типа [Текст] / И.К. Абидова Н Новые технологии. - 2014. - №24. – С. 78 ва ғайра.

[6] Свободные экономические зоны как инновационная форма решения региональных проблем социально-экономического развития (по результатам социо-экономического исследования [Текст] / Коллектив авторов. - Душанбе, ГУП «МАТБАА», 2021. - 135 с.

[7] Сафаров А.М. «Натиҷаҳои тадқиқоти омилҳои иҷтимоию иқтисодии тараққиёти ноҳияҳои ҷанубӣ сарҳади Тоҷикистон» [Текст] / А.М. Сафаров // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Дастовардҳои соҳаи меҳнат,муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар давраи Истиқлолияти давлатӣ». – Душанбе, 2021. – С. 336 - 343.




**Расми 1.3. – Роҳҳои дар адабиёти илмӣ пешниҳодшудаи ҳонноксозии рушди низомҳои ичтимоӣ-иқтисодӣ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ

Бинобар ин, аз нуқтаи назари мо, низоми ичтимоию иқтисодии навъи осебпазир минтақаест, ки дар он иқтидорҳои кофии табиӣ, ичтимоӣ-иқтисодӣ, инфрасохторӣ, илмию техникӣ, кадрӣ ва экологӣ вуҷуд доранд, аммо дар динамика суръати афзоиши нишондиҳандаҳои асосии рушди ичтимоӣ-иқтисодии минтақаи мазкур  аз сатҳи миёна дар кишвар пасттар мебошад.

Маҳз барои ҳамин объекти таҳқиқи низоми ичтимоию иқтисодии навъи осебпазир минтақае  мебошад, ки на  танҳо равандҳои иқтисодиро, балки ҷараёнҳои рушди ичтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ ва экологиро, истифодаи имконоти мавҷудаи рушдро (МОИ, МН ва ба ҳамин монандро) низ фаро мегирад. Барои ҳамин чунин минтақа ҳамчун низоми мураккаби ҳудудии ичтимоӣ-иқтисодие дарк карда мешавад, ки аз ҷузъҳо ва унсурҳои алоҳида иборат аст. Низоми ичтимоӣ-иқтисодӣ дар шакли минтақа, дар ин маврид бо мавҷудияти  равандҳо ва хосиятҳои муайяне тавсиф карда мешавад, ки аз ҳама муҳимтарини онҳо ҷунинад: якпорчагӣ, сохтордорӣ, динамизм, худтанзимкунӣ, зинанизомӣ (иерархия).

Ҳамзамон равандҳои буҳронӣ дар минтақа, чун қоида, ба таври назаррас бисёре аз ин равобити байниҳамдигариро заиф мекунанд ва ҳатто боз медоранд. Аммо, бо назардошти ҳамаи ин аломатҳо ва хусусиятҳои эҳтимолии минтақаҳо, таҳқиқи мунтазами он аз мавқеи муайянкунӣ ва ташаккулдиҳии имкониятҳои худрушдёбӣ мубрамтар мегардад. Бинобар ин, мақсади умумии идоракунии чунин минтақа дар шакли низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ – ин, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароит барои рушди босубот ва самараноки иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ, баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ, таъмини шароити мусоиди экологии муҳити зист бо хароҷоти ҳадди ақал ҷиҳати ноил гардидан ба онҳо дар асоси ташаккул ва амалигардонии роҳи инноватсионии тараққиёт мебошад, ки татбиқи сиёсати махсуси сармоягузориро тақозо мекунад. Бо дарназардошти ин, мушаххасот, сохтор ва мохияти минтақа, пеш аз ҳама, бо табиати ботинии унсурҳо ва таркиботи ташкилкунандаи он, бо тавсифоти иртиботи мутақобилаи дохилӣ муайян карда мешавад.

Таърифи осебпазир будани минтақаҳо як қисми методикаи расмии арзёбии ҳамаҷонибаи сатҳи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои мамлакати мо шудааст. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 кӯшишҳои мушаххас кардани намудҳои гуногуни минтақаҳои мушкилотдор барои муайян намудани афзалиятҳои сиёсати минтақавӣ сурат гирифтааст. Чунончи, масалан, дар стратегияи мазкур қайд гардидааст, ки «Барои тамоми кишварҳо заминаи асосии таъмини рушди устувор ва мутавозин ин рушд додани минтақаҳои онҳо мебошад. Таҳлил нишон дод, ки ислоҳоти аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалишудаистода бештар дар сатҳи марказӣ амалӣ шудааст. Дар робита бо ин, “дар ҷойҳо” (дар минтақаҳои кишвар) масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд»[8], ки ба нишондиҳандаҳои индексҳои ҷамъбастии вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои кишвар таъсири номатлуб мерасонад.

Барномаҳои рушди минтақаҳои алоҳида ҳанӯз вазифаи воситаи воқеии идоракунии ҳудудро бо сабабҳои зерин иҷро намекунанд:

---

[8] Стратегияи миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – С. 42.

- сатҳи пасти таҳлили методии вазъи рушд ва захираҳои мавҷуда, ба ҳисоб нагирифтани таҳдидҳо ва омилҳои рушди минтақаҳо;

- алоқамандии нокифояи барномаҳои рушд бо ҷараёни молиявӣ, бо афзалиятҳою манфиатҳои сармоягузорӣ ва маблағгузориҳои минтақавӣ, тамоюли рушди соҳаҳои иҷтимоии минтақа»[9].

Дар Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, ҳамчун марҳилаи нахустини татбиқи стратегияи зикршуда қайд гардидааст, ки «таҳлили маълумоти оморӣ барои давраи солҳои 2010-2015 фарқияти афзояндаи байни минтақаҳои кишварро нишон дода истодааст. Чунончи, фарқияти байни шаҳри Душанбе, вилоятҳо ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ: аз рӯи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ – қариб 4 баробар, аз рӯи индекси рушди инсон – қариб 16 %, аз рӯи сатҳи даромадҳои андоз ба буҷетҳои маҳаллӣ – қариб 8 баробарро ташкил додааст. Сарфи назар аз коҳиши мизони камбизоатӣ, ки аз 53 дарсади соли 2007 то 31 дарсадро дар соли 2015 ташкил дод, дар минтақаҳои кишвар сифати хизматрасониҳои маориф ва тандурустӣ коҳиш ёфта, сатҳи фавти модару кӯдак баланд боқӣ монда, ҳудуди 30 дарсад аҳолӣ аз камхӯри музмин азият мекашад».[10]

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бошад, масъалаи рушди нобаробари минтақаҳои ҷумҳурӣ хеле ҷиддитар гузошта шуда, қайд карда мешавад, ки «таснифи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи сатҳи даромади пулии аҳолӣ имкон медиҳад, ки ноҳияҳоро ба 5 гурӯҳ тақсим кунем. Қисмҳо: шаҳру вилоятҳои сердаромад (Душанбе, Хуҷанд, Ҳисор, Ваҳдат, Турсунзода, Панҷакент, Истаравшан, Исфара, Конибодом ва ноҳияҳои Б. Ғафуров, Ёвон, Рӯдакӣ); ноҳияҳои даромади миёнадошта, ки барои зиёд кардани он имкониятҳои васеъ доранд ( Деваштич , Ашт, Ҷ. Расулов, Қубодиён, Ҷ. Балхӣ, Фархор, Восеъ, Бохтар ва шаҳрҳои Данғара, Кӯлоб, Норак), даромади миёнадошта (Хоруғ, Шаҳристон,

---

[9] Стратегияи миллии Рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – С. 42-43.

[10] Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016 - 2020. – Душанбе, 2016. – С. 108.

Айнӣ, Рашт, Шаҳритуз, Вахш, Панҷ, Ҷайҳун, Абдураҳмони Ҷомӣ, Хуросон), камдаромад (Роғун, Леваканд, Ванҷ, Рӯшон, Нуробод, Темурмалик, Муъминобод, Дӯстӣ, Варзоб, Лахш, Файзобод ва Кӯҳистони Мастчоҳ) ва даромади пасттарин дошта (Мурғоб, Шуғнон, Рошткалъа, Ишкошим, Сангвор, Дарвоз, Тоҷикобод, Ховалинг, Балҷувон, Шамсиддин Шоҳин ва Носирӣ Хусрав). Дар ҳоли ҳозир 62% шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз субсидия (кумаки молиявӣ) истифода мебаранд, аз ҷумла ин нишондиҳанда ВМКБ -89%, дар вилояти Хатлон (20 шаҳру ноҳия) - 80%, дар вилояти Суғд (5 ноҳия) - 28% ва НТҶ ( 10 ноҳия) – 77 дар садро ташкил мекунад. Аз маблағи умумии субвенсияҳое, ки аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ба минтақаҳо барои дастгирии буҷетҳои маҳаллӣ пардохт шудаанд, 53,9% ба вилояти Хатлон, 21,6% ба ВМКБ ва 24,5% ба НТҶ рост меояд».[11]

Инчунин, дар Барномаи мазкур таъкид шудааст, ки «ҳалли воқеии мушкилоти нобаробарӣ дар рушди иқтисодии минтақаҳо фароҳам овардани шароитро барои танзими макроиқтисодии суръати рушди иқтисодии минтақаҳо тақозо мекунад. Рушди нобаробари иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои кишвар метавонад ба амнияти иқтисодии кишвар таҳдид намояд. Дар ин раванд омилҳои инфрасохторӣ фишанги асосии коҳиш додани фарқият дар сатҳи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳои кишвар шуда метавонанд».[12]

Дар адабиёти иқтисодии ватанӣ бори нахуст масъалаи навъбандии ҳудудҳои маъмурии кишвар дар монографияи коллективии «Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва методологияи арзёбӣ» ба миён гузошта шудааст. [13] Аз ҷумла, дар ин асар кайд карда мешавад, ки барои таҳлили объективӣ ва илмии проблемаҳои ба миён гузошташуда «ду соҳаи ба ҳам алоқаманди таҳкикот аҳамияти калон доранд:

---

[11]Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. – Душанбе, 2021. – С. 157.

[12]Дар ҳамон ҷо

[13] Регионы Республики Таджикистан: теория и методология оценки [Текст]: монография / Под общей редакцией Саидмуродова Л.Х. - Душанбе: “Ирфон”, 2012. - 174 с.

- сатҳи кишвари таҳдидҳое, ки нисбат ба сатҳи минтақавӣ татбиқ карда мешаванд – ғайрисаноатикунонӣ (деиндустриализатсия), ғайришаҳришавӣ (деурбанизатсия), мутамарказсозии захираҳо ва имкониятҳои молиявӣ ва ғ.

- сатҳи минтақавии таҳдидҳо, ки нисбат ба сатҳи кишвар пешбинӣ мешаванд - ақибмонӣ дар сатҳи рушд, маҳдуд будани имкониятҳои худии молиявӣ ва вобастагӣ аз даромадҳо ва қарорҳои беруна (нисбат ба минтақа).

Ҳамзамон, мавҷуд будани ахбороти кофӣ, объективӣ ва ҳаматарафа дар бораи равандҳое, ки дар иқтисодиёт ба амал меоянд, шарти зарурии босифат ба роҳ мондани кори таҳлилӣ мебошад. Дар назар доштан зарур аст, ки бидуни кори ҳамаҷониба ва ҳамоҳангшудаи таҳлилӣ дар тамоми сатҳҳои ҳокимияти давлатӣ таъмини ислоҳоти қонунгузорӣ хеле душвор аст. Қисмати таҳлилӣ бояд тамоми кори дастгоҳи давлатиро фаро гирад».[14]

Дар ҳамин таҳқиқоти истинодшуда арзёбии тафриқаи ҳудудӣ дар доираи низоми ҳудудӣ, ҳамчун маҷмуи минтақаҳои алоҳида сурат мегирад, вале дар баробари ин сатҳ ва динамикаи рушди минтақаҳо нисбат ба ҳамдигар таҳқиқ карда мешавад. Ин ба муаллифони монографияи дастаҷамъии болотар зикршуда имкон додааст, ки дараҷаи ба ҳам наздикшавӣ ё аз ҳамдигар дуршавии сатҳи тараққиёти иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳуриро баҳогузорӣ намоянд. Пеш аз ҳама, онҳо минтақаҳоеро ҷудо кардаанд, ки дар ибтидои давраи таҳлилшуда нишондиҳандаҳои нисбатан беҳтари рушд дошта, бо мурури замон бартарии худро боз ҳам баландтар бардоштанд ва дар баробари ин дар минтақаҳое, ки нишондиҳандаҳои нисбатан паст доштанд, суръати нисбатан баландтари афзоиш ба даст оварда нашуданд, аз ҳамин ҷиҳат фосилаи байни онҳо боз ҳам васеътар шудааст. Тавре ки натиҷаҳои таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ нишон медиҳанд, ин вариант навъи номутаносиби рушди минтақавиро тавсиф мекунад. Ба андешаи мо низ, афзоиши тафовутҳои байниминтақавӣ зарурати таҳия ва татбиқи сиёсати давлатиро дар самти баробар кардани сатҳи рушди минтақаҳои кишвар ба миён меорад.

---

[14] Регионы Республики Таджикистан: теория и методология оценки [Текст]: монография / Под общей редакцией Саидмуродова Л.Х. - Душанбе: “Ирфон”, 2012. - С.57-58.

Ҳамчунин минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки дар онҳо фарқият камтар дида мешавад, низ ҷудо карда шуданд, яъне, суръати афзоиш дар минтақаҳои қаблан ақибмонда нисбат ба минтақаҳое, ки дар аввали давраи таҳлилшуда пешсаф буданд, баландтар мебошад. Мувофиқи ин, ба андешаи мо, ин вариантро ҳамчун як намуди мутаносиби (симметрии) рушди минтақавӣ тавсиф кардан мумкин аст.

Таҳлили динамикаи хусусиятҳои иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муайян намудани навъҳои рушди минтақаҳои алоҳида шарти муҳими ташаккули сиёсати илман асоснокшуда мебошад, ки ташаккул ва амалисозии иқтидорҳои рушди иқтисодии минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳавасманд мекунад.

Тафриқабандии назарраси дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои Тоҷикистон ҳанӯз дар даврони шӯравии тараққиёт ба вуҷуд омада буд. Дар айни замон бошад, пешрафти минтақаҳои ватанӣ дар самти рушди иқтисодӣ ва рушди инсонӣ бо вуҷуди иқтидори назаррас доштан дар минтақаҳо нокифоя ва хеле нобаробар ба амал меояд. Тамоми сохторҳои асосии – институтсионалӣ, сиёсӣ, буҷетӣ ва иҷтимоии кишвар барои боз ҳам васеътар шудани фосилаи байни имкониятҳои мавҷуда ва натиҷаҳои фаъолият саҳми худро мегузоранд. Ҳарчанд дар вақтҳои охир барои баланд бардоштани устувории макроиқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ кӯшишҳои зиёде сурат гирифта бошад ҳам, холигӣ бо вуҷуди он боқӣ монда, дар баъзе мавридҳо, вақте ки ин соҳаҳо дар доираи низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд, ҳатто афзуда истодааст. Маҳз дар ҳамин сурат низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирро (депрессивиро) муайян кардан мумкин мешавад.

Тафриқаи минтақавӣ дар сатҳи сохторҳои маҷмуии ҳудудӣ-маъмурӣ, аз ҷумла, минтақаҳо ба саволи осебпазир будан ҷавоб дода наметавонад. Гап дар он аст, ки дар давоми чанд соли охир фарқияти байни сохторҳои ҳудудию маъмурии ҷамъшуда аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти саноат ба ҳар сари аҳолӣ ва ҳаҷми маҳсулоти умумии минтақавӣ тадриҷан ва нисбатан кам шуда

истодааст, ки ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки масъалаи дифференсиатсияи минтақавии фаъолияти иқтисодӣ то ҳол боқӣ мемонад, аммо масъалаи буҳронӣ будани минтақа (депрессиянокӣ) дар ин ҳолат баррасӣ намешавад.

Ҳатто баҳодиҳие, ки аз рӯи сатҳи тафриқаи дохилиминтақавӣ, алалхусус дар сатҳи ноҳияҳо ва ҷамоатҳои деҳот асос ёфтааст, низ барои муайян кардани муаммои осебазир будани минтақа кумак намекунад. Аммо ин равиш аллакай муҳаққиқонро ба навъбандии минтақаҳо дар заминаи осебпазир будан ва депрессиянокии онҳо наздиктар мекунад.

Чунончи, таҳлил нишон медиҳад, ки ҳанӯз соли 2008 дар байни ноҳияҳо аз ҷиҳати истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва маблағгузории асосӣ фарқияти калон ба вуҷуд омада буд. Масалан, дар охири соли 2008 сатҳи тафриқаи байниноҳиявӣ аз рӯи коэффитсиенти тағйирёбии ҳаҷми саноат дар вилояти Хатлон ба 394,8 %, дар НТМ 184,1 %, дар вилояти Суғд 80,4 % ва дар ВМКБ ба 76,4 % расид. Аз ҷиҳати сармоягузорӣ ҳам коэффитсиенти мазкур дар вилояти Хатлон нишондиҳандаҳои баландтаринро нишон дода, 492 %, дар вилояти Суғд 367,7 дарсадро ташкил дод. Дар ВМКБ дифференсиатсияи байниноҳиявӣ ҳам аз рӯйи нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва ҳам иқтисодӣ нисбатан паст аст, ки ин бо назардошти паст будани дар заминаи параметрҳои миёнаи ҷумҳуриявии тараққиёт аз рушд накардани иқтисодиёти тамоми минтақа шаҳодат медиҳад.[15]

Натиҷаи ҳамин таҳлил нишон дод, ки он солҳо ба гурӯҳи ноҳияҳоиосепазир, ки камтар аз 50 фоизи сатхи миёнаи ҷумҳуриро ташкил медод, ҳамаи ноҳияҳои ВМКБ дохил мешуданд. Агар онро бо давраи пеш аз осебпазири муқоиса кунем, пас дар шароити минтақаҳои деҳот дар соли 1991 дар 16 ноҳияи деҳот, ки дар он 12,9 дарсади аҳолии ҷумҳурӣ зиндагӣ мекарданд, андозаҳои шохиси маҷмуӣ аз 50 дарсади нишондиҳандаҳои миёна сатҳи ҷумҳуриявӣ пасттар буданд, вале аллакай дар соли 2008 24 ноҳия бо аҳолии 2,3 миллион нафар ба ин гурӯҳ шомил мешуд, ки ин зиёда аз 31 дарсади

[15] Регионы Республики Таджикистан: теория и методология оценки [Текст]: монография / Под общей редакцией Саидмуродова Л.Х. – Душанбе: Ирфон, 2012. - С. 125.

аҳолии ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Хусусияти хоси минтақаҳои ба гурӯҳи осебпазири дохилшаванда набудани ё ба таври ночиз вуҷуд доштани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ва маҳдудияти маблағгузории асосӣ мебошад.

Дар адабиёти иқтисодӣ ду равиши асосӣ барои рушди гурӯҳи минтақаҳо дар доираи як низоми умумии иҷтимоию иқтисодӣ вуҷуд дорад. Ин равишҳо ба таносуби масъалаҳои «адолати ҳудудӣ» ва «самаранокии иқтисодӣ» марбут мебошанд. Гап дар сари он аст, ки «адолати ҳудудӣ» ба чунин ҷойгиркунонии фаъолияти иқтисодӣ асос меёбад, ки дар он сокинони як низоми ягонаи иҷтимоию иқтисодӣ имкониятҳои каму беш баробар доранд.

Зимнан, аз тарафи давлат азнавтақсимкунии маблағҳо ба нафъи минтақаи мушкилоташ аз ҳама бештарбуда сурат мегирад. Дар навбати худ, «самаранокии иқтисодӣ» ба истифодаи оқилонаи потенсиали истеҳсолии ҳар як минтақа асос меёбад. Дар ин маврид, равиши соф минтақавӣ нисбат ба тараққиёти ҳудудҳои маъмурӣ наметавонад, ки асоси қарорҳои идоракунии қабулшаванда бошад. Роҳи раҳоӣ аз ин вазъият дар баҳодиҳии онҳо ҳамчун як низоми муайяни иҷтимоӣ-иқтисодӣ мебошад, ки онро метавон як навъи осебпазир ё ғайриосебпазир арзёбӣ кард.

Метавон бо нуқтаи назари О.Богомолов ва В.Шмел розӣ шуд, ки ноил гардидан ба «адолати ҳудудӣ» то андозае ҳанӯз ҳам боиси васеътар истифода бурдани иқтидори минтақаҳои алоҳида мегардад ва агар номутаносибии минтақавӣ бо ин роҳ коҳиш дода ва бартараф карда нашавад, пас дар дарозмуддат барои ҳалли ин мушкилот захираҳои молиявиро бештар истифода бурдан лозим меояд, зеро ин гуна номутаносибӣ метавонад боиси ташаннуҷҳои иҷтимоӣ гардад.[16]

Чунин ба назар мерасад, ки ин мушкилот дар идоракунии сатҳи шаҳру ноҳияҳо ва маҳал барои ҳамаи кишварҳо хосу муҳим аст, аммо барои кишварҳои сусттараққикарда, ки на танҳо ангезаҳои бозорӣ барои рушд

[16] Богомолов О. Созидательный потенциал справедливости [Текст] / О. Богомолов // Политэконом. – 1996. - №1. - С. 48.

надоранд, балки имконоти маҳдуди захиравӣ  ва ҳисобҳои нопурраи таҳлилӣ доранд, масъалаи хеле доғ мебошад.

Ба ғайр аз ин, ҳалли масъалаи мазкур дар майдони таҳқиқоти назариявӣ ва андешаронӣ қарор надошта ва ба консепсияи ягонаи назариявӣ тобеъ нест, балки бештар хусусияти амалӣ дорад. Дар маҷмуъ бояд қайд намуд, ки дар таҳқиқоти муосир таваҷҷуҳ ба равиши танзими давлатии рушди минтақаҳо ҳамчун низоми ягонаи иҷтимоию иқтисодӣ боз ҳам бештар шудааст, ки ин эҳтимол ба инкишоф ва печида шудани муносибатҳои иқтисодӣ марбут мебошад.

***Хулосаи зербоби якум:***

Мо дар зербоби якуми кори диссертатсионӣ ҷанбаҳои назариявии таҳлили муаммоҳои идоракуниро дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи  осебпазир, яъне депресивӣ мавриди баррасӣ қарор дода, ба хулосае омадем, ки бо вуҷуди бахшида шудани таҳқиқоти зиёде ба масъалаҳои омӯзиши рушди ҳудудии кишвар, навъбандии низомҳо ва минтақаҳои иқтисодӣ, инчунин иқтисодиёти трансформатсионӣ ва аз ҷумла оид ба минтақаҳои осебпазир дар адабиёти муосири иқтисодӣ, ҳанӯз ҳам, дар байни муҳаққиқон оид ба механизми дохилии хусусияти проблемавӣ ва осебпазир  доштани чунин низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва имкониятҳои истифодаи иқтидори онҳо ҷиҳати ноил шудан ба тамоюли рушди босубот тасаввуроти ягона дида намешавад.

Дар ин замина, муайян кардани фарқиятҳои методологии идоракунии стратегии низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир муҳим мебошад, ки аз тафовут гузоштан байни идоракунии зиддиосебпазир ва идоракунии низомҳои ба таври муътадил инкишофёбанда дар самти муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо ва усулҳои танзими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла динамикаи соҳаи инноватсионию сармоягузорӣ иборат аст.

Ҳамин тариқ, зарурати таҳияи усули консептуалии идоракунии стратегии рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) ба миён меояд, ки дар он бояд пайдарҳамӣ ва иртиботи мутақобилаи субъект ва объекти идоракунӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи стратегияҳои рушд, нақши василаҳо ва

институтҳои махсуси идоракунӣ, барои ба назар гирифтани хусусиятҳои равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ошкор карда шаванд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии ин равишро дар асоси таҳлили муқоисавии алтернативаҳои стратегии сиёсати давлатӣ оид ба бартарафсозии рушди осебпазирии минтақаҳо бо назардошти таҷрибаи хориҷӣ ошкор кардан мумкин аст.

Таҳлили чунин таҷриба нишон медиҳад, ки дар он равиши минтақавӣ барои идоракунии минтақаҳои осебпазир бартарӣ дорад. Вале аз худи ҳамин таҷриба боз ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар бобати тартиб додани ҷадвали ноҳиябандии иқтисодӣ низ таҷриба мавҷуд аст, ки имкон медиҳад аз тақсимоти маъмурию ҳудудӣ канор рафта, проблемаҳои ҳудудии минтақаҳо ташхис карда шавад ва ин имкон медиҳад, ки азнавсохторбандии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии бӯҳронӣ ба таври фаврӣ ва самаранок гузаронида шавад (расми 1.4.).

**ТАСНИФОТИ МИНТАҚАҲО ВОБАСТА БА САТҲИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ОНҲО**

- -минтақаҳои ақибмонда, ки дар онҳо ҳиссаи аҳолии дар соҳаҳои дорои арзиши иловагии паст ва маҳсулнокии пасти меҳнат машғулбуда зиёд мебошад (соҳаи кишоварзӣ, баъзе истеҳсолоти саноатӣ);
- -минтақаҳое, ки дар онҳо шумораи аҳолии машғулбуда дар истеҳсолоти саноатӣ бартарӣ доранд, ки мумкин аст баъзе намудҳои онҳо нишондиҳандаҳои самаранокии паст дошта бошанд;
- -минтақаҳое, ки шумораи зиёди аҳолии машғулбуда ба соҳаи хизматрасонӣ рост меояд (минтақаҳои ин гурӯҳ аз ҷиҳати иқтисодӣ ба таври муайян махсус гардонида шудаанд, вале аз рӯи сатҳи рушд ва миқёс фарқ карда метавонанд).

**Расми 1.4. - Асосҳои тарҳрезии таснифоти минтақаҳо ва моделсозии рушди минбаъда аз нигоҳи сатҳи рақобатпазирии онҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ

Чуноне аз расм бармеояд, тачрибаи хоричӣ нишон медиҳад, ки нуктаи калидӣ зимни батанзимдарорӣ таснифоти минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушд мебошад, ки дар амалияи хоричӣ дар пояи муқаррар намудани рақобатпазирии минтақаҳо бунёд ёфта, дар асоси маҷмуи нишондиҳандаҳои сатҳу сифати зиндагӣ дар шароити кушодагии низоми иҷтимоию иқтисодии минтақа барои рақобати беруна муайян карда мешавад.

Дар ин маврид, барои муайян намудани самтҳои такмилоти идоракунии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити рушди осебпазир ҷамъбаст гардидани асосҳои тарҳрезии таснифоти минтақаҳо ва истифодаи он дар моделсозии рушди минбаъда аз нигоҳи сатҳи рақобатпазирии онҳо анҷом дода шудааст (расми 1.4.) ва, чунин таснифот дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо васеъ истифода карда мешавад. Дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо як қатор барномаҳои рушди минтақавӣ амалӣ карда мешаванд: «Мусоидат ба рушди минтақаҳои ақибмонда»; «Таҷдиди минтақаҳое, ки ба буҳрони сохторӣ дучор шудаанд»; «Дастгирии модернизатсия». Татбиқи ин барномаҳо имконият дод, ки «минтақаҳои конвергенсия» (минтақаҳое, ки ҳанӯз ба сатҳи 75% истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ нарасидаанд) муайян карда шаванд. Ба ин гурӯҳ асосан минтақаҳои мамлакатҳои собиқ сотсиалистӣ дохил мешуданд.

Таҳлил нишон дод, ки дар Иттиҳоди Аврупо мантиқи «таъмини шароити баробари зиндагонӣ дар тамоми ҳудуд» бартарӣ дорад, ки ин махсусан пас аз ба Иттиходи Аврупо дохил шудани собиқ мамлакатҳои лагери сотсиалистӣ хеле муҳим аст.

Ҷанбаи хеле муҳими методологие, ки онро дар таҳқиқоти мо метавон истифода бурд, дар он аст, ки таснифоти аврупоӣ ба мушкилот нигаронидашуда мебошад ва аз ҷумла, воситаҳои рафъи номутаносибиро дар рушди минтақаҳо дар бар мегирад.

Аммо, дар кишварҳои Америкои Ҷанубӣ ба масъалаи рафъи марҳилаи осебпазир  рушд барои минтақаҳо муносибати каме дигартар вуҷуд дорад. Масалан, дар Бразилия, ки ба он тафовутҳои ҷиддии дохилии сатҳи рушд хос

буда, дар натиҷаи фарқиятҳои таърихан бавуҷудомадаи байниминтақавӣ ва таъсири омилҳои табиию ҷуғрофӣ ба вуҷуд омадааст, сиёсати фаъоли минтақавӣ сурат мегирад, ки ба ҳамвор кардани фарқиятҳое, ки дар асоси гурӯҳбандии минтақаҳо аз рӯйи ҳаҷми даромади миёнаи ба сари аҳолӣ ва суръати афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ: сердаромад, динамикӣ, рукуд, камдаромад муқаррар шудаанд, равона карда мешавад. Аз нуқтаи назари мавзуи таҳқиқоти мо муҳим он аст, ки дар ин кишвар як ҷадвали ноҳиябандии иқтисодӣ таҳия шудааст, ки имкон медиҳад аз тақсимоти маъмурӣ - ҳудудӣ дур шуда, мушкилоти ҳудудии минтақаҳоро дар доираи низоми муайяни иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир баррасӣ намоем.

Омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар татбиқи сиёсати давлатӣ оид ба бартарафсозии бuҳронӣ будани минтақаҳо дар доираи равиши системавӣ имкон дод, ки усулҳо ва воситаҳои идоракунӣ дар баъзе давлатҳо, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода кардан мумкин аст, муайян карда шаванд. Таҷрибаи хориҷӣ дар табдилдиҳии минтақаҳои буҳронӣ ба минтақаҳои сердаромад исбот мекунад, ки самти асосии стратегияи рафъи депрессия ин таҷдиди сохтори инноватсионӣ ва сармоягузории иқтисодиёт дар асоси равиши мақсадноки барномавӣ, аз ҷумла самтгириро ба «нуқтаҳои» рушд дар доираи усули идоракунии кластерӣ (системавӣ) дар ҳудуди зерминтақавӣ (якчанд минтақаҳои маъмурӣ) дар бар мегирад.

Аз таҷрибаи хориҷӣ инчунин метавон хулоса кард, ки чунин усули идоракунии кластерӣ барои низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи депрессивӣ, ки дар он ҳамаи саъю кӯшишҳои давлат барои дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии рушди ташаббусҳои кластерӣ (системавӣ) барои як гурӯҳ ҳудудҳои маъмурие, ки минтақаи муайянро ташкил медиҳанд, аҳамияти калон дорад, ки ин ба назар гирифтани фарқияти байниминтақавӣ ва дохилиминтақавиро дар шароити таърихан бавуҷудомадаи хоҷагидорӣ тақозо менамояд.

Самтҳои асосии таҳияи консепсияи такмилоти низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи осебпазирро бо расми 1.5. инъикос намудан мумкин аст.

**Самтҳои асосии таҳияи консепсияи такмилоти низоми иҷтимоӣ-иқтисодии навъи осебпазир:**

- муайян кардани низомҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир, ки дар онҳо ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва масъалаҳои амнияти миллиро дигар ба таъхир андохтан мумкин нест;
- таҳияи барномаҳои дарозмуҳлати ҷумҳуриявии батанзимдарории рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир, дар онҳо сохтани «нуқтаҳои рушд», истеҳсолоти нав, ки дар маҷмуъ ҷаҳиши сифатиро дар пешрафти иқтисодиёт таъмин мекунанд ва фавран татбиқ намудани онҳоро дар амалияро тақозо менамояд;
- муайян намудани номгӯи тадбирҳои дастгирии иҷтимоии аҳолии низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир, махсусан минтақаи надисарҳадии ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд;
- ташкили мониторинги динамикаи равандҳои иҷтимоию иқтисодии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи осебпазир.

**Расми 1.5. - Самтҳои асосии таҳияи консепсияи такмилоти низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи осебпазир.**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи таҳлили адабиёти илмӣ

Мақсади асосии консепсия дар давраи миёнамуҳлат хеле кам кардани шумораи низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) ва ҳамзамон афзоиши назарраси ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар мебошад.

Чунин консепсияи мукаммалгардонии танзими рушди иҷтимоию иқтисодӣ, масалан, минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба механизмҳои ҷубронпулӣ, дастгирии ҳудуди маъмурӣ дар асоси озмун, васеъ намудани иштироки онҳо дар барномаҳои ҷумҳуриявӣ, таъмини низомҳои имтиёзноки (махсуси) иқтисодӣ, ки мураккабии мушкилотро зиёд мекунанд, низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирро ба масири ноил шудан ба худтаъминкунии молиявӣ бурда мерасонанд.

Дар мавриди таҳияи як қатор барномаҳои махсуси рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи (депрессивӣ), ки дахолати фаврии давлатро тақозо

мекунанд, аз ҷумла, ҳалли проблемаҳои минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи шумораи аҳолӣ, кам кардани шиддати проблемаҳои иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сифати зиндагиро номбар кардан мумкин аст.

Ҳамзамон, дар доираи зербоби мазкур аз гурӯҳбандии ноҳияҳо, ки дар таҳқиқоти олимони ватанӣ ҳанӯз дар соли 2012[17] тасниф гардида буд, истифода карда шуд, ки аҳамияти таснифоти минтақаҳои ҷумҳуриро аз рӯи ҷанбаи осебпазир ва ғайриосебпазир таъкид мекунад.

Дар идома, равишҳои асосӣ нисбат ба рушди гурӯҳи минтақаҳо дар доираи як низоми умумии иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ гардида, дар мисоли кишварҳои сусттараққикарда, ки ангезаҳои бозорӣ барои рушд он тараф истад, балки имконоти маҳдуди захиравӣ ва ҳисобҳои нопурраи таҳлилӣ доранд, на ҷанбаи назариявӣ, балки бештар ҷанбаи амалӣ доштани чунин навъбандӣ хулоса карда шудааст.

Дар баробари таҳқиқи усулҳо ва василаҳои идоракунии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар шароити рушди осебпазир чунин хулоса гардидааст, ки ҷиҳати таҳқиқи равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳое, ки низоми ягонаи иҷтимоию иқтисодиро ташкил медиҳанд, равишҳои нави методологӣ зарур мебошанд. Ҳамзамон ба зарурати коркарди усулҳои идоракунии низомҳои мазкур ва истифодаи таҷрибаи муваффақи хориҷӣ, аз ҷумла таснифоти минтақаҳо аз рӯи сатҳи рушд дар заминаи муқаррар намудани рақобатпазирии минтақаҳо, ташкили кластерҳо ва ғайра таъкид карда шудааст. Чунин пешниҳод шудааст, ки барои рафъи марҳилаи осебпазир инкишофи низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир бояд механизми дузинагии идоракунии зидди осебпазир: а) мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва б) мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ҳудудҳое, ки минтақаи муайянро ташкил медиҳанд, истифода шавад.

---

[17] Регионы Республики Таджикистан: теория и методология оценки [Текст]: монография. Под общей редакцией Саидмуродова Л.Х. - Душанбе: «Ирфон», 2012. - С. 125.

## 1.2. Омӯзиши баъзе ҷанбаҳои назариявии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун воситаи инноватсионии идоракунии минтақаҳои осебпазир.

Таъсис дода шудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) чун минтақаҳои махсус интихобгардида ва ба онҳо манзур гардидани имтиёзоти фавқулодда натиҷаи омӯзиш ва кӯшиши истифодаи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ[18] ҷиҳати баланд бардоштани нақши “минтақаи озоди иқтисодӣ” дар рушди минтақа мебошад ва, ғайрисамаранок истифода кардани чунин имконоти фарох минтақаро осебпазир мегардонад. Бинобар ин, оғози омӯзиши баъзе ҷабҳаҳои назариявии таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ чун воситаи инноватсионии идоракунии минтақаҳои осебпазир аз омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ, ки аввалин шуда МОИ-иро чун омили муҳимми рушди сатҳи минтақа мавриди истифода қарор додаанд.

Аксарияти кишварҳои рушдёбанда дар ҳоли ҳозир сиёсати иқтисодиеро амалӣ мекунанд, ки бахши хусусиро муҳаррики рушди иқтисодӣ ва рушди саноат медонанд. Дар баробари ин, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) нуқтаи ибтидоии рушди бахши хусусӣ ва яке аз воситаҳои муассири он ба шумор меравад. МОИ барои ҷалби сармояи мустақими дохилӣ ва хориҷӣ, ҳавасмандгардонии шуғли аҳолии маҳаллӣ, рушди технологияҳои нав, диверсификатсия ва тавсеаи иқтидори соҳибкорӣ ва техникӣ имкониятҳои бузург доранд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ аллакай ба амалияи ҷаҳонии иқтисодӣ ҳамчун омили рушд аз ҳисоби шиддатбахшии савдои байналмилалӣ, сафарбаркунии сармоягузорӣ, мубодилаи технологияҳо ва иттилоот, амиқтар шудани равандҳои иқтисодии ҳамгироӣ ворид шуда, қисми ҷудонашавандаи муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ маҳсуб меёбанд. Дар шароити муайян минтақаҳои озоди иқтисодӣ дохилшавии иқтисодиёти миллиро ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ метезонанд, рушди иқтисодии кишварро дар маҷмуъ ҳавасманд гардонида, ба сифати қутбҳои рушди иқтисодӣ баромад мекунанд.

---
[18] баъзе аз кишварҳое, ки дар ин ҷода муввақ мебошанд, зеро кишварҳои зиёде низ ҳастанд, ки таҷрибаи манфӣ аз он ҳосил намудаанд ва дар ин ҷода муваффақ нашудаанд.

Агар минтақаҳои озоди иқтисодӣ хуб тарҳрезӣ шуда бошанд ва ба стратегияҳои рушди дохилии кишвар дуруст мувофиқ бошанд, метавонанд ба рушди фазои сармоягузорӣ тавассути қобилияти ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ) – бахусус сармоягузории занҷираи ҷаҳонии ҳисобкунии арзиш – кумак расонанд ва ба иштироки ширкатҳои ватанӣ дар шабакаҳои истеҳсолии ҷаҳонӣ, ба ин васила ба рушди занҷираҳои минтақавӣ ва фаромарзии ҳисобкунии арзиш мусоидат кунанд. Онҳо метавонанд содиротро афзоиш диҳанд, ҷойҳои корӣ эҷод кунанд ва ба рушди касбият ва интиқоли технология мусоидат кунанд.

Дар зер шарҳи мухтасари адабиёти махсуси омӯхташуда, аз ҷумла таҷрибаи фаъолияти МОИ дар кишварҳои Африқо[19,20], дар кишварҳои ИДМ (Қазоқистон[21], Қирғизистон[22], Беларус) оварда шудааст, зеро баъзе аз кишварҳое, ки дар ин ҷода муваффақ мебошанд ва низ кишварҳои зиёде ҳастанд, ки таҷрибаи манфӣ аз он ҳосил намудаанд ва дар ин ҷода муваффақ нашудаанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ муддати тӯлонӣ хусусияти хоси стратегияҳои рушди иқтисоди миллӣ, бахусус ҷиҳати мусоидат ба афзоиши содирот ба ҳисоб мераванд. Дар тамоми ҷаҳон онҳо вобаста ба кишваре, ки дар он ҷойгиранд ва намуди хоси онҳо номҳои гуногун доранд ва як ном метавонад дар кишварҳои гуногун маънохои гуногун дошта бошад. Масалан, дар Ирландия минтақаҳои махсуси иқтисодӣ «минтақаҳои озоди саноатӣ» ё «минтақаҳои озоди содиротӣ» номида мешаванд, дар ИМА бошад, онҳоро «минтақаҳои тиҷорати хориҷӣ» меноманд ва ҳамаи молҳои дар онҳо

[19] Douglas Zhihua Zeng. Global Experiences with Special Economic Zones: Focus on China and Africa. World Bank Policy Research Working Paper 7240. April 2015. [Таҷрибаи ҷаҳонӣ бо минтақаҳои махсуси иқтисодӣ: Таваҷҷӯҳ ба Чин ва Африқо]

[20] Thomas Farole. Special Economic Zones in Africa. Comparing Performance and Learning from Global Experience. World Bank, 2011. [Минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар Африқо. Муқоисаи иҷроиш ва омӯзиш аз таҷрибаи ҷаҳонӣ]

[21] Диагностическое исследование специальных экономических зон и индустриальных зон Казахстана. - Азиатский Банк Развития, апрель 2018 г. – 115 с.

[22] Диагностическое исследование свободных экономических зон и индустриальных парков Кыргызской Республики. - Азиатский Банк Развития, апрель 2018 г. – 137 с.

истеҳсолшаванда аз ҷиҳати назариявӣ дар бозори дохилӣ низ фурӯхта мешаванд» [23].

Дар кишварҳои рушдёбанда, ки махсус барои содирот маҳсулот истеҳсол мекунанд, онҳоро одатан "минтақаҳои махсуси содиротӣ" (ММС) меноманд. Минтақаҳои шабеҳ дар Ҷумҳурии Халқии Хитой (ҶХХ), ки нисбат ба ММС камтар ба содирот нигаронида шудаанд, аксар вақт ҳамчун "минтақаҳои махсуси иқтисодӣ" номида мешаванд, гарчанде ки минтақаи охирини таъсисёфта дар Шанхай "минтақаи тиҷорати озод" (МТО) номида мешавад ва кӯшиши паҳн гардидани чунин таҷрибаи мусбӣ ба дигар давлатҳое, ки ба иқтисоди миллии он вобаста шуморида мешавад, ба назар мерасад[24].

Дар ҷаҳони муосир аз чунин минтақаҳои махсус дар шакли МОИ хеле фарох истифода карда мешавад ва ҳоло дар ҳудуди 130 кишвари ҷаҳон зиёда аз 4000-тои онҳо мавҷуд аст. Аз 66 миллион коргарони минтақа дар саросари ҷаҳон, 60% дар Хитой ва 22% дар дигар кишварҳои Осиё мебошанд. Дар аксари мавридҳо, ин минтақаҳо ба пешбурди истеҳсолоти саноатӣ нигаронида шудаанд, на соҳаи хизматрасонӣ, гарчанде ки ин вазъият ҳоло тағйир меёбад. Масалан, Минтақаи озоди тиҷоратии Шанхай, ки моҳи сентябри соли 2013 бо ҳадафи озмоиш ва дақиқ кардани ислоҳоти иқтисодӣ пеш аз интишори онҳо дар саросари кишвар оғоз шуд, маҳдудиятҳо барои сармоягузории хориҷӣ дар 23 бахши хизматрасонӣ, аз ҷумла бонкдорӣ, хадамоти молиявӣ, тандурустӣ ва технология бардошта мешаванд.

МОИ ба таври васеъ ҳамчун воситаи муфид барои баланд бардоштани маҷмуи ҳосилнокии омилҳои истеҳсолот (МҲОИ) эътироф шудаанд, ки дар кушодани иқтидори афзоиши бештар дар Осиёи Марказӣ, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ), инчунин технологияҳои марбута ва интиқоли

---

[23] Болл М.Д. и Вильямс Б.Р. Зоны внешней торговли США: предыстория и вопросы для Конгресса. 7-5700. Исследовательская служба Конгресса. Вашингтон, О.К. [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: https://fas.org/sgp/crs/misc/R42686.pdf, открытый. Дата обращения 10.09.2019.

[24] Иштироки Тоҷикистон дар Ташаббуси Камарбанд ва Роҳи ҶМЧ аз нигоҳи бартариятҳои стратегии кишварҳо ва МРУ. - Душанбе: ҶДММ “Меҳрона-2017”, 2019. - 106 с.

идоракунӣ, ноу-хау, дар рушд ва диверсификатсияи содирот дар ҳоле ки монеаҳои тиҷоратӣ дар бахшҳои дигари иқтисод нигоҳ дошта мешаванд, дар таъсиси ҷойҳои корӣ ва беҳтарсозии таълим бидуни аз истеҳсолот дур шудан ва истифодаи озмоишии равишҳои нави сиёсат нақши калидӣ мебозад.[25]

Аммо бояд дар назар дошт, ки МОИ, ки маъмулан барои онҳо замин ҷудо карда мешавад ва содиркунандагон ва сармоягузорони онҳо дигар имтиёзҳои тарифӣ, андозӣ ва танзимӣ мегиранд, дар иқтисодиёт таҳрифҳоро ба вуҷуд меоваранд. Онҳо хароҷоти дигар, аз ҷумла хароҷоти сармоягузории инфрасохтор ва даромадҳои андозии аз дастрафтаро ифода мекунанд. Ба ҳар ҳол умеде боқӣ мемонад, ки ин таҳриф ва хароҷоти иқтисодӣ бо афзоиши тиҷорат, сармоягузорӣ ва шуғл пурра рӯпӯш хоҳанд шуд, вале дар асл ин бисёр кам иттифоқ меафтад ва бисёре аз минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ин самт ба нокомӣ дучор мешаванд. Масалан, дар Қазоқистони ҳамсоя ҳадафҳои аз ҳад зиёд баланд, маҳдуд будани захираҳо ва дигар шароитҳои иқтисодӣ ба муваффақияти МОИ Қазоқистон монеъ шуданд. Ҳукумати Қазоқистон аввалин қонуни худро дар бораи МОИ дар солҳои 1990-ум интишор кард ва дар давоми даҳ сол 9 МОИ таъсис дода шуд. Бо вуҷуди ин, то соли 2000 онҳо барҳам дода шуданд, зеро онҳо аз сабаби набудани заминаи қонунгузорию ҳуқуқӣ, набудани шаффофият ва аз ин рӯ ҷой доштани сатҳи баланди коррупсия, инчунин аз сабаби хатогиҳо дар банақшагирии ҳудудӣ ва интихоби нодурусти макони ҷойгиршавӣ ғайрисамаранок буданд[26].

Мувофиқи маълумоти маҷаллаи бонуфузи “The Economist”: "Ба даст овардани маълумот дар бораи фаъолият осон нест, зеро ҷудо кардани таъсири минтақа аз дигар қувваҳои иқтисодӣ душвор аст. Бо вуҷуди ин, далелҳои ҷузъӣ нишон медиҳанд, ки онҳоро ба се категорияи васеъ тақсим кардан мумкин аст:

---

[25] Митра П. Оценка потенциального роста на Ближнем Востоке и в Центральной Азии. Рабочий документ Международного Валютного Фонда (МВФ), №15/62. – 2015. Вашингтон, ОК. [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: https://www.imf.org/external/pubs/ft/wp/2015/wp1562.pdf, открытый. Дата обращения 17.11.2019.

[26] АБР. Отчет об экономической интеграции в Азии за 2015 г: как специальные экономические зоны могут стать катализатором экономического развития. – Манила, 2015. - С. 30; и Каржаубаева А. Специальные экономическое зоны в Казахстане [Текст] / А. Каржаубаева. - 2013 г. – 115 с.

якчанд ҳикоя доир ба муваффақиятҳои ҷудогона, мисолҳои бештаре, ки дар арзёбии фоиданокии хароҷот ба таври андаке мусбат буданд ва таърихи дарози нокомиҳо, ки ягон даромад нагирифтанд ё хуб идора карда натавонистанд ё дар бораи он, ки сармоягузорон аз имтиёзҳои андоз бидуни бунёди ҷойҳои кории назаррас ё гирифтани даромад аз содирот мол, истифода бурданд»[27]. Масалан, дар ҳоле ки МОИ Шэнчен, ки соли 1980 аз ҷониби Ҷумҳурии Халқии Хитой дар наздикии Ҳонгконг таъсис дода шуда буд, Хитой ҳазорон сармоягузорони хориҷиро ба худ ҷалб кард ва сиёсатҳои озмудааш ба шаҳрҳои дигар паҳн шуданд, дар Ҳиндустон садҳо минтақаҳо буданд, ки ҳеҷ гоҳ ба кор надаромаданд, аз ҷумла танҳо дар як иёлоти Маҳараштра беш аз 60 минтақа сохта шуда буд, ки ғайрисамаранок буда натавонистан минтақаҳои маъмурии Ҳиндустонро аз ҳолати депрессивӣ баромадан мусоидат намоянд.

Дар истифодаи МОИ чун омили рушд ва фишанги инноватсионии идоракунӣ Ҷумҳурии Халқии Хитой эътироф карда мешавад, гарчанде ки ин ба ҳамаи минтақаҳои он дахл надорад (тақрибан 70% онҳо чунин фишангро истифода намекунанд). Таҷрибаи ҶХЧ бо МОИ шояд бештар ба Тоҷикистон мувофиқ бошад, зеро МОИ-и Хитой ҳамчун василаи табдил додани ҶХХ аз иқтисоди мутамаркази нақшавӣ ба иқтисоди бозории ба содирот нигаронидашуда ва ҷалби мустақими сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ (ва технология) барои фароҳам овардани имкониятҳои бештари ҷойҳои кории баландихтисос (ва аз ин рӯ музди баландтардошта) бомуваффақият истифода мешаванд. ҶХЧ дар доираи лоиҳаи «Як камарбанд – Як роҳ» бо кишвари мо ҳамкории амиқ дорад, ки натиҷаи он дар рушди соҳаҳои кӯҳкорӣ, саноати коркард, савдои чакана ва ғ. рушд ёфтаанд. Аммо, истифодаи самараноки чунин

---

[27] Специальные экономические зоны: политический приоритет, экономический риск // The Economist. – 4 апреля 2015. [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: http://www.economist.com/news/finance-and-economics/21647630-free-trade-zones-are-more-po-pular-everwith-politicians-if-not, открытый. Дата обращения 20.11.2019; Также см.: Специальные экономические зоны: не такие уж особые. 4 апреля 2015 г. [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: http://www.economist.com/news/leaders/21647615-world-awash-free-trade-zones-and-theiroffshoots-many-are-not-worth-effort-not, открытый. Дата обращения 30.11.2019.

фишанги инноватсионӣ ва таҷрибаи муваффақи ҶХЧ дар иқтисоди кишвари мо самаранок истифода карда нашудааст.

Ҳинд нисбат ба минтақаҳои Хитой таҷрибаи на чандон бой дорад, бинобар ин, онҳо ба ҳадафҳои содиротӣ, сармоягузорӣ ва шуғли худ ноил нашудаанд. Дар Ҳиндустон, МОИ аксар вақт ҳамчун воситаи гурез аз андоз ва ҳатто саркашӣ аз пардохти он истифода мешуданд. Бо вуҷуди ин, тибқи як тадқиқоти ба наздикӣ анҷомдодаи Бонки Осиёгии Рушд (БОР), минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Камбоҷа то андозае муваффақ буданд.

Таҳлили минтақаҳои озоди иқтисодии ба муваффақият ноилгардида дар ҷаҳон хулосаҳои асосии зеринро ба таври эътимодбахш исбот мекунад:

- Самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ ба МОИ мушаххас бояд ба бартариҳои рақобатии кишвар ва ҳудуди он ҷое, ки МОИ ҷойгир аст, асос ёфта бошад – ин принсипи асосӣ мебошад. Дар ин маврид занҷирҳои сохтани арзишро дар ин бахшҳо муайян кардан ва бозигарони асосии ин занҷирҳои сохтани арзишро ҳадаф қарор додан лозим аст.
- Агар ҳадафи асосии таъсиси МОИ ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бошад, пас ба воридотивазкунӣ тамаркуз кардан стратегияи ғайрисамаранок хоҳад буд. Стратегияи рушди МОИ бояд асосан ба пешбурди тамоюли ба содирот нигаронидашуда ва ҷалби СМХ равона карда шавад, на ин ки ба воридотивазкунӣ.
- Азбаски рақобат барои сармоягузории мустақими хориҷӣ тавассути МОИ дар саросари ҷаҳон шиддат мегирад, омилҳои калидӣ барои пирӯзӣ дар ин рақобат ба назар гирифта мешаванд. Баъзе аз омилҳое, ки қарорҳои соҳибкоронро барои оғози тиҷорат дар МОИ муайян мекунанд, инҳоянд:

– андозаҳои бозори дохилӣ;

– наздик будан ба бозорҳои дигар;

– мавҷудияти қувваи кории кофии тахассуснок (ё ҳадди ақал иқтидор барои бозомӯзии кормандон) бо меъёрҳои рақобатпазири музди меҳнат;

– чандирии бозори меҳнат, аз ҷумла қобилияти ихтисор кардани кормандон ё тарк кардани соҳа бидуни оқибатҳои номатлуб;

– сифат ва эътимоднокии инфрасохтори зарурӣ;

– ҳифзи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ;

– муҳити устувори макроиқтисодӣ ва ҳуқуқӣ.

➢ Ҳавасмандгардонии ҷалби сармоя, аз қабили таътилҳои андозӣ, кайҳо боз ҳамчун воситаи сиёсати саноатӣ дар Осиёи Марказӣ ва Шарқӣ ва инчунин дар дигар минтақаҳои ҷаҳон ба таври васеъ истифода мешаванд.

Ёрдами беруна тавассути донорҳо (ташкилотҳои гуногуни байналмилалӣ ва кишварҳо) расонида мешавад. Иштирокчиёни асосии мусоидат ба рушди байналхалқӣ донорҳое мебошанд, ки ба онҳо давлатҳои сарпараст (ҳам рушдкарда ва ҳам дар ҳоли рушд); муассисаҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои бисёрҷониба, ки дар расонидани кумак ба кишварҳои рӯ ба инкишоф иштирок доранд; ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ ва фондҳои хайрия дохил мешаванд.

**Ҷадвали 1.1. - Шарҳи донорҳои маъмулии таъсис ва ба роҳ монда шудани МОИ.**

| **Кишварҳои донор** | **Донорҳои бисёрҷониба** | **Созмонҳои ғайриҳукуматӣ** | **Фондҳои хусусии хайриявӣ** |
|---|---|---|---|
| «Донорҳои анъанавӣ» (кишварҳои узви СҲИР): ИМА, Британия Кабир, Олмон, Фаронса, Швейтсария, Италия, Канада, Ҷопон ва ғ. | Бонкҳои бисёрҷонибаи рушд: Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Аврупоии Таҷдид ва Тараққиёт, Бонки Исломии Рушд ва ғ. | Созмонҳои ғайриҳукуматии байналмилалӣ | Фондҳои оилавӣ |
| Донорҳои «нав» (кишварҳое, ки ба узвияти СҲИР шомил нестанд) | Хазинаи байналхалқии асъор | Созмонҳои ғайриҳукуматии миллӣ | Фондҳои корпоративӣ |
| | Муассисаҳои СММ | | |
| | Дигар созмонҳо ва институтҳои байналмилалӣ | | |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи таҳлили омори соҳавӣ.

Имрӯз зиёда аз 50 мамлакати ҷаҳон барои рушди давлатҳои сусттараққикарда кумак мерасонанд. Кишварҳои донориро шартан ба ду гурӯҳи калон: донорҳои “анъанавӣ” ва донорҳои “нав” ҷудо кардан мумкин аст.

Ба донорҳои “анъанавӣ” кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд (СҲИР) - “клуби донорҳо”-и имтиёзнок дохил мешаванд, ки дар соли 1961 таъсис ёфта, дар тӯли зиёда аз ним аср рӯзномаи мусоидатро ба рушд дар

ҷаҳон муқаррар мекунад. Ҳангоми таъсисёбии Кумитаи мусоидат ба рушди СҲИР, он 10 кишварро дар бар гирифт:

Белгия, Олмон, Британияи Кабир, Италия, Канада, Нидерландия, Португалия (дар соли 1974 хориҷ шуда, соли 1991 дубора ҳамроҳ шуд), ИМА, Фаронса, Ҷопон ва Комиссияи Аврупо. Дар солҳои 60-ум боз 6 мамлакат—Дания (1962), Норвегия (1963), Шветсия (1965), Австрия (1965), Австралия (1966), Швейтсария (1968) ба «клуб» дохил шуданд.

Дар солҳои 70-ум - Зеландияи Нав (1973) ва Финландия (1975); дар солҳои 80-ум - Ирландия (1985); дар солҳои 90-ум – Испания (1991), Люксембург (1992) ва Юнон (1999) ба узвияти ин созмон пазируфта шуданд.

Охирин васеъшавии «клуб» дар соли 2010, вақте ки Кореяи Ҷанубӣ ба он шомил гардид, сурат гирифта, шумораи умумии аъзоёни он ба 24 нафар расид.

Ҳарчанд донорҳои "анъанавӣ" ҳеҷ гоҳ як гурӯҳи мутлақо якхела набуданд, дар сиёсати онҳо дар самти мусоидат ба рушд як қатор хусусиятҳои умумиро ҷудо намудан мумкин аст. Ба инҳо: дараҷаи баланди монетизатсияи кумак, қарзҳои имтиёзнок ва унсурҳои грантӣ; саъю кушиши фаъол оид ба ҳамоҳангсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии мусоидат ба рушд, пеш аз ҳама тавассути кам кардани ҳиссаи кумаки вобаста ва васеъ намудани доираи дастгирии мустақими буҷет дохил мешаванд.

Ба донорҳои "нав" кишварҳое дохил мешаванд, ки ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ кумак мерасонанд, аммо ба СҲИР тааллуқ надоранд. Донорҳои "нав" як гурӯҳи хеле мутафовит мебошанд. Ба он шумораи зиёди мамлакатҳое дохил мешаванд, ки чӣ аз ҷиҳати параметрҳои умумии сиёсӣ-иқтисодӣ ва вазъияти арсаи байналхалқӣ ва чӣ аз ҷиҳати модели ёрӣ аз ҳамдигар усулан фарқ мекунанд. Иштирок накардан дар СҲИР дар асл ягона хусусиятест, ки онҳоро муттаҳид мекунад. Ба ин гурӯҳ инҳо дохил мешаванд:

1) Донорҳои "нав", ки ба СҲИР нигаронида шудаанд. Ба ин гурӯҳ кишварҳое дохил мешаванд, ки ҳангоми ташаккули системаи миллии мусоидат ба рушд – ҳангоми ташаккули асосҳои қонунгузорӣ, стратегияҳо ва институтҳо модели донорҳои «анъанавӣ»-ро ҳамчун асос қабул кардаанд. Инҳо, пеш аз

ҳама, 12 кишвари нави узви Иттиҳоди Аврупоро дар бар мегиранд, ки барномаҳои мусоидат ба рушдро таҳия мекунанд, ки асосан ба принсипҳои ИА тамаркуз мекунанд (Булғористон, Маҷористон, Кипр, Латвия, Литва, Малта, Лаҳистон, Руминия, Словения, Словакия, Чехия, Эстония), аъзои СҲИР, ки узви Кумитаи мусоидат ба рушд нестанд (Исландия, Исроил ва Туркия), инчунин Лихтенштейн ва Россия, ки дар СҲИР намояндагӣ надоранд.

2) Донорҳои арабӣ, аз қабили Қувайт, Арабистони Саудӣ, Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) дар тӯли якчанд даҳсолаҳо бозигарони асосӣ дар соҳаи мусоидат ба рушд буданд. Ин гурӯҳи давлатҳо аз рӯи равиш ва принсипҳои расонидани кумак аз кишварҳое, ки мехоҳанд ба СҲИР дохил шаванд, фарқ мекунанд.

3) Бразилия, Венесуэла, Миср, Ҳиндустон, Хитой, Колумбия, Малайзия, Мексика, Таиланд, Чили, Африқои Ҷанубӣ. Қисми бештари онҳо ҳам донор ва ҳам гирандаи кумак мебошанд.

4) Хитойро алоҳида ҷудо мекунанд, зеро дар масъалаи расондани ёрии берунӣ мавқеъ ва равишҳои хоси худро дорад.

Ҳамзамон дар байни ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ бузургтарин донорҳо бонкҳои бисёрҷонибаи рушд мебошанд. Ба ин гурӯҳ дохил мешаванд: Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, бонкҳои минтақавии рушд (Бонки байниамрикоии рушд, Бонки Осиёгии Рушд, Бонки Африқои Рушд ва Бонки Аврупоии Таҷдид ва Тараққиёт) ва бонкҳои зерминтақавии рушд (Бонки рушди Кариб ва Бонки Исломии Рушд, Бонки ҳамгироии Амрикои Марказӣ ва ғ.).

Умуман, бонкҳои бисёрҷонибаи рушд ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, ки фаъолияташон ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии кишварҳои рӯ ба тараққӣ нигаронида шудааст. Онҳо ҳамчун миёнарави молиявӣ дар байни кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ амал карда, ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо мусоидат мекунанд. Бо истифода аз механизмҳои гуногуни ҷалби захираҳои молиявӣ (саҳмҳо ба сармояи оинномавӣ, қарзҳо, пасандозҳо, барориши вомбаргҳо ва ғ.) ин бонкҳо маблағҳои зиёд ҷамъ мекунанд, ки баъдан ба қарздиҳии дарозмуддат барои лоиҳаҳои сармоягузорӣ,

инфрасохторӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, инчунин пешниҳоди кафолатҳо, грантҳо ва ёрии техникӣ равона карда мешаванд.

Бо дарназардошти фарқияти сатҳи рушди кишварҳои қабулкунанда, инчунин тафовути сохтории иқтисодиёти онҳо, бонкҳои рушд барои қарзгирандагон сарчашмаҳои гуногуни маблағгузориро пешниҳод менамоянд. Кишварҳои камбизоат аз Фонди амалиёти махсус қарзҳои боимтиёз мегиранд, ки онро аксар вақт "равзанаи имтиёзнок" меноманд. Вазифаҳои равзанаи имтиёзнокро фондҳои дар дохили созмонҳо таъсисёфта (Ассотсиатсияи Байналмилалии Рушд дар доираи Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ; Фонди Осиёгии Рушд дар доираи Гурӯҳи Бонки Осиёии Рушд; Фонди Аврупоии Рушд) иҷро мекунанд. Кишварҳое, ки сатҳи рушдашон баландтар аст, ба фонди захираҳои асосӣ ё "равзанаи сахт" дохил карда мешаванд, ки бинобар ба шароити қарздиҳии бозорӣ наздик будани шартҳояшон чунин номгузорӣ шудаанд. Аксарияти қарзҳо аз ҳамин манбаъ дода мешаванд. Масалан, дар гурӯҳи Бонки Осиёии Рушд, ҳиссаи қарзҳо аз «равзанаи сахт» ба 70% мерасад. Илова бар ин, баъзан кишварҳои пешрафтаи аъзои бонкҳои рушд барои дастгирии кишварҳои рӯ ба тараққӣ тавассути кумаки техникӣ, хизматрасонии машваратӣ, маблағгузории муштарак ва маблағгузории хурд Фондҳои ба боварӣ асосёфта ё Фондҳои трастӣ таъсис медиҳанд.

Бузургтарин бонки бисёрҷонибаи рушд ва донори калонтарин дар байни ҳамаи институтҳои молиявии байналмилалӣ Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ мебошад. Бонки Ҷаҳонӣ ба маънои маъмулиаш "бонк" нест. Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ (БҶ) яке аз бузургтарин ниҳодҳои байналмилалӣ мебошад, ки ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ кумаки молиявӣ ва техникӣ мерасонад. БҶ ҳамчун майдони ҷалби сармоя хидмат мекунад, як манбаи кумаки машваратӣ ва дастгирии коршиносон буда, ба рушди бозорҳои бахши хусусӣ, такмили идоракунии давлатӣ ва мубориза бо коррупсия дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ мусоидат мекунад. Фаъолияти БҶ ба соҳаҳое, аз қабили тиҷорат, молия, тандурустӣ, маориф ва коҳиш додани тағйирёбии иқлим таъсир мерасонад. Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ аз Бонки Байналмилалии Таҷдид ва Тараққиёт (ББТТ), Ассотсиатсияи

Байналмилалии Рушд (АБР), Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ (КБМ), Маркази байналмилалии ҳалли баҳсҳои сармоягузорӣ (МБҲБС), Агентии бисёрҷонибаи кафолати сармоягузориҳо (АБКС) иборат аст.

Таҳлили таҷрибаи таъсис ва фаъолияти МОИ дар кишварҳои ИДМ хеле мушкил аст, зеро дар айни замон маълумоти оморӣ ва воқеӣ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, мо нисбат ба ин мамлакатхо танҳо бо нишон додани принсипҳои умумии фаъолияти МОИ ва овардани мисолҳои ташкили онҳо маҳдуд мешавем.

Ҳамзамон барои самаранок истифода бурдан ва амиқ кардани накши МОИ-ро дар рушд ва аз ҳлати депрессивӣ баровардани минтақаҳои мамурии кишварҳо татбики принсипҳои ташкил ва таҷрибаи молиякунонии фаъолияти онбояд дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди минтақаҳои кишвар мавриди истифода қарор дода шавад.

Ҷиҳати таҳияи тадбирҳои стратегии идоракунӣ бояд хусусиятҳои равандҳои иҷтимоию иқтисодии минтақавӣ, вазъиятҳои мушкил ва буҳронӣ дар динамикаи онҳо муайян карда шаванд. Бинобар ин, масъалаҳои назария ва методологияи ташаккули стратегияи рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир  (депрессивӣ) мавзуи мубоҳисаҳои доимии олимон мебошанд. Коркарди нопурраи методологӣ, сершумории таҳқиқоти парокандаи динамикаи минтақавии равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ, бахусус дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, дар чунин низомҳо ҳалли проблемаҳои ташаккули стратегияи рушди онҳоро душвор мегардонад. Ҳамзамон, захираҳои мукаммалгардонии методологияи ояндабинии стратегии минтақавӣ ва назарияи тарҳрезии стратегияҳои дигаргунсозии фазои иқтисодии минтақаҳои алоҳида бо мақсади таъмини рақобатпазирии онҳо мутобиқи воқеият ва мушкилоти муосир мавҷуд мебошад. Масъалаи механизмҳои татбиқи самараноки стратегияҳои таҳияшуда то ба ҳол ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Зарурати тағйир додани раванди ташаккули стратегияҳо, гузаштан такмили он аз иқдомҳои алоҳида ба зинаи дигаргунсозиҳои системавӣ дар маҷрои навсозии иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ дар заминаи инноватсияҳо ба миён омадааст, ки ин ҷустуҷӯ ва асосноккунии парадигмаҳои нави ба шароити муосир муносибро тақозо мекунад. Барои

таҳқиқи равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар минтақаҳое, ки низоми ягонаи иҷтимоию иқтисодиро ташкил медиҳанд, равишҳои нави методологӣ заруранд, ки бояд нисбат ба қонуниятҳо ва робитаҳои асосии ин равандҳо тасаввуроти комилро ба вуҷуд оранд.

Ба андешаи мо, алгоритми умумии муайяннамоӣ ва таҳлили чунин тағйироти фазоӣ дар низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазири (депрессивӣ), аз маълум намудани имкониятҳои кластеризатсия вобаста ба шароити иқтисодӣ, сохтори иқтисодиёти низоми иҷтимоию иқтисодӣ, мавқеи гурӯҳи ноҳияҳое, ки дар сохтори соҳавии иқтисодиёти миллӣ минтақаро ташкил медиҳанд, иборат аст.

Дар амалияи ҷаҳонӣ самтҳои сиёсати давлатӣ барои бартарафсозии марҳилаи осебпазир (депрессивии) инкишоф дар шароити рушди осебпазир таҳия шудаанд. Пеш аз ҳама, инҳо минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) мебошанд, ки чун қоида, дар минтақаҳои рукуд бо инфрасохтори суст инкишофёфта таъсис дода мешаванд. Дар баробари ин давлат саъй мекунад, ки шароитеро фароҳам оварад, ки ба рушд, диверсификатсияи соҳаҳои мавҷуда мусоидат намуда, истеҳсолотро ба талаботи бозори дохилӣ равона созад ва ба ин васила ҷойҳои нави корӣ таъсис диҳад.

Вобаста ба ҷанбаи мавзуи тадқиқоти мазкур бояд қайд кард, ки низоми имтиёзҳое, ки ба минтақаи озоди иқтисодӣ дода мешавад, бояд ҳамчун воситаи амалӣ намудани бартариҳои мавҷудаи як низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир хизмат кунанд, на ҳамчун механизм барои ҷуброни камбудиҳо ё омилҳои вуҷуднадоштаи рушд, ки имкон медиҳад «нуқтаҳои рушд» ҷудо карда шуда, сармояи хориҷӣ ба онҳо ҷалб карда шавад, ташкили кластерҳои ҳудудӣ, ки барои рушди рақобатпазирии минтақа, диверсификатсияи иқтисодиёт, яъне барои бартараф кардани ҳолати такони бузурге маҳсуб меёбад, ҳавасманд гардонида шавад.

Зимни гузариши низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир ба сенарияи рушди инноватсионӣ монеаи асосӣ ин маҳдудияти захираҳои молиявӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти соҳибкорони ватанӣ барои

рушди инноватсия маблағҳои шахсии худро надоранд. Истифодаи қарзҳои бонкӣ барои рушди инноватсияҳои ояндадор бинобар хавфҳои зиёд ва пардохтҳои зиёд барои захираҳои қарзӣ душвор мебошад.

Бояд тазаккур диҳем, ки «соҳаҳои асосии иқтисодиёти реалии Точикистон дар солҳои пеш аз бозсозӣ саноати сабук ва хурокворӣ буданд, ки дар маҷмуъ дар соли 1970 - 73,3 фоиз, дар соли 1980 - 64,5 фоиз ва дар соли 1990 - 57,3 фоизи маҳсулоти саноатро ташкил медоданд[28]». Бинобар ин, ба андешаи мо, дарояндаи наздик соҳаҳои номбурда бинобар аҳамияти хоса доштаашон, диққати бештареро тақозо менамоянд ва айнан ҳамин соҳаҳо муайянкунандаи рушди миллӣ ва асоси рушди минтақаҳои кишвар аст, алалхусус минтақаҳое ки барои тадқиқ ҷудо карда шудаанд.

Ҳангоми таҳия кардани масъалаҳои таъминоти захиравии роҳандозии чунин барнома на танҳо имконияти аз буҷетҳои ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ гирифтани субвенсияю дотатсияҳо, балки проблемаҳои истифодаи пуршиддати манбаъҳои ғайримарказонидашудаи захираҳоро барои татбиқи амалии барномаҳои ҳамкории байниминтақавӣ (байнимаъмурӣ) низ ба назар гирифтан лозим меояд. Афзалиятҳои интихобшуда бояд бо ҳисобкуниҳои тавозунии захираҳои молиявӣ, меҳнатӣ ва моддӣ асоснок ва тақвият дода шаванд.

Барои низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирӣ (депрессивӣ), дар марҳилаи таҳия намудани барнома, таҳияи як қатор барномаҳои байниминтақавӣ, аз ҷумла барномаҳои мусоидат ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, сармояи инсонӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, соҳибкорӣ, бахши воқеии иқтисодиёт, корхонаҳои давлатӣ, ки татбиқи онҳо метавонад воситаи танзими афзоиши даромад дар низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир гардад, мувофиқи матлаб мебошад.

Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати минтақавии дуруст ташаккулнаёфта нисбат ба низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) вуҷуд дорад: ҳадафҳо ва афзалиятҳои рушд муайян карда

---

[28] Джуразода Т. Стратегическое управление процессом обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан [Текст] / Т. Джуразода. – Душанбе, 2016. – 46 с.

нашудаанд; тадбирҳои алоҳида ба амал баровварда мешаванд, ки аксаран ба он вобаста нестанд ва барои расидан ба мақсад кам таъсир мерасонанд. Чунин танзим метавонад боиси боқӣ мондани ақибмондагии рушди иҷтимоию иқтисодии як қисми зиёди минтақаҳои маъмурии кишвар гардад.

Набудани чунин барномаҳо метавонад ҳиҷрати назарраси кадрҳои соҳибихтисосро аз низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) ба минтақаҳои дорои сатҳи зиндагии баландтар барангезад, ки ин ҳолат боиси паст шудани сифати молҳои истеҳсолшуда ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ гардида, бунёди истеҳсолоти нав ва нуқтаҳои рушдро душвор мекунад ва боиси суст шудани суръати тараққиёти иқтисодии минтақаҳои дорои низоми иҷтимоӣ-иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) мегардад. Доираи сарбастае ба вуҷуд меояд: ба туфайли амали механизми иртиботи баръакс, ҳама гуна амалҳо барои тадриҷан ислоҳ кардани вазъият онҳоро аз ҳолати буҳронӣ (депрессивӣ) берун намебароранд. Инчунин консепсияи танзими рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи буҳрониро таҳия кардан лозим аст, ки дар асоси таҷрибаи ватании идоракунии минтақаҳои маъмурии давраи шӯравӣ ва таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои ба ҳолати устувор ва масири тараққиёт овардани чунин низомҳо асос ёфтааст.

Суст ба роҳ монда шудани низоми банақшагирии рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ боиси ба инобат гирифта нашудани як қатор омилҳои муҳим мегарданд, ки ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Дар нақшаҳои рушди стратегии МОИ барои солҳои дарозмуддат ва миёнамӯҳлат бояд ба инфрасохтори баландсифати асосӣ (аз ҷумла, неруи барқ, обтаъминкунӣ, нобудкунии партовҳо, нақлиёт ва долонҳо, телекоммуникатсияҳо, аз ҷумла Интернет) ва дастрасии комил ба он бо нақша ба инобат гирифта шавад.  То он андозае, ки инфрасохтори асосӣ «моли ҷамъиятӣ» маҳсуб меёбад, он бояд аз ҷониби ҳукумат, эҳтимолан бо ҷалби баъзе субъектҳои бахши хусусӣ, аз ҷумла шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва маблағгузорӣ дар асоси модели дахлдори ҳаққи корбар таъмин карда шавад,

яъне дар барномаю стратегияҳои давлатии рушд барои давраи дарозмуддат ва миёнамӯҳлат бояд ба нақша гирифта шуда бошанд.

Ҳамин тариқ, бахши назариявии диссертатсияро дар боби истифодаи самараноки МОИ чунин хулоса намудан мумкин аст, ки:

1. Дар кишварҳое, ки дар он МОИ самаранок истифода мешавад, принсипҳои таъсис ва фаъолгардонии МОИ қатъиян риоя карда мешаванд ва, чунин принсипҳо дар бахши 3.3, баъд аз таҳлили амиқтари таҷрибаи истифодаи он дар кишвари мо, нишон дода мешаванд.

2. Ягонагии мазмуни барномаҳои мавҷудаи рушди минтақаҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамаи намуди минтақаҳо боис шудааст, ки онҳо самараи матлуб намедиҳанд. Аз ин рӯ, зарурати таҳияи консепсияи танзими рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир дар асоси таҷрибаи ватании идоракунии минтақаҳои маъмурии давраи шӯравӣ ва таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои ба ҳолати устувор ва масири тараққиёт овардани чунин низомҳо асоснок карда шудааст.

# БОБИ 2. АСОСҲОИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ИДОРАКУНӢ ДАР НИЗОМҲОИ ОСЕБПАЗИРИ МИНТАҚАИ ҶАНУБИИ НАЗДИСАРҲАДИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1. Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи осебпазир

Барои нигоҳ доштани вазъияти иқтисодии системаҳои осебпазир аз тамоми имкониятҳо истифода бурда, то ҳадди имкон ба захираю имкониятҳои дохилии ноҳия такя кардан зарур аст. Бояд қайд намоем, ки барои арзёбии сатҳи рушди минтақаҳо дар сарчашмаҳои гуногун ва тадқиқоти гуногун гурӯҳи зиёди нишондиҳадаҳо оварда мешаванд. Ва, дар чунин гурӯҳи нишондиҳандаҳо ҷамъи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва сиёсӣ истифода карда мешаванд. Дар натиҷа, нишондиҳандаҳои интегралии мантиқан вобасташуда ҳисоб карда шуда, мувофиқи он арзёбии сатҳи рушди минтақаҳо анҷом дода мешаванд. Масалан, шохиси рушди инсонӣ аз интегратсияи се нишондиҳа ҳисоб карда мешавад: (1) маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ, (2) нишондиҳандаи рушди маориф ва (3) нишондиҳандаи дарознокии умри инсон[29]. Дар баъзе аз тадқиқоти анҷомдодашуда ҷиҳати баррасӣ ва арзёбии сатҳи рушди минтақаҳои кишвар, бахусус минтақаҳои ҷануби он, банда низ иштирок кардаам[30].

Бештари аз олимони шинохтаи ватанӣ бар он назаранд, ки ҷаҳонишавӣ, ки раванди бебозгашт аст, талаби рушди босубот дар самти рушди соҳаҳои саноат мебошад ва «Зарурати воридшавии муваффақона ба раванди ҷаҳонишавӣ ва кам кардани таъсири манфии он ба иқтисодиёту сатҳи зиндагии

---

[29] Человеческое развитие [Текст]: курс лекций / коллектив авторов. Под общей редакцией Р.М. Бабаджанова. – Душанбе: ООО «Фарзин 2012», 2012. - 200 с.; Неруи иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи рушди инсон [Матн]: бо забони тоҷикию русӣ / Зери назари Р.М. Бобоҷонов, А.Л. Алимов. - Қисми аввал. – Душанбе: «Фарзин», 2013. - 384 с.; Неруи иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи рушди инсон [Матн]: бо забони тоҷикию русӣ / Зери назари Р.М. Бобоҷонов, А.Л. Алимов. - Қисми дуюм. – Душанбе: «Фарзин», 2013. - 252 с.

[30] Свободные экономические зоны как инновационная форма решения региональных проблем социально-экономического развития (по результатам социо-экономического исследования [Текст] / Коллектив авторов. - Душанбе, ГУП «МАТБАА», 2021. - 135 с.

аҳолӣ талаб мекунад, ки сиёсати иқтисодии кишвар, аз ҷумла сиёсат дар соҳаи саноат самаранок пеш бурда шуда сохтори иқтисодиёт ва фаъолияти соҳаҳои он дуруст ба роҳ монда шавад»[31].

Албатта бо чунин ақида розӣ ҳастем, бешак рушди минтақаҳои кишвар аз сатҳи рушди саноат вобастагии амиқ дорад. Татбиқи чунин ақида дар арзёбии сатҳи рушди минтақаҳо маънои ҳисоби саҳми саноат дар ҳаҷми маҷмум маҳсулоти минтақавӣ дорад. Ва, то андозае дар диссертатсияи худ барои ба инобат гирифтани ҳисоби саҳми саноат дар рушди минтақаҳои кишвар анҷом дода шудааст. Аммо, имрӯзҳо мушкилоти ҳисоби нишондиҳандаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ вуҷуд дорад, ки натиҷаи ақидаҳои мухталиф барои ҳисоби он ва қарори ҳисоби он аст.

Бо таассуф қайд менамоем, ки дар натиҷаи мавҷуд набудани фикри ягона ва қарор оид ба ҳатмӣ будани ҳисоби он, чунин як нишондиҳанда муҳим ва интегралии арзёбии сатҳи рушди минтақаҳо истифода карда намешавад ва, чунин ҳолат ба манфиати кор дар ҷодаи арзёбии сатҳи рушди минтақаҳо намебошад. Дар шароити имрӯза, чунин нишондиҳанда дар сатҳи вилоятҳо ҳисоб мешавад ва дар маҷмааҳои оморӣ нишон дода мешавад, дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо низ ҳисоб карда мешавад (ба ҳар ҳол аз таҷрибаи мо дар шӯъбаи тадқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи таҳияи барномаҳои миёнамуҳлати рушди минтақаҳои кишвар, чунин ҳисобро мушоҳида кардаем), аммо расман на дар барномаҳои миёнамуҳлати рушди минтақаҳои кишвар ва, на дар маҷмааҳои оморӣ ин нишондиҳанда ҳисоб карда намешавад, ва мувофиқан, истифода карда намешавад.

Аз ҷумлаи таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии таҳлили мушкилоти идоракунӣ дар системаҳои осебпазири иҷтимоию иқтисодӣ индексҳои маҷмуии вазъи иҷтимоию иқтисодии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар илми иқтисоди ватанӣ пешниҳод гардиданд, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст (ҷадвали 2.1.).

---

[31] Раҳимзода Ш. Ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди миллӣ [Матн] / Ш. Раҳимзода. – Душанбе: «ЭР-граф», 2019. – 102 с.

**Ҷадвали 2.1. - Индексҳои маҷмуии вазъи иҷтимоию иқтисодии деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Мазмуни Индекси маҷмуӣ | Шумораи ноҳияҳо, адад. | Ҳиссаи аҳолӣ дар маҷмуъ, % | Шакли ҳолати арзёбишуда | Номгӯи ноҳияҳо |
|---|---|---|---|---|
| Камтар аз параметрхои миёнаи ҷумҳуриявӣ то 50 фоиз | 24 | 31,4 | Хеле хатарнок - буҳронӣ | **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** - Ваҳдат, Лахш, Нуробод, Шаҳринав<br>**Ноҳияҳои вилояти Суғд** – Кӯҳистони Мастчох, Ҷ. Расулов<br>**Ноҳияҳои вилояти Хатлон-** Бохтар, Вахш, Ҷомӣ, Дӯстӣ, Қубодиён, Қумсангир, Панҷ, Ҳамадонӣ, Н.Хусрав, Хуросон, Ёвон<br>**Ноҳияҳои ВМКБ**- Ванҷ, Дарвоз, Ишкошим, Мурғоб, Роштқалъа, Рӯшон, Шуғнон |
| аз 51 то 100% | 26 | 46,0 | Хавфнок - наздик ба буҳронӣ | **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** - Ҳисор, Рашт, Рӯдакӣ, Сангвор, Тоҷикобод, Файзобод<br>**Ноҳияҳои вилояти Суғд** - Ашт, Б. Ғафуров, Деваштич, Зафаробод, Истаравшан, Исфара, Конибодом, Матчоҳ, Ҷ.Расулов, Спитамен, Панҷакент, Шаҳристон<br>**Ноҳияҳои вилояти Хатлон** - Балҷувон, Восеъ, Кӯлоб, Муминобод, Ҷ.Балхӣ, Темурмалик, Ховалинг, Н.Хусрав, Шаҳртуз, Ш.Шоҳин |
| аз 101 то 150% | 0 | | Нисбатан хавфнок | - |
| Зиёда аз 150% | 7 | 8,1 | Нисбатан хуб | **Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** – Варзоб, Турсунзода, Роғун<br>**Ноҳияҳои вилояти Суғд** - Айнӣ<br>**Ноҳияҳои вилояти Хатлон** – Данғара, Норак, Сарбанд |
| Ҳамагӣ | 58 | 85,5 | | |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва методологияи баҳодиҳӣ [Матн]: монография / Таҳти таҳрири умумии Саидмуродов Л.Ҳ. – Душанбе: Ирфон, 2012. - 125 с.

Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати минтақавии дуруст ташаккулнаёфта нисбат ба низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) вуҷуд дорад: ҳадафҳо ва афзалиятҳои рушд муайян карда

нашудаанд; тадбирҳои алоҳида ба амал бароварда мешаванд, ки аксаран ба он вобаста нестанд ва барои расидан ба мақсад кам таъсир мерасонанд. Чунин танзим метавонад боиси боқӣ мондани ақибмондагии рушди иҷтимоию иқтисодии як қисми зиёди минтақаҳои маъмурии кишвар гардад.

Инчунин консепсияи танзими рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи бухрониро таҳия кардан лозим аст, ки дар асоси таҷрибаи ватании идоракунии минтақаҳои маъмурии давраи шӯравӣ ва таҷрибаи хориҷӣ дар татбиқи бомуваффақияти лоиҳаҳои ба ҳолати устувор ва масири тараққиёт овардани чунин низомҳо асос ёфтааст. Мақсади асосии консепсия дар давраи миёнамуҳлат хеле кам кардани шумораи низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) ва ҳамзамон афзоиши назарраси ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли маҷмӯи махсулоти дохилии кишвар мебошад.

Самтҳои асосии таҳияи консепсияи такмилоти низоми иҷтимоӣ-иқтисодии мазкур аз инҳо иборатанд:

- муайян кардани низомҳои афзалиятноки иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир, ки дар онҳо ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва масъалаҳои амнияти миллиро дигар ба таъхир андохтан мумкин нест;

- таҳияи барномаҳои дарозмуҳлати ҷумҳуриявии батанзимдарории рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир, дар онҳо сохтани «нуқтаҳои рушд», истеҳсолоти нав, ки дар маҷмуъ ҷаҳиши сифатиро дар пешрафти иқтисодиёт таъмин мекунанд ва фавран татбиқ намудани онҳоро дар амалияро тақозо менамояд;

- муайян намудани номгӯи тадбирҳои дастгирии иҷтимоии аҳолии низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир, махсусан минтақаи надисарҳадии ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузорӣ мешаванд;

- ташкили мониторинги динамикаи равандҳои иҷтимоию иқтисодии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи осебпазир.

Бинобар ин, дар баробари истифодаи ҳадди ақали нишондиҳандаҳои интегралии рушди минтақаҳо, дар ҳамин бахши диссертатсия аз рӯи омилҳои

зерин: роҳ ва нақлиёт; коммуникатсия – алоқа ва муҳити иттилоотӣ; низоми таъминоти барқ, арзёбии гурӯҳи минтақаҳои интихобгардида анҷом дода мешавад.

**Омилҳо ва воситаҳои идоракунии низоми иқтисодии ноҳияи Қубодиён.**

Ноҳияи Қубодиён дар ҷанубу ғарби вилояти Хатлон, дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир аст. Масоҳати умумии ноҳия 1,85 ҳазор километри мураббаъро ташкил медихад. Ноҳияи Қубодиён аз шимол ба ҷануб дар соҳили дарёи Кофарниҳон ҷойгир шуда, дар шимол бо ноҳияи Рӯдакӣ, дар шарқ бо ноҳияи Дӯстӣ, дар ғарб бо ноҳияи Шаҳритуз ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст.

Шумораи аҳолии ноҳияи Қубодиён ба санаи 1 январи соли 2021- 195,1 ҳазор нафарро, ё ин ки 5,6 % аҳолии вилояти Хатлонро (аз ҷумла мардҳо – 96000 нафар, ё ин ки 49 фоиз, занҳо – 99,100 нафарро, ё ин ки 51 фоиз) ташкил медиҳад, ки асосан дар деҳоти ноҳия зиндагӣ менамоянд.

**Ҷадвали 2.2. - Аҳолии ноҳияи Қубодиён аз рӯи ҷамоатҳои ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2021.**

| Номгӯи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот | Шумораи хоҷагиҳо | Шумораи аҳолӣ |
|---|---|---|
| Ҷ/ш Қубодиён | 1684 | 12140 |
| Ҷ/д Заркамар | 2224 | 16807 |
| У.Назаров | 3238 | 24534 |
| И.Ниёзов | 2470 | 21083 |
| Н.Хусрав | 3229 | 29316 |
| 20-солагии Истиқлол | 4173 | 35554 |
| Тахти Сангин | 4928 | 43768 |
| Навобод | 1336 | 11898 |
| **Ҳамагӣ:** | **23282** | **195100** |

**Сарчашма:** Барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Қубодиён соли 2021-2025. – С. 7.

Роҳу нақлиёт. Дар ноҳияи Қубодиён 178,5 километр роҳи автомобилгард мавҷуд аст, ки аз ин 34,5 километраш роҳҳои таъиноти ҷумҳуриявӣ ва 144 километраш роҳҳои маҳаллӣ мебошад. Аз сабаби нарасидани маблағе, ки барои нигоҳубини роҳҳо ҷудо карда мешавад, дар давоми 30 соли охир ҳолати онҳо хеле бад шудааст. Роҳҳои аҳолинишин дар тавозуни Корхонаи фаръии давлатии хоҷагии манзилию коммуналии ноҳия ва роҳҳое, ки ба ҷамоату деҳот мебаранд, дар тавозуни Идораи давлатии нигоҳубини роҳҳои автомобилгарди ноҳия қарор доранд. Роҳҳои дохилии район ва роҳҳои деҳот ба таъмири асосӣ эҳтиёҷ доранд. Солҳои охир дар ноҳия аз ҷониби аҳолӣ таъмиру барқарорсозии роҳҳо бо усули ҳашар амалӣ карда мешавад.

**Ҷадвали 2.3. – Нақлиёт дар ноҳияи Қубодиён дар соли 2021**

| | |
|---|---|
| Миқдори умумии нақлиёт | 6799 |
| Аз ҷумла боркаш | 485 |
| Мусофирбарҳо | 121 |
| Сабукравҳо | 5928 |

**Сарчашма**: Барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Қубодиён соли 2021-2025. - С. 20.

Дар ноҳия 1 муассисаи нақлиётӣ фаъолият мекунад. Илова бар ин, дар ноҳия ду ҷамъияти нақлиётӣ оид ба ҳамлу нақли бор ва мусофирон низ фаъолият доранд. Дар ноҳия 1 пойгоҳи мусофирбари «Сорбонқалъа» мавҷуд аст, ки ба хатсайрҳои байниноҳиявӣ ва дохилиноҳиявӣ хизмат мерасонад. Ҳамаи молҳо ва маснуоти мавриди истеъмоли аҳолӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ кашонда мешаванд.

Қисми зиёди пулҳо ва роҳҳои мошингарди ноҳия, бахусус роҳҳои маҳаллӣ, ба таҷдид ва барқарорсозӣ ниёз доранд. Дар соҳаи хизматрасонии роҳ барои нигоҳубини 178,5 километр роҳ ҳамагӣ 34 нафар коргар кор мекунад, ки албатта, ин теъдод барои нигоҳ доштани сифати роҳҳо кофӣ нест. Дар умум, ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ меафзояд, вале бинобар сифати пасти роҳҳо ва баланд шудани нархи сӯзишворӣ ин рақамҳо хеле ба оҳистагӣ меафзоянд.

**Ҷадвали 2.4. – Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи нақлиёти ноҳияи Қубодиён.**

| Нишондиҳандаҳо | То санаи 1.08. 2021 | То санаи 1.08. 2021 | Бо % |
|---|---|---|---|
| Гардиши бор (ҳаз. тонна) | 315,6 | 315,3 | 100,1 |
| Мусофиркашонӣ (ҳаз. нафар) | 970,5 | 925,9 | 104,8 |

**Сарчашма:** Маҷмааи омории «Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои соли 2021.

Мушкилоти асосии соҳаи нақлиёт ва хоҷагии роҳ: ҳолати бади роҳу кӯпрукҳои маҳаллӣ, нарасидани таҷҳизоти замонавӣ барои барқарорсозии роҳҳо, нарасидани маблағ барои таъмири асосӣ ва ҷории роҳҳо, бахусус роҳҳои маҳаллӣ, зарурати таъмири техникаи мавҷуда, хароб шудани баъзе кӯпрукҳо дар натиҷаи офати табиӣ ва зарурати таъмири онҳо, вайрон шудани қабати асосии роҳҳои ноҳия, аз кор мондани воситаҳои техникӣ ва нарасидани таҷҳизоти замонавӣ дар муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Қубодиён.

Таъмини қувваи барқ. Бо қувваи барқ таъмин намудани аҳолӣ ба зиммаи шабакаҳои электрикии ноҳия гузошта шудааст. Дар фасли зимистон қувваи барқ бо реҷаи маҳдуд (тибқи лимит) дода мешавад. Дар фасли тирамоҳу зимистон танҳо ба иншооти иҷтимоӣ ва маъмурӣ неруи барқ бидуни махдудият дода мешавад.

Дар сурати бо иқтидори пуррааш кор кардани корхонаҳои саноатӣ иқтидорҳои мавҷуда ба қадри кифоя нест, ки ин боиси аз меъёр зиёд истифода бурдани имкониятҳои зеристгоҳҳои трансформаторӣ ва бисёр садамаҳо мегардад. Дар фасли тобистон бо қувваи барқ таъмин намудани аҳолӣ ва корхонаҳо ба талабот пурра ҷавоб дода наметавонад, дар фасли зимистон талаботи аҳолӣ ба қувваи барқ танҳо ба андозаи 35 дарсад қонеъ гардонда мешавад. Сабаби асосӣ ин набудани қувва мебошад.

Мушкилоти асосие, ки дар ин самт мушоҳида мешавад, зиёда аз меъёри муқарраршуда истифода бурдани қувваи барқ мебошад. Ҳоло дар фасли

зимистон бо сабаби аз меъёр зиёд истифода шудани неруи барқ ва талаботи рӯзафзуни аҳолӣ, зеристгоҳҳои мавҷуда имкони пурра ва саривақтӣ бо неруи барқ таъмин намудани аҳолиро надоранд.

Алоқа ва муҳити иттилоотӣ. Яке аз муассисаҳои алоқаи ноҳия нуқтаи қитъаи техникии филиали ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и ноҳияи Қубодиён мебошад. Шумораи умумии коргарон 12 нафарро ташкил медиҳад. Барои беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии соҳа айни замон дар ноҳия 1 зеристгоҳ бо 1200 шумора ва 280 адад дастгоҳҳои телефонҳои собит мавҷуд аст. То ҳанӯз дар баъзе ҷойҳо хатти телефон нест. Аз ҷумла, ин мушкилот дар деҳоти «Гузари Боло», «Ахча», «Арабхона», «Киёт» -и ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ва ҷамоатҳои деҳоти ба номи И.Ниёзов, Тахти Сангин мушоҳида мешавад. Барои таъмин намудани аҳолии ин деҳаҳо бо хизматрасонии алоқаи телефонӣ симҷӯбҳо, ноқилҳо ва дигар намудҳои таҷҳизоти рақамиро харидан лозим аст.

Айни замон бештари аҳолии ноҳия аз шабакаҳои мобилии «Tcell», «Вавилон», «Мегафон», «Zet-Mobile» истифода мебаранд. Дарозии хатҳои байниноҳиявӣ ва ноҳиявии телефонӣ 1 километр аст.

Дар ҳудуди ноҳияи Қубодиён барномаҳои телевизионии Шабакаи аввал, ТВ Сафина, ТВ Баҳористон ва Ҷаҳоннамо пахш мешаванд. Фарогирӣ тавассути телевизион 95 фоизи аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад. Илова бар ин, дар ноҳия марказҳои хусусии хизматрасонии интернетӣ фаъолият доранд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи соҳа кашидани сими оптикию нахии телефонӣ ва насби як адад зеристгоҳи телефони рақамии дорои 100 рақам дар ҷамоати деҳоти ба номи Н.Хусрав ва И. Ниёзов, зеристгоҳи рақамӣ бо 100 рақам дар ҷамоати деҳоти «20 солагии Истиқлолият» мебошад.

**Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи иқтисодии ноҳияи Панҷ.**

Ноҳияи Панҷ дар қисмати ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Масоҳати умумии ноҳия 900 километри мураббаъро ташкил медиҳад, ки ин 0,4 дарсади масоҳати

умумии вилояти Хатлонро ташкил медиҳад. Дарёи Панҷ аз ин мавзеъ ҷорӣ шуда, ноҳияро аз Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҷудо мекунад.

Масофаи байни ноҳияи Панҷ то маркази вилояти Хатлон – шаҳри Бохтар 107 км, то шаҳри Душанбе - 206 км мебошад.

**Ҳолати демографии ноҳия.** Шумораи аҳолии доимӣ ба 1 январи соли 2021 дар умум 124 ҳазор нафарро ташкил дод, ки ин 3,5 фоизи аҳолии вилояти Хатлонро ташкил мекунад.

Масъалаҳои таъминот бо барқ. Аҳолӣ ва корхонаҳои ноҳия бо шабакаҳои барқӣ пурра фаро гирифта шудаанд. Корхонаи «Шабакаҳои барқии ноҳияи Панҷ» ба идоракунии шабакаҳои барқӣ машғул аст. Дар тавозуни корхона 187 зеристгоҳи барқӣ ва хатҳои интиқоли барқ (ХИБ) 6-10 кВт - 316,24 км, инчунин ХИБ 0,4 кВт - 736,3 км мавҷуд аст. Умуман, дар ноҳия 251 адад зеристгоҳи барқии 6-10 киловатта мавҷуд аст, ки аз он 64 адад ба хоҷагиҳо ва ташкилотҳои гуногун тааллуқ дорад.

Проблемаҳои асосии бо барқ таъминкунии ноҳия:

- мунтазам аз кор баромадани зеристгоҳҳо ва шабакаҳои таъминоти барқ дар асари аз меъёр зиёд истифода бурдан, инчунин фарсудашавӣ ва ба таъмир ниёз доштани онҳо;
- ба миқдори зарурӣ нарасидани қисмҳои эҳтиётии таҷҳизоти барқӣ ва барои аҳолӣ қимат будани он;
- таъмири иншоотҳо, дастгоҳҳои тозакунӣ ба роҳ монда нашудааст.

Роҳҳо. Дар ҳудуди ноҳия ҳамагӣ 284,2 километр роҳҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ мавҷуданд. Солҳои охир аз сабаби набудани маблағҳои зарурӣ дар аксари қитъаҳои роҳ (зиёда аз 25 сол) таъмири ҷорӣ ва асосӣ анҷом дода нашудааст. Дар натиҷаи истифодаи дурудароз қабати болоии роҳ фарсуда шуда, ба барқарор кардан ниёз дорад.

Ҳолати умумии соҳаи нақлиёт. Дар ҳоли ҳозир нақлиёти ҷамъиятӣ ва ҳамлу нақли бор дар ноҳия комилан хусусӣ карда шуда, дар ин бахш 62 нафар соҳибкор хизмат мерасонанд. Дар ноҳия ҳамагӣ 2618 автомобил ба қайд гирифта шудааст, ки 2527-тои он ба соҳибкорон, аҳолӣ ва ташкилотҳои

ғайриҳукуматӣ тааллуқ дорад. Аз шумораи умумии воситаҳои нақлиётии мавҷуда 311 адад мошинҳои боркаш, 2279 адад мошинҳои сабукрав ва 26 адад автобусу микроавтобусҳо барои кашонидани мусофирон мебошанд. Мусофиркашонӣ дар ноҳия аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ анҷом дода мешавад. Музди меҳнати миёнаи онҳо 321 сомониро ташкил медиҳад.

Алоқа ва муҳити иттилоотӣ. Дар ҳудуди шаҳрак ва деҳоти ноҳия бо истифода аз антеннаи моҳвораӣ 4 барномаи давлатии телевизиони дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла «Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо» ва «Баҳористон» пахш мешавад. Илова бар ин, аҳолии ноҳия ба мавҷҳои радиоии «Тоҷикистон» дар мавҷи 102,7FM, «Садои Душанбе» дар мавҷи 102,2FM, «Фарҳанг» дар мавҷи 106FM, инчунин «Овози тоҷик» дар мавҷи 107.5FM дастрасӣ доранд.

**Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи иқтисодии ноҳияи Дӯстӣ**.

Ноҳияи Дӯстӣ дар қисматии ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Масоҳати умумии ноҳияи Дӯстӣ 1225,8 километри мураббаъро ташкил медиҳад.

Масофаи байни маркази ноҳия то маркази вилоят 46 километр, то шаҳри Душанбе 150 километр мебошад.

Дар ноҳия 6 ҷамоати деҳот мавҷуд аст. Маркази ноҳия – шаҳраки Ҷиликӯл мебошад.

Аҳолии ноҳияи Дӯстӣ 122000 нафарро ба аввали соли 2021 ташкил медиҳад, ки 63 ҳазор нафарро мардон ва 59 ҳазор нафарро занон ташкил медиҳанд. Ноҳия кишоварзӣ буда, 93,7 дарсади аҳолӣ дар деҳот ва 6,3 дарсад дар шаҳрак зиндагӣ мекунанд.

Шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 40 дарсад, 18 дарсад дар муҳоҷирати меҳнатӣ, 42 дарсад бекорон мебошанд. Дар се соли охир шумораи бекорон 11 дарсад ва муҳоҷирони корӣ 20 дарсад афзудааст. Афзоиши шумораи бекорон метавонад ба иқтисоди кишвар таъсири манфӣ расонад. Барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва таъмини аҳолӣ бо ҷойи кори доимӣ дар барномаҳои

рушди ноҳия бозсозии корхонаҳои коркарди пахта ва нахи он, меваю сабзавот пешбинӣ шудааст.

**Ҷадвали 2.5. – Баъзе нишондиҳандаҳои шуғл, бекорӣ дар ноҳияи Дустӣ дар санаи 1 январи соли 2021**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2018 | 2020 |
|---|---|---|---|
| Кормандони кироя, нафар | 17300 | 18992 | 20280 |
| Бекорон, нафар | 3985 | 3474 | 3142 |
| Музди меҳнати миёнаи ҳармоҳа, сомонӣ | 484,20 | 795,25 | 903,4 |

**Сарчашма:** Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: маҷмуаи омории / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2021. – С. 72.

Барқтаъминкунӣ. Дар ноҳия 9 зеристгоҳи таъмини қувваи барқ амал мекунад. Бар асари нарасидани гази табиӣ ва гаронии қимати ангишт, аҳолии ноҳия, бахусус дар фасли сармо, аз неруи барқ ба таври барзиёд истифода мебаранд, ки ин омил ба зуд-зуд аз кор баромадани трансформаторҳо, хатҳои барқ ва шабакаҳои тақсимотӣ оварда мерасонад. Беҳтар намудани системаи бо қувваи барқ таъмин намудани аҳолӣ вазифаи асосӣ ва афзалиятнок барои ноҳия мебошад. Барои бунёди НБО-ҳои хурд тадбирҳо андешида мешаванд ва ин неругоҳҳо барои сармоягузорон аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок мебошанд, вале бо вуҷуди ин, раванди мазкур суст ҷараён дошта, қаноатбахш нест. Ноҳия барои сохтани неругоҳҳои барқи обии хурд ба шарикон ниёз дорад.

Обтаъминкунӣ. Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба оби босифат яке аз Ҳадафҳои асосии рушди устувор буда, барои ноҳия дар панҷ соли оянда самти афзалиятнок маҳсуб мешавад. Тибқи омори расмӣ 88 дарсади аҳолии ноҳияи Дӯстӣ ба оби ошомиданӣ дастрасӣ надоранд. Норасоии оби нӯшокӣ махсусан дар ҷамоатҳои «Г. Гулмуродов» ва «Навзамин» эҳсос мешавад.

Обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ ҳамчун манбаи таъмини оби нӯшокӣ хизмат мекунанд. Шабакаҳои обтаъминкунӣ солҳои 1960-1980 сохта шуда, 30-50 сол боз мавриди истифода қарор доранд. Аз сабаби солҳои дароз истифода бурдани он ҳолати техникии зиёда аз 75 дарсади системаи интиқоли оби нӯшокӣ ғайриқаноатбахш мебошад.

Роҳҳо ва нақлиёт. Дар ноҳия Муассисаи давлатии «Хоҷагии роҳ» мавҷуд аст, ки дар тавозуни он 235,3 километр шабакаи роҳ буда, 85 километр роҳҳои автомобилгарди ҷумҳуриявӣ, 150,3 километр роҳҳои маҳаллӣ, 16,4 километр роҳи оҳан ва 1 зеристгоҳи борфарорию боркуниро дарбар мегирад.

Мушкилоти асосии ин муассиса нарасидани таҷҳизоти нави техникӣ мебошад. Зиёда аз 40 фоизи таҷҳизоти дар қитъа мавҷудбуда фарсуда ва таъмирталаб аст.

Қисми зиёди пулҳо ва гузаргоҳҳои ноҳия, хусусан роҳҳои маҳаллӣ, бояд аз нав барқарор ва таъмир карда шаванд.

Алоқа. Дар ноҳия шабакаҳои алоқаи мобилии ширкатҳои «Tcell», «Вавилон», «Мегафон», «Zet-Mobile», инчунин шуъбаи ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» амал мекунанд.

**Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи иқтисодии ноҳияи Фархор**.

Ноҳияи Фархор дар қисми ҷанубу шарқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъ буда, соли 1930 ҳамчун ноҳия таъсис ёфтааст. Дар шимол бо ноҳияҳои Восеъ, Данғара, дар ҷанубу ғарб бо ноҳияҳои Панҷ, Вахш ва ноҳияи Ҷ.Румӣ, дар шарқ бо ноҳияи Ҳамадонӣ ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад. Масоҳати умумии ноҳияи Фархор 1200 километри мураббаъ буда, шаҳраки Фархор маркази маъмурии ноҳия мебошад.

Тибқи маълумот дар соли 2021 дар ноҳия 51,2 ҳазор нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, дар соли Аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат 44,8 фоиз ба кор машғул буда, 8,1 фоиз дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд. Дар давоми солҳои 2016-2020 шумораи бекорон 8,2 фоиз кам гардидааст. Соли 2019-2021 ба Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ноҳия 1676 нафар шаҳрвандони бекор муроҷиат кардаанд (нисбат ба соли 2019 ба андозаи 15 нафар зиёд мебошад), ки аз онҳо 849 нафарашро занҳо ташкил медиҳанд. Аз 1676 нафар бекорони муроҷиатнамуда, 1192 нафар дар соҳаҳои гуногун бо кори доимӣ ва мавсимӣ таъмин карда шуданд.

Дар ноҳия, дар соли - 2021 музди меҳнати миёна 799,11сомониро ташкил медиҳад. Музди меҳнати камтарин дар бахши кишоварзӣ мушоҳида мешавад, ки сабади истеъмолии барои 1 нафар пешбинишударо фаро гирифта наметавонад. Музди ками маош боиси паст шудани ҳавасмандии коргарон ва тағйирёбии фаъолият (муҳоҷирати меҳнатӣ, тиҷорат), кор дар якчанд ҷойҳо мегардад.

**Нақлиёт ва роҳ.** Нигоҳдории роҳҳои дохилиноҳиявӣ ва роҳҳои аҳамияти ҷумҳуридошта ба зиммаи Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Фархор вогузор гардидааст.

Дар доираи татбики барномаи рушди ноҳия таҷдиду барқарорсозӣ ва бунёди роҳҳои нав, беҳтар намудани сифати роҳҳо, бунёди инфрасохтори замонавии нақлиётӣ, сохтмон ва таъмири роҳҳои дохилиноҳиявию маҳаллӣ пешбинӣ мегардад.

**Нақлиёти мусофиркаш.** Дар ноҳия 1 корхонаи нақлиётӣ ва терминали мусофирбарӣ дар асоси иҷозатномаи Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, ки ҳамаи онҳо дар даврони истиқлолият таъсис дода шудаанд. Ҳамчунин, дар ноҳия 10 нуқтаҳои хизматрасонии техникӣ фаъолият менамоянд.

Тибқи маълумот то охири соли 2020 ва аввали соли 2021 дар миқёси ноҳия 4430 адад воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ба қайд гирифта шудаанд. Дар ноҳия 85 микроавтобус дар хатсайри мусофирбарӣ ба деҳаҳо ва маркази ҷамоатҳо фаъолият мекунанд. (маълумотҳо аз барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Фархор соли 2021-2025 оварда шудааст).

Таъминоти муассисаҳои нақлиётӣ бо автобусҳои наву замонавӣ, мошинҳои сабукрави махсусгардонишадашуда (таксӣ), электробусҳои замонавӣ ва ба талаботи муосир ҷавобгӯй намудани хатсайрҳои дохилиноҳиявӣ, барои бартараф намудани мушкилоти мусофиркашонӣ ва фароҳам овардани шароити хуби хизматрасонӣ вобаста ба ҳамлу нақли борҳо ва ба роҳ мондани хизматрасонии босифат ба сокинону меҳмонони ноҳия мусоидат менамояд.

Дар ҳудуди ноҳияи Фархор барномаҳои телевизионии ТВТ, ТВ Сафина, Ҷаҳоннамо, Баҳористон ва барномаҳои радиои Тоҷикистон, Садои Душанбе пахш мешаванд. Ҳамчунин, аҳолии минтақа ба барномаҳои телевизионии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дастрасӣ доранд. Қисмати зиёди ноҳия ба намоишҳои телевизиони минтақавӣ ва вилоятӣ дастрасӣ надоранд.

Мушкилоти асосии соҳаи алоқа дар ноҳия инҳо мебошанд: фарсуда шудани симҳои алоқаи дохилиноҳиявӣ (аз соли 1964), фарсуда шудани симчӯбҳо, дастрасӣ надоштани аҳолӣ ба хизматрасонии алоқа, фарсуда ва таъмирталаб будани боми бинои корхона, набудани матбааи маҳаллӣ (рӯзномаҳо асосан дар нашриётҳои шаҳри Душанбе чоп карда мешаванд, ки ин боиси қимат шудани арзиши онҳо мегардад), нарасидани симҳои телефон.

Барқтаъминкунӣ. Аҳолӣ ва корхонаҳои ноҳияи Фархор бо қувваи барқ пурра таъмин мебошанд. Бояд гуфт, ки бинобар суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ, бунёди корхонаҳои саноатӣ, татбиқ нашудани системаи алтернативии энергетикӣ талабот ба неруи барқ рӯз то рӯз меафзояд. Иқтидорҳои мавҷудаи системаи таъминоти барқии ноҳия ба сарбории барқ (хусусан дар фасли зимистон) тобовар нест, ки ин боиси зиёд шудани ходисаҳои садама дар иншооти таъмини барқ мегардад.

Ба ноҳияи Фархор муассисаи таъминоти барқ хизмат мерасонад. Ин корхона 72 нафар коргар дорад, ки 9 нафари онҳо муҳандис мебошанд. Дар тавозуни корхона 2 зеристгоҳи трансформатории иқтидорашон 110/35/6 кВт ва 35/10 кВт мавҷуд аст. Ин зеристгоҳҳо дар худуди шаҳраки Фархор, деҳаҳои Гулшан ва Сурхоб воқеъ гардидаанд. Дарозии умумии хати таъминоти барқи ноҳиявӣ 10 кВт – 418 км ва 0,4 кВт – 804 км мебошад. Нокифоя будани дарозии хати интиқоли барқ, шиддати паст, номувофиқӣ ва фарсудашавии хатҳои интиқоли барқ дар таъмини барқ мушкилот эҷод карда, боиси талафоти неруи барқ мегардад.

Дар рафти назарпурсии муҳандисони маҳаллӣ, маълум гардид, ки барои беҳбуди таъмини неруи барқ дар ин ноҳия иваз кардани ноқилу симчӯбҳо ва

неругоҳҳои барқӣ ба навъҳои устувортар вазифаи афзалиятнок дониста мешавад.

**Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи иқтисодии ноҳияи Ҷайҳун**

Ноҳияи Ҷайҳун дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Масоҳати умумии ин ноҳия 1100 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Ноҳияи Ҷайҳун дар ҷанубу шарқ бо ноҳияи Панҷ, дар шимол бо ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ, дар ғарб бо ноҳияи Дӯстӣ ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Шумораи умумии аҳолии ноҳияи Ҷайҳун ба ҳолати 1 январи соли 2021 ҳамагӣ 145,6 ҳазор нафарро ташкил дод. Суръати афзоиши солонаи аҳолӣ 2,1 фоиз ва зичии аҳолӣ 133 нафарро дар 1 $км^2$ ташкил медиҳад. Ноҳия аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, 93 дарсади аҳолӣ дар деҳот ва 7 дарсад дар шаҳрак истиқомат доранд.Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар соли 2021 дар қиёс ба соли 2017 зиёдшавии шумораи аҳолии доимӣ ба 9,8 фоиз, аҳолии қобили меҳнат ба 4,5 фоиз мушоҳида гашта, муҳоҷирати меҳнатии бурунмарзӣ (аз рӯи маълумотҳои ҷамоатҳо) бошад 38 фоиз зиёд гардидааст. Новобаста аз ин, дар бисёр мавридҳо маълумотҳои мавҷуда акси воқеии ҳолати мавҷударо нишон дода наметавонад. Дар қиёс ба дигар ноҳияҳои вилоят ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани аҳолии қобили меҳнат (бахусус ҷавонони аз синни 18 то 30 сола) зиёдтар ба назар мерасад.

Афзалияти аввалия дар панҷ соли минбаъда барои дар оянда коҳиш додани ин раванд ва таъмин намудани аҳолӣ ба кори доимӣ, ба кор даровардани иқтидорҳои маҳаллӣ тавассути коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Барқтаъминкунӣ. Ҳамаи деҳаҳои ноҳияи Ҷайҳун ба шабакаи барқ пайваст карда шудаанд. Ин система аз 4 зеристгоҳи «Гане» 220/110/10 кВт, «Дӯстӣ» 110/35/10 кВт, «Қарадум» -110/35/6 кВт ва «Панҷи Поён»-6/10 км иборат аст.Таъмини аҳолии ноҳияро бо неруи барқ корхонаи «Шабакаҳои барқи ноҳияи Ҷайҳун» ва ҶСК «Шабакаҳои ҷанубӣ» ба ӯҳда доранд. Дар тавозуни «Шабакаҳои барқи ноҳияи Ҷайҳун» 226 адад тақсимкунакҳои неруи барқӣ ва

интиқоли барқ 60923,0 кВт, 10 кВт - 400 км хати интиқоли барқ, 0,4 кВт - 546,18 кВт, хати интиқоли барқи 10 кВ - 3,6 км мавҷуд аст.

Аз сабаби зиёд шудани шумораи нуқтаҳои аҳолинишин ва биноҳои истиқоматӣ ва зиёд шудани талабот ба қувваи барқ ҷамоатҳои мавҷуда имкони пурра таъмин намудани аҳолиро бо қувваи барқ надоранд. Дар ноҳия аз сабаби нарасидани гази табиӣ аҳолӣ аз қувваи зиёдатӣ истифода мебарад, ки ин боиси вайрон шудани трансформаторҳо, хатҳои интиқоли барқ ва системаҳои тақсимкунанда мегардад. Ин вазъият махсусан дар давраи тирамоҳу зимистон эҳсос карда мешавад.

Нақлиёт ва идораи роҳ. Хизматрасонӣ ба хоҷагии роҳҳои маҳаллӣ дар ноҳия ба зиммаи муассисаи давлатии нигоҳубини роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ҷайҳун буда, он ба Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ мебошад.Дар ноҳия 255,8 км роҳ мавҷуд аст, ки аз он 65,8 км аҳамияти байналмилалӣ (фурудгоҳи байналмилалии Душанбе – Панҷи Поён – сарҳади Афғонистон), 8,4 км роҳҳои ҷумҳуриявӣ ва 181,6 км роҳҳои маҳаллӣ мебошанд. Аз ин миқдор 8,1 километр роҳҳои қабати болоиаш бетонпӯш (бо сангу рег) ва 181,6 километр роҳи мумфарш бо пайроҳаҳо мебошанд.

Мушкилоти асосие, ки дар ин соҳа дида мешавад, дар ҳолати бад қарор доштани роҳҳои маҳаллӣ мебошад. Аз сабаби солҳои тӯлонӣ истифода бурдан ва таъмири саривақтӣ накардан аксари роҳҳо (72%) ва кӯпрукҳо (12%) таъмири асосӣ ва ҷориро тақозо мекунанд. Чунин мушкилот бештар дар роҳу пулҳои ҷамоати деҳоти Панҷ, дар деҳаи Кавракӣ ҷамоати деҳоти Истиқлол, байни деҳаи №2 ва деҳаи 8-и ҷамоати деҳоти Панҷ, деҳаи Орзуи ҷамоати деҳоти Қумсангир, деҳаи Бӯстони ҷамоати деҳоти Яккадин мушоҳида мешавад.

**Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи иқтисодии ноҳияи Ҳамадонӣ.**

Ноҳияи Ҳамадонӣ дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Масоҳати умумии ноҳия 509 километри мураббаъро ташкил медиҳад. Ноҳияи Ҳамадонӣ дар ҷанубу шарқ бо ноҳияи Фархор, дар шимол бо ноҳияи Восеъ, дар шарқ бо ноҳияи Ш.Шоҳин ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад мебошад.

**Аҳолӣ ва вазъи демографӣ.** Шумораи аҳолии ноҳия ба ҳолати 1 январи соли 2021 – 154,3 ҳазор нафар буда, аз ин шумора 77,5 ҳазор нафарро мардҳо ва 76,8 ҳазор нафарро занҳо ташкил менамоянд.

Барқтаъминкунӣ. Шабакаҳои барқии ноҳияи М.С.А. Ҳамадонӣ» соли 1998 ба шабакаи мустақили барқии ноҳия табдил дода шуд. Дар шабакаи барқии ноҳия 102 нафар мутахассис фаъолият дорад, ки аз ин 33 нафар кормандони муҳандисию техникӣ буда, ба 154,3 ҳазор аҳолии ноҳия ҷиҳати барқтаъминкунӣ хизматрасонӣ менамояд.

Нақлиёт ва хоҷагии роҳ. Дар ноҳияи Ҳамадонӣ ба масъалаҳои таъмиру таҷдид, нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ҳамадонӣ Раёсати нигоҳубини роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Ҳамадонӣ машғул мебошад.

**Ҷадвали 2.6. – Нақлиёт дар ноҳияи Ҳамадонӣ ба аввали соли -2021**

| **Нишондиҳандаҳо** | |
|---|---|
| Теъдоди автомошинаҳои шахсӣ | 2939 адад |
| Аз ҷумла сабукравҳо | 2245 адад |
| Боркашҳо | 831 адад |
| Дарозии роҳҳои дар тавозуни КВД «Хизматрасонии хоҷагии роҳ» қарордошта | 209,8 км |
| Аз ҷумла, аҳамияти байналхалқидошта | 13,0 км |
| аҳамияти ҷумҳуриявидошта | 13,1 км |
| аҳамияти маҳаллидошта | 183,7 км |
| Шумораи кормандони соҳа | 42 нафар |

**Сарчашма:** Барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ соли 2021-2025. - С. 48.

Намудҳои пӯшонидани қабати болоии роҳҳо дар ноҳия: дарозии роҳҳои мумфаршу бетонпӯш - 31,7 км, мумфарш - 118,8 км ва шағалпӯш - 59,8 км мебошад.

Дар маҷмуъ, дарозии роҳҳои гуногун 209,8 километрро ташкил медиҳад, ки 150 километри он таъмирталаб аст. Аз ҷумла, 10 километр роҳи мумфаршу бетонпӯш, 102 километр роҳи мумфарш ва 38 километр шағалпӯш ба таъмири асосӣ ниёз доранд.

Илова бар ин, дар ноҳия 52 пул бо дарозии 933 метр ва 250 адад қубурҳои дарозиаш 2671 метрро дорад. Дар ноҳия мум (асфалт) истеҳсол мешавад, аммо бинобар нарасидани иқтидорҳои техникӣ корхона фаъолияташро қатъ кардааст.

Алоқа ва муҳити иттилоотӣ. Дар ноҳия дар соҳаи алоқа филиали ҶСК «Тоҷиктелеком»-и ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ фаъолият мекунад, ки

дар он 22 коргар, аз ҷумла муҳандисони алоқа кор мекунанд. Ба аҳолӣ 3 нуқтаи гуфтушуниди байналхалқӣ хизмат мерасонад. Шумораи дастгоҳҳои телефонӣ дар ноҳия 1466 дона аст. Аҳолии ҷамоати шаҳраки Москва ва ҷамоати деҳоти ноҳия аз хизматрасониҳои шабакаҳои мобилии операторони «Tcell», «Вавилон», «Мегафон», «Zet-Mobile» истифода мебаранд. Дар ҳудуди ноҳияи Ҳамадонӣ 98,2% аҳолӣ ба барномаҳои телевизионии «Шабакаи аввал», «Сафина», «Баҳористон», «Ҷахоннамо», «ТВ - Хатлон» ва «РТР-Планета» дастрасӣ доранд. Дар ноҳия пахши барномаҳои радиои «Тоҷикистон», «Озодӣ» ва «Имрӯз» ба роҳ монда шудааст.

**Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи иқтисодии ноҳияи Шаҳритуз**

Ноҳияи Шаҳритуз дар ҷануби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буда, дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст.

Масофаи байни Шаҳритуз то маркази вилояти Хатлон 112 километр ва то шаҳри Душанбе 182 километр аст. Масоҳати умумии ноҳия 1520 километри мураббаъро ташкил медиҳад.

**Ҳолати демографии ноҳия.** Ба ҳолати аввали соли 2021 аҳолии ноҳияи Шаҳритуз –135,7 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолӣ 49 фоиз мард ва 51 фоиз зан мебошанд.

Нақлиёт. Барои ноҳияи Шаҳртуз роҳи автомобилгард воситаи асосии кашонидани молу бор ба ҳисоб меравад, ки тавассути он равобити иқтисодии дохилӣ ва берунии ноҳия таъмин мегардад.

Иртиботи ноҳия бо пойтахти ҷумҳурӣ ва маркази вилоят ба воситаи роҳи мошингарди Душанбе - Бохтар - Шаҳритуз сурат мегирад. Илова бар ин, роҳҳои маҳаллӣ Шаҳритуз - Султонобод, Шаҳритуз - Носири Хусрав, Шаҳритуз - фурудгоҳ ва Бинокор-Чилучорчашма бо дарозии умумии 94 км вуҷуд доранд. Ҳамчунин, аз ҳудуди ноҳия шоҳроҳи дорои аҳамияти байналмиллалии Шаҳритуз – Айваҷ бо дарозии 38,7 километр мегузарад.

Роҳҳои маҳаллӣ дар бобати хизматрасонии нақлиётӣ дар ноҳия нақши калон мебозанд. Дар байни хоҷагиҳои ноҳия ягон хатсайре нест, ки ин аз нуқтаҳои аҳолинишин ба самти маркази ноҳия рафтанро хеле душвор мегардонад.

Роҳҳои автомобилгарди ноҳия аз рӯи намуди қабати болоии роҳҳо чунин тасниф мешаванд:

- роҳҳои мумфарш ва бетонӣ - 72,6 км;
- бо қабати такмилёфта - 58,9 км;
- роҳи шағалпӯш - 1,9 км.

Бар замми ин, дар ҳудуди ноҳия 32 кӯпрук, аз ҷумла 7 кӯпрук дар роҳи автомобилгарди байналхалкии РБ- 11 Қизил Қалъа — Ҷарбуча ва 25 кӯпрук дар роҳҳои маҳаллӣ мавҷуданд. Аз 32 адад пули дар ноҳия мавҷудбуда 1 кӯпрук таъмир карда шуда, 31 пули боқимонда таъмирталаб аст.

Аз сабаби нарасидани маблағ ва солҳои тӯлонӣ нагузаронидани таъмири асосӣ роҳу кӯпрукҳои ин мавзеъ дар ҳолати ногувор қарор гирифта, ба таҷдиду сохтмон ниёз доранд.

Дар аксар нуқтаҳои аҳолинишин ва наздик ба заминҳои обӣ дар қад-қади роҳҳо қубурҳо гузаронда нашудаанд, ки аз ин сабаб об аз сатҳи роҳ баланд шуда, сабаби вайрон шудани роҳ мегардад.

**Омилҳо ва воситаҳои идоракунии системаи иқтисодии ноҳияи Шамсиддин Шоҳин**

Ноҳияи Шамсиддини Шоҳин дар ҷанубу шарқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳили дарёи Панҷ ҷойгир аст. Масоҳати умумии ноҳия 2300 километри мураббаъ буда, аз ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, аз шимолу ғарб бо Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ноҳияи Дарвоз), аз шимол бо ноҳияи Мӯъминобод, аз ғарб бо шаҳри Кӯлоб ва аз ҷануб бо ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳамсарҳад мебошад.

Масофа аз маркази ноҳия то шаҳри Кӯлоб - 32 км, то Бохтар - 197 км ва то шаҳри Душанбе - 237 км мебошад. Ноҳия 0,9 дарсади масоҳати умумии вилояти Хатлонро ишгол мекунад.

**Аҳолӣ ва вазъи демографӣ.**

Шумораи аҳолии ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ба ҳолати 1 январи соли 2021 – 57,7 ҳазор нафарро, аз ҷумла 49,6% занҳо ва 50,4% мардонро, ташкил медиҳад. Ба ҳайати ноҳия 7 ҷамоат шомиланд: ҷамоатҳои деҳоти Доғистон, Чагам, Саричашма, Нуриддин Маҳмудов, Даштиҷум ва Лангардара. Маркази ноҳия деҳаи Шӯрообод ба ҳисоб меравад.

Аз рӯйи мансубияти миллӣ 93,9 дарсади аҳолии ноҳияро тоҷикон ва 6,1 фоизашро намояндагони дигар қавму миллатҳо ташкил медиҳанд.

Барқтаъминкунӣ. Ба идоракунӣ ва хизматрасонии шабакаҳои барқи ноҳия корхонаи шабакаҳои барқи ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, ки дар тобеияти ҶСНК «ШБ Кӯлоб» қарор доранд, машғул ҳастанд.

Ҳоло дар шабакаҳои барқӣ 67 нафар фаъолият дошта, аз ин 10 нафарашон кормандони муҳандисию техникӣ, 14 нафар назоратчии шӯъбаи фурӯши барқ ва боқимонда навбатдорони зеристгоҳҳои барқӣ ва барқчиён мебошанд, ки ба аҳолии ноҳия хизмат мерасонанд

Шумораи умумии зеристгоҳҳои барқӣ дар ноҳия 170 ададро ташкил медиҳад, ки 100 адад дар тавозуни корхонаи мазкур, боқимонда 70 адад дар тавозуни дигар корхонаҳо қарор доранд. Микдори зеристгоҳҳои барқии 35/10 кВ - 3 адад иқтидорашон 11800 кВА ва зеристгоҳҳои барқии 35/04 кВ - 1 адад иқтидорашон 400 кВА мебошад. Дарозии умумии хатҳои интиқоли барқи 10-6 кВ 224 км, 0,4 кВ - 320 километрро ташкил медиҳад. Хатҳои интиқоли барқи 10 – 6 кВ ба воситаи шабакаҳои барқие гузаронда мешавад, ки дарозиашон 30 километр аст.

Бо назардошти маҳдудияти таъмини аҳолии ноҳия бо қувваи барқ дар фасли зимистон аҳолӣ асосан аз ҳезум, саргини хушк, ангиштсанг, сӯзишвории дизелӣ ва газ барои хӯрокпазӣ ва гармкунии манзили зист истифода мебарад.

Мунтазам афзудани арзиши қувваи барқ ба қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин рӯ, солҳои охир қарздории аҳолӣ аз неруи барқ меафзояд.

Нақлиёт ва роҳҳо. Алоқаи ноҳия бо маркази ҷумҳурӣ, вилоят ва ноҳияҳои ҳамсоя бо роҳи автомобилгарди Душанбе – Кӯлоб – Хоруғ сурат мегирад. Бо ёрии ин роҳ маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аз нуқтаҳои истеҳсол ва ҷойҳои коркард ба дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он фиристода мешавад.

Дар кори ба ҷо овардани хизматрасонии нақлиётӣ дар ноҳия шабакаи роҳҳои маҳаллӣ нақши калон мебозад, ки ин талаботро ба кашондани маҳсулот дар байни хоҷагиҳо қонеъ мегардонад.

Сарфи назар аз нишондиҳандаҳои мусбати соҳа, қисмати зиёди техникаи мавҷудаи нақлиётӣ фарсуда ва корношоям мебошад. Дар ин ҳолат истифодабарии техника барои кашондани мусофирон ва борҳо хавфнок дониста мешавад.

Роҳи маҳаллии автомобилгарди ноҳия (зиёда аз 68 километр), ки маркази ноҳияро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳахо мепайвандад, ба таъмиру азнавсозӣ ниёз дорад.

Дар ҳоли ҳозир иҷрои тарҳи бозсозии қитъаи 40-километрии роҳи Шӯрообод-Шоҳони роҳи Душанбе – Кӯлоб - Дарвоз – Хоруғ – Қулма - сарҳади Ҷумҳурии Халқии Хитой ба анҷом мерасад.

Алоқа ва муҳити иттилоотӣ. Дар соҳаи алоқа ва муҳити иттилоотии ноҳия филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком» корхонаи асосии соҳаи алоқа маҳсуб мешавад. Корхона бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин буда, бо ёрии он ба ноҳия хати нахи оптикӣ кашида шуда, ин ба муштариён имкон медиҳад, ки ба интернет ва почтаи электронӣ дастрасӣ пайдо кунанд.

Аз сабаби дурдаст будани ноҳия дастрасии аҳолӣ ба интернет маҳдуд мебошад. Дар ноҳия дастрасӣ ба интернет асосан тавассути хадамоти «Тоҷиктелеком» сурат мегирад. Азбаски дар ноҳия технология ва таҷҳизоти замонавӣ мавҷуд нест, сифати хизматрасонӣ ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ намебошад.

**Хулосаи зербоби якуми боби дуюм:**

1. Таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба оби босифат яке аз Ҳадафҳои асосии рушди устувор буда, барои

ноҳияҳо дар панҷ соли оянда самти афзалиятнок маҳсуб мешавад. Дар бештари ноҳияҳои бо таҳқиқ фарогирифташуда мушкилоти дастрасӣ ба оби ошомиданиро эҳсос менамоянд.

2. Бо назардошти маҳдудияти таъмини аҳолии ноҳияҳои бо таҳқиқ фарогирифташуда бо қувваи барқ дар фасли зимистон аҳолӣ асосан аз ҳезум, саргини хушк, ангиштсанг, сӯзишвории дизелӣ ва газ барои хӯрокпазӣ ва гармкунии манзили зист истифода мебарад.

3. Сарфи назар аз нишондиҳандаҳои мусбати соҳа, қисмати зиёди техникаи мавҷудаи нақлиётӣ мусофиркашонӣ дар ноҳияҳои таҳқиқшуда фарсуда ва корношоям мебошад. Дар ин ҳолат истифодабарии техника барои кашондани мусофирон ва борҳо хавфнок дониста мешавад.

4. Роҳи маҳаллии автомобилгарди ноҳияҳои бо таҳқиқ фарогирифташуд, ки маркази ноҳияро бо ҷамоатҳои деҳот ва дигар деҳахо мепайвандад, ба таъмиру азнавсозӣ ниёз дорад.

5. Дар ноҳияҳои бо таҳқиқ фарогирифташуд дастрасии аҳолӣ ба интернет маҳдуд мебошад ва сифати хизматрасонӣ ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ намебошад.

## 2.2. Хусусиятҳои шаклҳои ташкилии идоракунӣ дар минтақаи ҷануби наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Барои муайян кардани хусусиятҳои шаклҳои ташкилии идоракунӣ дар навоҳии ҷанубии наздисарҳадии кишвар ба ғайр аз маълумотҳои омори расмии мавҷуда зарур аст, ки хоҷагии хонаводаҳо аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосии рушд таҳқиқ карда шаванд: арзёбии дороиҳои хонавода, арзёбии сатҳи шуғл дар хонаводаҳо ва муайян кардани сабабҳои асосии бекорӣ, инчунин як қатор омилҳои дигаре, ки ба ақидаи хонаводаҳо ҳангоми интихоби кори мушаххас, вазъи молиявию иқтисодии хонаводаҳо ва ғайра муҳиманд.

Бо ҳамингуна таҳқиқот аз рӯи натиҷаи таҳлили вазъяти ноҳияҳои Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритуз, Ҳамадонӣ, Фархор ва Ш.Шоҳин ҳамчун минтақаҳои осебпазир фаро гирифта шуданд[32]. Объекти пурсиши

---

[32] Муфассалтар натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар «Свободные экономические зоны как инновационная форма решения региональных проблем социально-

гузаронидашуда бо назардошти муайян кардани сатҳи зиндагии мардуми ноҳияҳои гуногун, шароит ва тарзи зиндагӣ, имконот ва анъанаҳои аҳолӣ интихоб шудааст. Наздик ва ё дур будани маҳалҳои аҳолинишин аз сарҳад, маркази ҷамоат, алоқа ва гуногунрангии шуғли аҳолӣ низ ба назар гирифта шуд.

**Интихоби намуна ва тақсимоти он.**

Барои амалисозии ҳадафи таҳқиқоти мазкур дар ҳар як ноҳия 2 ҷамоат интихоб карда шуд: яке дар маркази ноҳия ва дигаре дар сарҳад. Ҳамзамон дар ҳар як ҷамоати деҳот ду нуқтаи аҳолинишин – дар маркази ҷамоат ва дигараш наздисарҳадӣ (ҷамъ 32 нуқтаи аҳолинишин) интихоб карда шуд.

Шумораи умумии мусоҳибаҳо – 800 – аз рӯи вазифаи техникӣ ва методологияи тадқиқот муайян карда шудааст. Маълумот дар бораи тақсимоти ҳудудии мусоҳибаҳо ва шумораи хонаводаҳои пурсидашуда дар ҷадвали 2.7. оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.7. – Тафсилоти пурсиши интихобии хонаводаҳо**

| Ноҳия | Ҷамоат | Нуқтаи аҳолинишин | Шумораи пурсидашудагон |
|---|---|---|---|
| **Дӯстӣ** | *Г. Гулмуродов* | Г.Гулмуродов (Энгельс) | **25** |
| | | Турсунзода (Жданов) | **25** |
| | *20 - солагии Истиқлолият* | 20 - солагии Истиқлолият | **25** |
| | | Зафаробод | **25** |
| **Қубодиён** | *Ниёзов* | Зиракӣ | **25** |
| | | Чорбоғ | **25** |
| | *Навобод* | Навобод | **25** |
| | | Шоҳ | **25** |
| **Ҷайҳун** | *Панҷ* | 1 Май | **25** |
| | | Ваҳдат | **25** |
| | *Дӯстӣ* | Марказ | **25** |
| | | Зарнисор | **25** |
| **Панҷ** | *Нури Ваҳдат* | Гулобод | **25** |
| | | Гулистон | **25** |

экономического развития (по результатам социо-экономического исследования. - Душанбе: ГУП «МАТБАА», 2021. – 135 с. шарҳ дода шудааст.

*Идомаи ҷадвали 2.7.*

| Ноҳия | Ҷамоат | Нуқтаи аҳолинишин | Шумораи пурсидашудагон |
|---|---|---|---|
| **Панҷ** | *К. Сайфидинов* | Бурка | **25** |
| | | 16-солагии Истиқлолият (Янги Турмуш) | **25** |
| **Шаҳритуз** | *Назаров* | Ҷамъияти деҳқон | **25** |
| | | Тоҷикобод (И.Муродов) | **25** |
| | *Холматов* | Қумшах | **25** |
| | | Чоршанбе | **25** |
| **Ҳамадонӣ** | *Чубек* | Меҳвар (Окмазор) | **25** |
| | | Тудабоён (Чубек) | **25** |
| | *Даштигуло* | Даштигуло | **25** |
| | | Файзобод | **25** |
| **Фархор** | *Ғалаба* | Марғзор | **25** |
| | | Нурмат Сафар (Қизилсу) | **25** |
| | *Гулшан* | Гулшан | **25** |
| | | Бобосафол | **25** |
| **Ш. Шоҳин** | *Даштиҷум* | Даштиҷум | **25** |
| | | Хоҷидара | **25** |
| | *Нуриддин Маҳмудов* | Хирманҷо | **25** |
| | | Кишт | **25** |
| **Ҳамагӣ пурсидашудагон:** | | | **800** |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

**Арзёбии дороиҳои хонаводаҳо.** Аксарияти кулли хонаводаҳои пурсидашуда (98%) дар хонаи шахсии худ зиндагӣ мекунанд, тақрибан 1% пурсидашудагон манзилро иҷора мегиранд, 1% дигар дар хонае, ки ба хешовандон ё шахсони сеюм тааллуқ доранд, зиндагӣ мекунанд (ҷадвали 2.8.).

Қариб ҳамаи хонаводаҳои пурсидашуда (96%) дорои манзили истиқоматии шахсӣ (ва 53% хонаводаҳо хонаи дуюм доранд), 94% - соҳиби телевизор, 91% - телефони мобилӣ, 75% - антеннаи параболӣ, 65% - анбор, 55% - яхдон ва DVD плеер, 46% - мошини дарздӯзӣ, 24% - автомобил мебошанд.

Дар баробари ин, танҳо 13% хонаводаҳо мошини ҷомашӯӣ, 8% - компютер, 7% - ҷавоҳироти қиматбаҳо ва 0,4 % - кондитсионер доранд.

**Ҷадвали 2.8. - Дороиҳои ҷории хонаводаҳои пурсидашуда дар ноҳияҳо**

| | Ҷайҳун | Дӯстӣ | Қубодиён | Панҷ | Фархор | Ҳамадонӣ | Ш.Шоҳин | Шаҳритуз | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хонаи / ҳуҷраи хусусӣ | 96,0% | 89,0% | 100,0% | 95,0% | 99,0% | 93,0% | 97,0% | 99,0% | 96,0% |
| Хонаи / ҳуҷраи хусусии дуюм | 9,0% | 52,0% | 100,0% | 11,0% | 61,0% | 84,0% | 7,0% | 98,0% | 52,8% |
| Анбор | 80,0% | 70,0% | 92,0% | 82,0% | 20,0% | 35,0% | 52,0% | 87,0% | 64,8% |
| Мошина/автомобил | 39,0% | 29,0% | 25,0% | 9,0% | 28,0% | 19,0% | 19,0% | 22,0% | 23,8% |
| Мотосикл | 2,0% | 4,0% | 0,0% | 5,0% | 11,0% | 2,0% | 2,0% | 2,0% | 3,5% |
| Мошини боркаш ё аробаи чорчархаи болопӯшида | 3,0% | 1,0% | 0,0% | 1,0% | 10,0% | 2,0% | 4,0% | 2,0% | 2,9% |
| Ароба (харароба барои боркашонӣ) | 15,0% | 9,0% | 3,0% | 8,0% | 24,0% | 13,0% | 15,0% | 3,0% | 11,3% |
| Телевизор | 95,0% | 97,0% | 89,0% | 95,0% | 97,0% | 96,0% | 89,0% | 95,0% | 94,1% |
| DVD плеер, видеомагнитофон | 63,0% | 61,0% | 32,0% | 72,0% | 53,0% | 49,0% | 62,0% | 51,0% | 55,4% |
| Мавҷгири параболӣ | 77,0% | 68,0% | 79,0% | 75,0% | 70,0% | 62,0% | 90,0% | 81,0% | 75,3% |
| Телефони мобилӣ | 92,0% | 93,0% | 96,0% | 77,0% | 98,0% | 91,0% | 85,0% | 96,0% | 91,0% |
| Компютер | 14,0% | 14,0% | 3,0% | 6,0% | 5,0% | 6,0% | 11,0% | 4,0% | 7,9% |
| Ҷавоҳироти зебу зинат | 18,0% | 12,0% | 1,0% | 4,0% | 1,0% | 10,0% | 9,0% | 4,0% | 7,4% |
| Мошинаи ҷомашӯйӣ | 31,0% | 15,0% | 3,0% | 15,0% | 11,0% | 7,0% | 16,0% | 8,0% | 13,3% |
| Мошинаи дарздӯзӣ | 69,0% | 48,0% | 13,0% | 57,0% | 41,0% | 27,0% | 56,0% | 58,0% | 46,1% |
| Яхдон | 81,0% | 65,0% | 44,0% | 63,0% | 60,0% | 35,0% | 43,0% | 56,0% | 55,9% |
| Тафдони (печкаи) барқӣ ё газӣ | 46,0% | 43,0% | 1,0% | 76,0% | 17,0% | 19,0% | 21,0% | 5,0% | 28,5% |
| Мебел | 75,0% | 44,0% | 15,0% | 53,0% | 55,0% | 29,0% | 33,0% | 35,0% | 42,4% |
| Комбайн | 1,0% | 3,0% | 0,0% | 9,0% | 0,0% | 2,0% | 1,0% | 2,0% | 2,3% |
| Хирманкӯбак | 0,0% | 1,0% | 0,0% | 3,0% | 1,0% | 1,0% | 0,0% | 2,0% | 1,0% |
| Трактор | 5,0% | 1,0% | 1,0% | 4,0% | 1,0% | 1,0% | 1,0% | 3,0% | 2,1% |
| Кондитсионер | 0,0% | 0,0% | 2,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 1,0% | 0,4% |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

**Шуғли хонаводаҳо.**

Дар замони пурсиш танҳо тақрибан 33% пурсидашудагон ҷойи кор доштанд (расми 2.1.), дар ҳоле ки онҳо асосан дар соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг) – 34% ва ё дар хоҷагии деҳқонӣ - 32% машғули кор буданд (рами 2.2.). Бештари бекорон дар навоҳии Қубодиён ва Дӯстӣ (80%) ва камтарин дар ноҳияи Фархор (67%) буданд.




**Расми 2.1. – Мавҷудияти ҷойи кор**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот




**Расми 2.2. – Мақом аз рӯйи шуғл (N = 261)**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Дар ин маврид бояд тазаккур дод, ки тибқи Низомномаи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ҳар як аъзои қобили меҳнати хоҷагӣ, ки тибқи шартнома дар ду соҳаи фаъолият ба кор машғул намебошад, дар хоҷагии деҳқонӣ машғулбуда маҳсуб меёбад.

Ба сифати сабабҳои асосии бекорӣ (расми 2.3.) пурсидашудагон набудани ҷойи кор (33%) ва синну соли нафақаро (30%) номбар карданд. Шароити саломатӣ ва набудани таҳсилоти зарурӣ (8%) дар байни афроди пурсидашуда дуввумин сабаби маъмулии бекорӣ буданд.




**Расми 2.3. – Сабабҳои асосии бекорӣ (N = 539)**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Дар ҷадвали 2.9. омилҳои асосии пайдо кардани ҷойи кор аз рӯи аҳамиятнокии онҳо оварда шудаанд: хонаводаҳои пурсидашуда дар байни ин омилҳо мавҷудияти робитаи хешутаборӣ (дӯстон ва хешовандон) – 37,4%, малакаҳои касбӣ – 31%, сатҳи таҳсилоти дахлдорро – 25% аз ҳама муҳим меҳисобанд. Ҷолиб он аст, ки онҳо доштани бахти баландро (35%) аз ҷойи/минтақаи таваллуд (34%) болотар донистаанд.

**Ҷадвали 2.9. – Омилҳое, ки пурсидашудагон онҳоро барои пайдо кардани ҷойи кор дар Тоҷикистон дар шароити имрӯза муҳим меҳисобанд**

| | Омили якуми аз ҳама муҳим | Омили дуюми муҳим | Омили сеюми муҳим | Омили чоруми муҳим | Омили панҷуми муҳим | Омили шашуми муҳим | Омили ҳафтуми муҳим |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Робитаҳо/дӯстон/хешу табор | 37,4% | 25,5% | 19,0% | 10,0% | 4,1% | 4,0% | 0,0% |
| Малакаҳои касбӣ | 18,3% | 30,5% | 23,3% | 17,3% | 7,0% | 3,8% | 0,0% |
| Сатҳи таҳсилот | 25,9% | 20,9% | 25,0% | 15,0% | 10,8% | 2,5% | 0,0% |
| Бахти баланд | 2,5% | 5,8% | 15,6% | 34,8% | 33,5% | 7,8% | 0,1% |
| Зодгоҳ (минтақа) | 12,0% | 12,3% | 7,5% | 12,0% | 33,6% | 22,0% | 0,6% |
| Таҷрибаи хориҷӣ (таҳсилот, коромӯзӣ, таҷриба) | 2,5% | 3,6% | 9,1% | 10,8% | 11,3% | 59,5% | 3,3% |
| Дигар омилҳо: пул, набудани ҷойи кор ва ғ. | 2,0% | 1,4% | 0,3% | 0,3% | 0,0% | 0,1% | 1,5% |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Дар мавриди интихоби кори мушаххас бошад, пурсидашудагон ҳангоми интихоби он, пеш аз ҳама, сатҳи музди меҳнат (80%), кафолати шуғлро (30%) муҳим донистанд. Пурсидашудагон эҳсоси қаноатмандиро аз кор (34%) нисбат ба сабзида боло рафтани зинаҳои минбаъда муҳимтар медонанд (ҷадвали 2.10.).

**Ҷадвали 2.10. – Панҷ омили дигаре, ки одамон зимни интихоби ҷой кори мушаххас муҳим меҳисобанд.**

| | Омили якуми аз ҳама муҳим | Омили дуюми муҳим | Омили сеюми муҳим | Омили чоруми муҳим | Омили панҷуми муҳим |
|---|---|---|---|---|---|
| Даромад/Музди меҳнат | 80,0% | 11,9% | 4,0% | 3,1% | 1,0% |
| Эътимод/кафолати қабул кардан | 7,9% | 29,4% | 34,4% | 14,9% | 13,5% |
| Имконияти кор кардан бо одамони ба худ монанд | 3,0% | 26,6% | 17,5% | 33,1% | 19,8% |

*Идомаи ҷадвали 2.10.*

| | Омили якуми аз ҳама муҳим | Омили дуюми муҳим | Омили сеюми муҳим | Омили чоруми муҳим | Омили панҷуми Муҳим |
|---|---|---|---|---|---|
| Қаноатманд ии аз кор ҳосилшуда | 3,5% | 9,3% | 28,3% | 34,0% | 25,0% |
| Ба зинаҳои болотар сабзидан | 5,6% | 23,1% | 15,5% | 15,3% | 40,5% |
| Дигар | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

**Вазъи молиявии хонаводаҳо.**

Аксарияти хонаводаҳои пурсидашуда (77%) дар ноҳияҳои бо омӯзиш фарогирифташуда вазъи молиявии ҷории худро миёна, 12,8% хуб, 9,5% камбизоат ва тақрибан 1% аъло арзёбӣ мекунанд (расми 2.4.).




**Расми 2.4. – Вазъи ҷории молиявии хонаводаҳо (N=800)**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Дар робита ба вазъи кунунии иқтисодӣ, ҳаминро зикр кардан бамаврид аст, ки аксарияти хонаводаҳои пурсидашуда (78%) дар ноҳияҳои бо омӯзиш фарогирифташуда онро хуб, 22% бад ва танҳо 0,6% - олӣ арзёбӣ мекунанд (расми 2.5.). Аммо дар ин ҷо бояд ба назар гирифт, ки даромади хоҷагии хонаводаҳо аз анҷоми кори мавсимӣ вобаста буда, аз ҳамдигар фарқ мекунад.




**Расми 2.5. – Вазъи ҷории иқтисодии хонаводаҳо**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Дар ҳамин ҳол, интизориҳои пурсидашудагон ба таври умум хушбинанд: 61% интизори беҳбудии вазъи иқтисодии хонавода дар солҳои наздик мебошанд, тақрибан 30% бовар доранд, ки вазъи онҳо дар ҳамон сатҳ боқӣ мемонад, ҳамагӣ 3,4% пурсидашудагон интизоранд, ки вазъи онҳо шояд бадтар шавад (расми 2.6.).




**Расми 2.6. – Интизориҳои пурсидашудагон вобаста ба вазъи иқтисодии хонавода дар чанд соли оянда**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Таҳқиқот нишон дод, ки дар байни пурсидашудагон танҳо 9% соҳиби тиҷорати хурди шахсии худ ҳастанд ва зиёда аз 90% ҳеҷ гоҳ тиҷорати шахсии худро надоштаанд (расми 2.7.).




**Расми 2.7. – Оё соҳиби тиҷорати хурд ҳастед?**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Танҳо 24% пурсидашудагон омодагии худро барои оғози тиҷорати шахсии худ изҳор доштанд, агар имкони гирифтани кумаки хуби молиявӣ дошта бошанд (расми 2.10.) ва тақрибан нисфи пурсидашудагон то дараҷаҳои гуногун ба ин омода набуданд. Ин метавонад аз сатҳи пасти рӯҳияи соҳибкорӣ шаҳодат диҳад ва кӯшиши зиёдро дар таълиму тарбияи асосҳои соҳибкорӣ тақозо намояд.




**Расми 2.8. – Омодагӣ ҷиҳати оғоз кардани тиҷорати худ ба шарти мавҷудияти имконияти дастрас кардани дастгирии хуби молиявӣ**
**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Тадқиқот дар байни хонаводаҳои пурсидашуда мавҷуд будани ангезаи хеле заиф барои оғози тиҷорати шахсии худро нишон дод: ҳангоми пурсиш дар бораи ангезаҳои муҳимтарини оғози тиҷорати худ, беш аз нисфи пурсидашудагон афзоиши даромад ва 13% - мустақилияти бештарро эълон карданд ва тақрибан 20% пурсидашудагон дар ҷавоб душворӣ кашиданд (расми 2.9).




**Расми 2.9. – Ангезаҳои аз ҳама муҳим барои оғоз кардани тиҷорати худ**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Таҳлили расми 2.9. нишон додааст, ки барои тақрибан 64,9% пурсидашудагон ангезаи асосии онҳо даромад - афзоиши он ё ҳолати устувор доштани он мебошад. Дар айни замон ва ин чиз зоҳиран равшан аст, ки 13% -и пурсидашудагон тахти мафҳуми истиқлолияти бештар истиқлолияти иқтисодиро (молиявиро) меҳисобанд.

**Сатҳи зиндагӣ дар хонаводаҳо.**

Аксари хонаводаҳои пурсидашуда (76%) дар ноҳияҳои бо омӯзиш фарогирифташуда шароити зиндагии худро миёна, 13% - хуб, 10% - камбизоат ва 0,5% - ҳар кадом хеле хуб ва хеле бад арзёбӣ мекунанд (расми 2.10.).




**Расми 2.10 – Шароити зиндагии хонаводаҳо**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Сарфи назар аз он, ки пурсидашудагон ба ҷонибдории қаноатмандӣ аз сатҳи зиндагӣ ва истеъмоли молҳо изҳори назар карданд (расми 2.11.), аксарияти онҳо (72%) қайд мекунанд, ки дар давоми 12 моҳи охир барои харидани маводи ғизоӣ маблағи кофӣ надоштанд, ин корро танҳо 25% пурсидашудагон анҷом дода тавонистанд (расми 2.12.).

Табиист, ки қаноатмандӣ дар ин ҳолат бо мафҳумҳои субот, оромӣ ва хоҳиши оқибатҳои манфӣ надоштан дар оянда иваз карда мешавад.




**Расми 2.11. – Қаноатмандӣ аз сатҳи зиндагӣ ва истеъмоли молҳо**

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

**Ҷадвали 2.11. – Кадоме аз гуфтаҳои зерин вазъи молиявии оилаи шумора хубтар тасвир мекунад?**

| | Ҷайҳун | Дӯстӣ | Қубодиён | Панҷ | Фархор | Ҳамадонӣ | Ш.Шоҳин | Шаҳритуз | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мо барои харидани хӯрокӣ маблағи кофӣ надорем | 33,0% | 9,0% | 11,0% | 48,0% | 6,0% | 42,0% | 40,0% | 15,0% | 25,5% |
| Мо барои харидани хӯрокӣ маблағи кофӣ дорем, аммо барои пӯшокӣ намерасад | 38,0% | 26,0% | 55,0% | 25,0% | 51,0% | 42,0% | 53,0% | 52,0% | 42,8% |
| Мо барои харидани хӯрокию пӯшокӣ маблағи кофӣ дорем, аммо барои ҷиҳози қиматтар (телевизор ё яхдон) пул намерасад | 13,0% | 49,0% | 10,0% | 21,0% | 30,0% | 15,0% | 5,0% | 8,0% | 18,9% |
| Мо якчанд ҷиҳози қимат ба монанди телевизор ё яхдони нав дорем, аммо автомобил надорем | 5,0% | 14,0% | 12,0% | 5,0% | 12,0% | 1,0% | 0,0% | 13,0% | 7,8% |
| Мо метавонем, ки чизи дилхоҳамонро харидорӣ кунем | 2,0% | 1,0% | 11,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 2,0% | 11,0% | 3,4% |
| Посух надоданд | 5,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 0,6% |
| Дар ҷавоб мушкилӣ кашиданд | 4,0% | 1,0% | 1,0% | 1,0% | 1,0% | 0,0% | 0,0% | 1,0% | 1,1% |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Дар ин ҷо қайд кардан лозим аст, ки хоҷагиҳо як қисми зиёди эҳтиёҷоти озуқаврии худро аз ҳисоби маҳсулоти худӣ, инчунин дар асоси мубодилаи мол бо дигар хоҷагиҳои ҳамсоя таъмин мекунанд. Аз ин рӯ, ниёзашон ба пули накд

хеле назаррас аст. Аммо зимни анҷом додани мубодилаи натуралӣ, ин талабот хеле кам карда мешавад.

Мусоҳибони пурсидашуда қайд карданд, ки дар давоми 4 ҳафтаи охир онҳо ҳеҷ гоҳ (33%) ва хеле кам (28,3%), баъзан (25,5%) ва аксаран (13%) пурсидашудагон норасоии ғизоро эҳсос накардаанд (расми 2.12).




**Расми 2.12. – Дар 4 ҳафтаи охир шумо то кадом андоза аз норасоии ғизо барои хонавода/оилаи худ хавотир шудаед?**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Тақрибан нисфи пурсидашудагон вазъи инфрасохтори иҷтимоии ноҳияи худро дар маҷмуъ мусбат (38,1% - нисбатан хуб ва 11,3% - хеле хуб), дар умум, тақрибан 20% манфӣ ва тақрибан 30% - на хуб ва на бад арзёбӣ мекунанд (расми 2.13).




**Расми 2.13. – Арзёбии пурсидашудагон доир ба инфрасохтори иҷтимоӣ (мактаб/кӯдакистон, бунгоҳи тиббӣ, беморхона, обтаъминкунӣ, заҳбуркашӣ ва амсоли он**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Инчунин, тақрибан нисфи пурсидашудагон вазъи инфрасохтори деҳотро дар минтақаи худ дар маҷмуъ мусбат (39% - нисбатан хуб ва 13,6% - хеле хуб), дар умум тақрибан 9% манфӣ ва тақрибан 30% - на хуб ва на бад арзёбӣ мекунанд (расми 2.14.).




**Расми 2.14. - Арзёбии ҳолати инфрасохтори деҳот (роҳҳо, иртиботот, таъминоти барқ, обёрӣ ва ғ.)**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Ҳолат ва аҳамияти савдои наздисарҳадӣ аз ҷониби посухдиҳандагони дар доираи таҳқиқот пурсидашуда аз ноҳияҳои таҷрибавӣ ба таври умум манфӣ арзёбӣ мешавад (ҷадвали 2.12.). Дар ҳамин ҳол, тақрибан нисфи пурсидашудагон (46%) муътақиданд, ки дар минтақаи онҳо тиҷорати назди сарҳадӣ вуҷуд надорад.

**Ҷадвали 2.12. – Ҳолат ва ҷойгоҳи тиҷорати наздисарҳадӣ дар ноҳияҳои таҷрибавӣ**

| | Ҷайҳун | Дӯстӣ | Қубодиён | Панҷ | Фархор | Ҳамадонӣ | Ш.Шоҳин | Шаҳритуз | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хеле хуб | 0,0% | 15,0% | 0,0% | 0,0% | 0,0% | 1,0% | 0,0% | 1,0% | 2,1% |
| Аниқтараш хуб | 0,0% | 3,0% | 0,0% | 69,0% | 0,0% | 5,0% | 0,0% | 7,0% | 10,5% |
| На хуб, на бад | 0,0% | 32,0% | 6,0% | 30,0% | 0,0% | 39,0% | 0,0% | 2,0% | 13,6% |
| Аниқтараш нохуб | 0,0% | 0,0% | 56,0% | 0,0% | 0,0% | 7,0% | 0,0% | 48,0% | 13,9% |
| Хеле бад | 0,0% | 0,0% | 32,0% | 0,0% | 0,0% | 47,0% | 0,0% | 31,0% | 13,8% |
| Тиҷорати наздисарҳадӣ вуҷуд надорад | 100,0% | 50,0% | 6,0% | 1,0% | 100,0 % | 1,0% | 100,0 % | 11,0% | 46,1% |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Ба андешаи қариб нисфи пурсидашудагон, савдои наздисарҳадӣ ба вазъи иқтисодии хонаводаҳо ва вазъи шуғли аҳолӣ дар минтақа таъсир намерасонад **(расмҳои 2.15.; 2.16.).**




**Расми 2.15. – Таъсири савдои наздисарҳадӣ ба вазъи иқтисодии хонаводаҳо**




**Расми 2.16. – Таъсири савдои наздисарҳадӣ ба вазъи корёбии аҳолӣ дар минтақа**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Инчунин андешаҳои мусоҳибони пурсишшуда нисбат ба таъсири савдои наздисарҳадӣ ба тавсеаи имкониятҳои занон ва корёбии онҳо (расми 2.17.) ва вазъи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ дар минтақаҳо (расми 2.18.) манфӣ буданд.




**Расми 2.17. – Таъсири савдои наздисарҳадӣ ба тавсеаи имкониятҳои занон ва корёбии онҳо**




**Расми 2.18. – Таъсири савдои наздисарҳадӣ ба вазъи гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ (маъёбон, калонсолон, кӯдакон)**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

**Даромади хонаводаҳо.** Ба сифати воҳиди тадқиқот хоҷагии хонавода қабул шудааст, ки ҳамчун ҷамъияти афроде тавсиф мегардад, ки якҷоя зиндагӣ мекунанд ва барои онҳо буҷет ва ҷойи истиқомат (хона, утоқ, ҳуҷра, гурӯҳи ҳуҷраҳо, ки ба кӯча ё хонаи умумӣ баромад мекунанд) умумӣ мебошад Дар баробари ин, робитаи хешутаборӣ шарти ҳатмӣ нест, яъне якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумиро пеш бурда, аъзоёни хонавода метавонанд, ки хешу ақрабои ҳамдигар набошанд. Хоҷагиҳои оилавӣ аз маҷмуи умумии хонаводаҳо ҷудо карда мешаванд, ки таърифи онҳо бо шарти ҳатмии робитаҳои хешутаборӣи байни аъзоёни онҳо пурра карда мешавад.

Маълумоти тадқиқоти буҷети хонавода (оила) ғайр аз тавсифи бевоситаи сатҳи зиндагонии гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоии аҳолӣ, дар ҳисобҳои гуногуни иқтисодӣ ва оморӣ: ҳангоми тақсимоти маҳсулоти умумии дохилӣ аз рӯи категорияҳои хароҷот; ҳангоми ҳисоб кардани даромади воқеии аҳолӣ; барои тартиб додани тавозуни истеҳсол ва истифодаи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ; ҳангоми ҳисоб кардани индекси арзиши зиндагӣ (индексҳои нархҳои истеъмолии молу хизматрасонӣ); дар системаи ҳисобҳои миллӣ, ки нишондиҳандаҳои бахши хоҷагии хонавода яке аз қойҳои пешқадамро ишғол мекунанд ва ғайра ба таври васеъ истифода мешаванд.

Даромади умумии хоҷагии хонаводаҳо аз маблағи даромади пулӣ, арзиши даромади натуралии маҳсулоти озуқаворӣ ва ёрдампулию имтиёзҳои дар шакли натуралӣ вогузоршуда иборат мебошад. Даромади пулии аҳолӣ музди мехнати ҳамаи категорияҳои аҳолӣ, даромад аз фаъолияти меҳнатии инфиродӣ, кумакпулиҳои иҷтимоӣ, даромад аз ҳамаи намудҳои фурӯш, даромад аз моликият дар шакли фоизи пасандозҳо, коғазҳои қиматнок, дивидендҳо ва ғайраро дар бар мегирад. Кумакпулиҳои иҷтимоӣ нафақа, стипендия, ёрдампулӣ ва дотатсияҳоро дар бар мегиранд.

Дар ҷадвали зерин даромадҳои хонаводаҳои ноҳияҳои интихобгардида ҳисоб карда шудаанд (ҷадвали 2.13.)

## Ҷадвали 2.13. – Даромадҳои хоҷагии хонаводаҳо ба ҳисоби миёна бо сомонӣ

| | Ҷайҳун | Дӯстӣ | Қубодиён | Панҷ | Фарҳор | Ҳамадонӣ | Ш.Шоҳин | Шаҳритуз | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Музди меҳнати моҳона ба ҳисоби миёна, ҳамаи аъзоёни оила** | 884 | 745 | 1020 | 726 | 632 | 1044 | 691 | 651 | 792 |
| **Нафақа (ба ҳисоби миёна дар як моҳ, ҳамаи нафақагирони оила)** | 352 | 281 | 318 | 292 | 311 | 321 | 367 | 317 | 322 |
| **Ёрдампулӣ ба ҳисоби миёна дар як моҳ, ҳамаи аъзоёни оила (нишон диҳед, кадом ёрдампулӣ)** | 313 | 108 | 65 | 331 | 160 | 580 | 163 | 149 | 184 |
| **Даромадҳои тасодуфӣ (ба ҳисоби миёна дар як моҳ, ҳамаи аъзоёни оила)** | 498 | 481 | 839 | 481 | 700 | 535 | 549 | 382 | 538 |
| **Даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ (ба ҳисоби миёна дар як моҳ, ҳамаи аъзоёни оила)** | 781 | 857 | 989 | 324 | | 550 | 827 | 1118 | 878 |
| **Интиқоли пулӣ аз муҳоҷирони меҳнатӣ ва дигар шахсони воқеӣ ва ё ҳуқуқӣ** | 1045 | 1056 | 1371 | 1189 | 1122 | 1545 | 1270 | 1108 | 1186 |
| **Ҳосил аз хоҷагии шахсии ёрирасон (аз рӯйи намуди масҳсулот, аз ҷумла асал) дар кишоварзӣ (ба ҳисоби миёна дар як моҳ, ҳамаи аъзоёни оила)** | 819 | 983 | 545 | 748 | 2785 | 823 | 1185 | 667 | 935 |
| **Мавҷудияти чорво ва паранда (номбар кунед: ЧКШ, ЧХШ, мурғ)** | 1970 | 2977 | 1934 | 3609 | 3661 | 2632 | 6301 | 2189 | 3119 |
| **Кумакҳои башардӯстона (дар шакли натуралӣ ва ё пулӣ)** | | | | | | | 116 | 150 | 126 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Вобаста ба ҷадвали овардашуда ҳаминро бояд қайд кард, ки арзиши даромади натуралии маҳсулоти озуқаворӣ – ин хариди шартан аз рӯёи нархҳои миёнаи арзиши маводи ғизоии истеъмолкардаи хоҷагии хонавода мебошад, ки дар шакли натуралӣ, ҳам дар шакли маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли худ ва ҳам аз ҳар гуна манбаъҳои дигар (ёрӣ аз хешовандон ва ғ.) ворид шудааст. Арзиши дотатсия ва имтиёзҳои дар шакли натуралӣ вогузоршуда - баҳодиҳии пулии маблағе мебошад, ки аъзоёни хоҷагии хонаводаи пурсидашаванда аз субсидияҳо ва имтиёзҳои гуногун барои хариди мол ё пардохти хизматрасонӣ дар шакли пурра ё қисман баргардонидани маблағи арзиши аслии онҳо ба даст овардаанд. Дар он инчунин арзиши пулии подоши молӣ аз корхонаю ташкилотҳо ба назар гирифта мешавад. Баҳодиҳӣ ба изҳороти аъзоёни хонавода, ки бо онҳо мусоҳиба гузаронида шудааст, асос ёфтааст.

**Хароҷоти хонавода.**

Ба хароҷоти пулии аҳолӣ хароҷот барои харидани маҳсулоти озуқа ва ғайриозуқа, пардохти ҳаққи хизматрасониҳо, пардохтҳои ҳатмӣ ва пардохтҳои гуногун (андозу хироҷҳо, пардохтҳои суғуртавӣ ва ғайра) дохил мешаванд.

Арзиши маводи ғизоӣ дар хонаводаҳо аз хароҷоти пулӣ барои хариди маҳсулоти хӯрокворӣ, ки барои истеъмоли шахсӣ дар дохили хоҷагӣ пешбинӣ шудааст, хароҷот барои хӯроки берун аз хона ва арзиши натуралии озуқаворӣ иборат аст.

Хароҷоти ниҳоии истеъмолии хонаводаҳо аз хароҷоти истеъмолӣ, арзиши натуралии озуқаворӣ ва арзиши субсидияҳо ва имтиёзҳои дар шакли натуралӣ ифодаёфта иборат аст. Хароҷоти ниҳоии истеъмолӣ арзиши маводи ғизоиро дар бар намегирад, агар он барои истеъмол дар дохили хонаводаи тадқиқшуда харида нашуда бошад.

Хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо як қисми хароҷоти пулиест, ки новобаста аз он ки онҳо дар давраи ҳисоботӣ пурра ё қисман пардохта шудаанд ва барои истеъмол дар дохили хонаводаи таҳқиқшуда пешбинӣ шудаанд ё не, барои харидани молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ нигаронида шудааст. Хароҷоти

истеъмолӣ аз хароҷот барои хӯрокворӣ (аз ҷумла хароҷот барои хӯрокхӯрӣ берун аз хона), нӯшокиҳои спиртӣ, ашёи ғайриозуқа ва хароҷоти хизматрасонӣ, аз ҷумла арзиши даромадҳои натуралӣ ва додатсияҳо ва имтиёзҳои дар шакли натуралӣ ифодаёфта иборат аст.

**Ҷадвали 2.14. – Хароҷоти хоҷагии хонавода ба ҳисоби миёна бо сомонӣ**

| | Ҷайҳун | Дӯстӣ | Қубодиён | Панҷ | Фархор | Ҳамадонӣ | Ш.Шоҳин | Шаҳритуз | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Хароҷот барои ҳифзи саломатӣ | 722 | 187 | 119 | 123 | 185 | 209 | 429 | 168 | 287 |
| Хароҷот барои таҳсилот | 162 | 154 | 515 | 200 | 143 | 305 | 320 | 130 | 232 |
| Хароҷот барои нақлиёт | 158 | 68 | 86 | 94 | 216 | 67 | 130 | 108 | 109 |
| Хароҷот барои харидорӣ ва дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ доштани техникаи кишоварзӣ ва барои коркарди қитъаи замин | 2184 | 139 | 213 | 235 | 622 | 28 | 362 | 166 | 779 |
| Хароҷот барои хизматрасониҳои коммуналӣ | 158 | 90 | 45 | 35 | 87 | 77 | 32 | 44 | 80 |
| Хароҷот барои сохтмони манзил ва иншооти хоҷагидорӣ | 700 | 191 | 105 | | 1543 | 467 | 1863 | 700 | 673 |
| Хароҷот барои ҷашну маросим | 7000 | 145 | 308 | 81 | 345 | 405 | 162 | 140 | 277 |
| Хароҷот барои алоқа ва техникаи маишии хонагӣ | 20 | 33 | | 18 | 42 | 164 | 14 | | 28 |
| Дигар хароҷот | 237 | 147 | 32 | 68 | 70 | 53 | 41 | 38 | 80 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Қисми асосии даромад ба хӯрду хӯрок тақсим карда мешавад, гарчанде тамоюли камшавии он мушоҳида карда мешавад. Дар ин давра хароҷот ба молҳои ғайриозуқаворӣ ва пардохти ҳаққи хизматрасонӣ то андозае афзудааст. Ин чунин маъно дорад, ки андаке зиёдшавии даромади аҳолӣ мушоҳида карда мешавад. Бо назардошти он, ки қисми асосии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекунад ва бинобар ин қисми асосии даромад мисли пештара барои хӯрду хӯрок тақсим мешавад. Ин аз он сабаб аст, ки дар хоҷагии қишлоқ дараҷаи ҳосилнокии меҳнат на танҳо ба омилҳои объективӣ, балки ба омилҳои субъективӣ ҳам вобаста аст. Бинобар ин хароҷоти баланд бардоштани ихтисоси коргарон ва ё

механиконии комплексиро дар шароити иқлими номусоиди зироаткорӣ ва чорводорӣ ҷуброн кардан мумкин аст. Ин чорабиниҳо хароҷоти калони молиявиро талаб мекунанд, ки дар ин соҳа дастрас нестанд.

Дар сохтори хароҷоти умумии хоҷагӣ хароҷоти озуқаворӣ бештар аз 63 фоизро ташкил медихад. Дар ин замина қайд кардан бамаврид аст, ки хароҷот барои озуқаворӣ дар ҳаҷми умумии хароҷоти аҳолӣ набояд аз 50 фоиз зиёд бошад ва дар оянда бошад, бо назардошти ба амал баровардани тадбирҳои тезондани рушди сармояи инсонӣ на бештар аз 30-35% аз хароҷоти умумӣ зиёд бошад.

**Хулосаи зербоби дуюми боби дуюм:**

1. Дар ноҳияҳои таҳқиқшаванда ба ҳисоби миёна 98% аҳолӣ бо хонаи худ таъмин буда танҳо 1 % аҳолӣ дар иҷора мешинад. Боқимондаашон бошад дар хонаи хешу табор истиқомат мекунанд. Аз натиҷаи пурсишнома маълум гардид, ки аз ҳамма нишондиҳандаи беҳтар дар ноҳияи Қубодиён ба назар мерасад, яъне ҳамаи аҳолӣ пурра дар хонаи истиқоматии худ зиндагӣ мекунад.

2. Дар рафти таҳлил муайян гашт, ки 53%-и пурсидашудагон хонаи дуюм доранд. Агар ба таъминоти таҷҳизотии хонавода назар афканем, ба ҳисоби миёна дар тамоми ноҳия 94% - соҳиби телевизор, 91% - телефони мобилӣ, 75% - антеннаи параболӣ, 65% - анбор, 55% - яхдон ва DVD плеер, 46% - мошини дарздӯзӣ, 24% - автомобилҳои сабукрав мебошанд.

3. Дар рафти пурсиш муайян карда шуд, ки тақрибан 33% пурсидашудагон ҷойи кор доранд. Бештари бекорон дар ноҳияҳои Қубодиён ва Дӯстӣ (80%) ва камтарин нишондиҳанда дар ноҳияи Фархор 67%-ро ташкил медиҳад. Сабаби асосии бекориро пурсидашудагон чунн тасниф намудаанд:

- набудани ҷойи кор (33%);
- дар синну соли нафақахӯр будани пурсидашудагон (30%);
- набудани таҳсилоти зарурӣ (8%).

Инчунин боиси қайд аст, ки 9%-и пурсидашудагон соҳиби тиҷорати хурди шахсии худ ҳастанд.

4. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки даромади хонавода аслан барои харидорӣ ва дар ҳолати коршоямӣ нигоҳ доштани техникаи кишоварзӣ, коркарди

қитъаи замин, сохтмони манзил ва иншооти хоҷагидорӣ ва ҳифзи саломатӣ хароҷот карда мешавад.

**2.3. Таҳлили накш ва аҳамияти МОИ барои таҳкими вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои осебпазир**

Чунон ки дар банди 1.3.-и диссертатсия қайд карда будем, МОИ натиҷаи омӯзиш ва кӯшиши баъзе аз кишварҳои муваффақ дар истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ, ки аввалин шуда МОИ-иро чун омили муҳимми рушди сатҳи минтақа мавриди истифода қарор додаанд, мемебошад ва, ҳадафи он баланд беҳдошти сатҳи зист дар минтақа, истифодаи услубҳои навин дар таҷрибаи истеҳсолӣ, паҳн намудани таҷрибаи иннноватсионӣ дар минтақа ва, дар натиҷа ҳосил шудани омилҳои муттаассир баро рушди минтақа мебошад.

Бинобар ин, дар таҳлили накш ва аҳамияти МОИ чун омили таҳкими вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои осебпазир, истифодаи самаранок ва риояи қатъии принсипҳои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар минтақа мебошад, зеро истифодаи самараноки он аз қатъяти истифодаи принсипҳои асосии истифодаи он вобастагии амиқ дорад. Бештари кишварҳои истифодакунандаи МОИ дар он назаранд, ки он муҳаррики рушди иқтисодӣ ва бахши хусусӣ мебошад, ки асоси онро рушди саноат ташкил додааст. Бинобар ин, рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) нуқтаи ибтидоии рушди бахши хусусӣ ва яке аз воситаҳои муассири рушди минтақаҳои осебпазир ва, мубаддал гардидани онҳо ба минтақаҳои муваффақу пешрав мебошад.

Дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 82 ширкати ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст, ки аксари онҳо дар минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» - 29, «Данғара» - 29, «Панҷ» - 12 ва «Ишкошим» - 5 адад ва Кулоб- 7 адад мебошанд. Дар соли 2022 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо ба 486 миллион сомонӣ расид. Ҳаҷми сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2022 маблағи 216 миллион сомониро ташкил дод.

Дар ҳоли ҳозир дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ҳамагӣ 1365 нафар кормандон кор мекунанд.

Аз шумораи умумии кормандон 495 нафари онҳо дар МОИ «Данғара», 945 нафар дар МОИ «Суғд», 55 нафар дар МОИ «Панҷ» ва 25 нафар дар МОИ «Ишкошим» ва дар МОИ кулоб 329 нафар бошад фаъолият доранд[33].

Дар баробари ин, дар соли 2022 аз ҷониби маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар 12 субъекти нав ба қайд гирифта шудааст, ки дар онҳо айни замон корҳои созандагию бунёдкорӣ рафта истодааст. 11 октябри соли 2019 дар шаҳри Кӯлоб Форуми иқтисодии «Кӯлоб-2019» дар мавзуи «Имкониятҳои рушд» баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 300 нафар сармоягузорони хориҷӣ, намояндагони корпусҳои дипломатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ иштирок намуда, дар ҷараёни кори ин форум ёддоштҳои ҳусни тафоҳум ба имзо расиданд. Бо мақсади густариши робитаҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо Федератсияи Россия, Ҳиндустон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Вилояти Шинҷону Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой, Кореяи Ҷанубӣ ва Иттиҳоди Аврупо комиссияҳои байнидавлатӣ аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор гузаронида шуданд[34].

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, технологияҳо, таҷрибаи идоракунӣ, фароҳам овардани инфрасохтори муосир, ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, инчунин пур кардани бозори дохилӣ бо маҳсулот ва мол ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд.

Ҳоло дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 МОИ таъсис ёфта ва фаъолият доранд, ки сетоаш дар вилояти Хатлон – «Панҷ», «Данғара» ва «Кӯлоб» (соли 2019), яктоаш дар вилояти Суғд (МОИ «Суғд») ва якто дар ВМКБ – МОИ «Ишкошим» мебошанд. Ҳамаи онҳо ба муҳлати 25 сол таъсис ёфтаанд.

---

[33] Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дастрасӣ дар таърихи 3 феврали соли 2023).

[34] Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дастрасӣ дар таърихи 3 феврали соли 2023).

Раванди ташкил ва фаъолияти МОИ дар Тоҷикистон нисбатан суст ҷараён дорад. Дар ҷадвалҳои зерин маълумоти муфассал оид ба вазъи МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст (ҷадвалҳои 2.15. – 2.18.).

**Ҷадвали 2.15. – Минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон**

| | МОИ «Суғд» | МОИ «Данғара» | МОИ «Панҷ» | МОИ «Ишкошим» | МОИ «Кӯлоб» |
|---|---|---|---|---|---|
| **Соли таъсисёбӣ** | 2008 | 2009 | 2008 | 2009 | 2019 |
| **Масоҳати умумӣ, гектар** | 320 | 541,32 | 401,6 | 200 | 309,32 |

**Сарчашма:** Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дастрасӣ дар таърихи 3 феврали соли 2023).

**Ҷадвали 2.16. – Ҷойҳои кории таъсисёфта дар минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон**

| МОИ | Соли 2015 | Соли 2017 | Соли 2018 | Соли 2019 | Соли 2022 |
|---|---|---|---|---|---|
| **«Суғд»** | 309 | 429 | 519 | 599 | 945 |
| **«Данғара»** | 482 | 500 | 456 | 407 | 495 |
| **«Панҷ»** | 25 | 40 | 49 | 52 | 55 |
| **«Ишкошим»** | 15 | 13 | 22 | 14 | 25 |
| **Кулоб** | - | - | - | - | 240 |
| **Ҳамагӣ** | **831** | **982** | **1046** | **1072** | **1760** |

**Сарчашма:** Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дастрасӣ дар таърихи 3 феврали соли 2023).

**Ҷадвали 2.17. – Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар МОИ Тоҷикистон (млн сомонӣ)**

| Номи минтақаҳо | Аз оғози фаъолият | Соли 2021 | Соли 2022 |
|---|---|---|---|
| МОИ Суғд | 1500 | 295 | 408,5 |
| МОИ Данғара | 313 | 79 | 73 |
| МОИ Панҷ | 6 | - | 5 |
| МОИ Ишкошим | 1 | - | - |
| МОИ Кулоб | 0,03 | - | 0,03 |
| Ҳамагӣ | 1820 | 374 | 486 |

**Сарчашма:** Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дастрасӣ дар таърихи 3 феврали соли 2023).

**Ҷадвали 2.18 – Ҳаҷми сармоягузориҳои дар МОИ Тоҷикистон (млн.сомонӣ)**

| Номи Минтақаҳо | Аз оғози Фаъолият | Соли 2021 | Соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **МОИ Суғд** | **139** | **18** | **24** |
| **МОИ Данғара** | **1961** | **98** | **67** |
| **МОИ Панҷ** | **29** | **0,7** | **10** |
| **МОИ Ишкошим** | **4** | **-** | **1** |
| **МОИ Кулоб** | **126** | **9** | **114** |
| **Ҳамагӣ** | **2259** | **125** | **216** |

**Сарчашма:** Сомонаи расмии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон (дастрасӣ дар таърихи 3 феврали соли 2023).

Дар ҳудуди МОИ барои таъсис ва фаъолияти ташкилотҳо, корхонаҳо ва соҳибкорони инфиродӣ, резидентҳо ва ғайрирезидентҳо бо ҷалби сармояи ватанӣ ва ё хориҷӣ тартиби имтиёзнок муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, имтиёзҳои андозӣ:

Дар ҳудудҳои МОИ фаъолияти соҳибкории субъектҳо, новобаста аз шакли моликият, аз пардохти ҳама намуди андозҳои пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон озод аст. Субъектҳои МОИ ҳамчун агенти андоз оид ба нигоҳдорӣ ва пардохти андози иҷтимоӣ (20%) ва андоз аз даромад ба буҷет (аз 8 то 12%) барои кормандони субъектҳои МОИ, ки андозсупорандагони Тоҷикистон мебошанд, баромад мекунанд.

Фоидае, ки сармоягузорони хориҷӣ гирифтаанд ва музди меҳнати коргарони хориҷӣ бо асъори хориҷӣ метавонанд аз ҷониби онҳо озодона ба хориҷи кишвар интиқол дода шаванд ва ҳангоми содирот ба хориҷа аз онҳо андоз ситонида намешаванд.

Имтиёзҳои гумрукӣ:

- Моле, ки дар ҳудуди МОИ ҷойгир карда шудааст, берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ин имкон медиҳад мол аз хориҷа бидуни пардохти боҷҳои воридот ва андоз аз арзиши иловашуда ворид карда шавад.

- Воридоти молҳои хориҷӣ ва ватанӣ, таҷҳизоти истеҳсолӣ ва сохтмонӣ ба қаламрави МОИ бидуни ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз амалӣ карда мешавад.

➢ Ҳангоми содироти мол аз ҳудуди МОИ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз ва боҷҳои гумрукӣ ситонида намешаванд, ба истисноии пардохтҳои барасмиятдарории гумрукӣ, дигар мамнуияту маҳдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ татбиқ карда намешаванд.

➢ Ҳангоми содироти мол аз қаламрави МОИ ба қаламрави Тоҷикистон боҷи гумрукӣ ситонида намешавад, ААИ аз ҷониби харидор пардохта мешавад.

Давлат риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи субъектҳои дар ҳудуди МОИ фаъолиятдоштаро кафолат медиҳад, аз ҷумла, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, инҳо кафолат дода мешаванд:

➢ ҳимояи ҳуқуқии сармоягузорӣ;

➢ ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифии субъектҳои МОИ;

➢ баробарии низоми ҳуқуқии сармоягузориҳои хориҷӣ ва дохилӣ;

➢ роҳ надодан ба ҳар гуна табъизи ташкилотҳое, ки сармояи хориҷӣ доранд.

Субъектҳои МОИ – сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқ доранд, ки натиҷаҳои сармоягузории худ, аз ҷумла сармоягузории дубора ва амалиёти тиҷоратӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистонро соҳибӣ кунанд, истифода баранд ва ихтиёрдорӣ намоянд. Онҳо инчунин метавонанд фоида ё як қисми онро дар шакли маҳсулоти истеҳсоли худ ё дар бозор харидоришуда ба берун бароранд.

Дар МОИ таъмини муомилоти озоди асъори миллӣ ва хориҷӣ пешбинӣ карда шудааст. Субъектҳои МОИ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд дар бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва ғайрибонкии дар ҳудуди МОИ ва берун аз онҳо ҷойгиршуда суратҳисобҳо кушоянд, асъори миллӣ ва хориҷиро озодона хариду фурӯш намоянд, амалиёти марбут ба интиқоли маблағро анҷом диҳанд.

Маълум аст, ки дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти молиявию хоҷагии МОИ, ба истисноии ҳолатҳои махсуси пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ карда шудааст.

Яке аз ҳадафҳои асосии ин ҳавасмандгардонӣ ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ (СМХ) ва мутаносибан рушди соҳаҳои саноати маҳаллӣ мебошад, ки ба

содирот нигаронида шудааст. Бо вуҷуди ин, далелҳои бо роҳи таҷрибавӣ ҳосилшуда мавҷуданд, ки нисбат ба самаранокии ҳавасмандгардонии андоз дар ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ шубҳаи ҷиддиро ба вуҷуд меоранд. Дар баъзе мавридҳо, истифодаи ҳавасмандгардонӣ ҳатто метавонад ба натиҷаҳои манфӣ оварда расонад. Илова бар ин, салоҳдиди маъмурӣ дар идоракунии ҳавасмандкунӣ метавонад хатари сӯиистифода ва фасодро зиёд кунад. Инчунин далелҳои қавие мавҷуданд, ки самаранокии баъзе имтиёзҳои андозро барои сармоягузорӣ дар минтақаҳои савдои озод аз сабаби набудани шаффофият, муқаррароти номуайян ва мушкилоти марбут ба маъмурият ва идоракунии имтиёзҳои андоз зери шубҳа мегузоранд[35].

Таҷрибаи дигар кишварҳое, ки имтиёзҳои андозӣ ва ғайриандозӣ доранд, аз он шаҳодат медиҳад, ки хароҷоти ин гуна тадбирҳо ба ҳукумат (аз нуқтаи назари хароҷот ё даромадҳои аз даст рафтаи андоз) метавонад аз ҳаҷми сармоягузории ҷалбшуда зиёдтар бошад. Аксарияти манфиатҳои бевоситаи сармоягузории мустақими хориҷӣ ба таври хусусӣ ба даст оварда мешаванд ва аз ин рӯ ба ҳавасмандкунӣ ниёз надоранд.

Илова бар ин, барои бартарият додани сармоягузорони хориҷӣ нисбат ба сармоягузорони дохилӣ ягон асос вуҷуд надорад ва азбаски чен кардани чунин омилҳои беруна одатан ниҳоят душвор аст, ҳамеша эҳтимолияти аз ҳад зиёд шудани ҳавасмандкунӣ вуҷуд дорад. Ҳавасмандкунӣ одатан ба ҳукумат хароҷоти зиёд, аз ҷумла талафоти калон дар робита ба даромади андоз меорад. Низоми андоз, ки бисёр ҳавасмандкуниҳои махсусро дар бар мегирад, инчунин ба саркашӣ аз пардохти андозҳо ҳассосияти бештар дорад, ки дар натиҷа боз ҳам боиси бештар аз даст додани даромадҳои андоз мегардад. Аз ин рӯ, ҳавасмандгардонӣ одатан боиси тамоюли нохуб шудани тавозуни фискалӣ, коҳиши пасандозҳои миллӣ ва бад шудани ҳолати ҳисоби ҷорӣ мегардад.

Воситаи аз ҳама самараноки рафъи монеаи мушаххаси мустақими сармоягузории хориҷӣ, ки вобаста ба андозбандии дукаратаи байналмилалӣ аз

[35] ОЭСР Налогообложение и развитие [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: http://www.oecd.org/ctp/tax-global/transparency-and-governance-principles.pdf, открытый. Дата обращения 20.04.2020.

фоидаи ширкатҳои хориҷӣ ба вуҷуд омадааст, барои кишварҳои воридкунандаи сармоя ин аст, ки шабакаи созишномаҳои роҳ надодан ба андозбандии дукаратаро ба он кишварҳое, ки аксари сармоягузорони хориҷии онҳо резиденти ҳамон кишварҳо мебошанд, васеъ намоянд.

Чунончӣ, тавсеаи чунин шабака эҳтиёҷоти ҳавасмандгардонии андозро, бахусус таътилҳои андозро аз байн мебарад ва як воситаи муассири ҷалби сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ мегардад[36].

МОИ бояд мустақил ва худмаблағгузор бошанд. Таҷрибаи дигар мамлакатҳо нишон медиҳад, ки ин кор одатан хароҷоти калон ва аксаран беҳудаи бахши давлатиро дар ташкили чунин минтақаҳо коҳиш медиҳад. Ин омил инчунин интизоми бозорро дар идоракунии минтақаҳо баланд мебардорад ва бо ҳамин ба устувории дарозмуддати онҳо мусоидат мекунад.

МОИ бояд ба қадри кофӣ калон бошанд, то соҳибкорону корхонаҳое, ки дар онҳо фаъолият мекунанд, аз самараи миқёс ва агломератсия истифода бурда тавонанд.[37]

Таҷрибаи таъсиси Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дар кишварҳои пасошӯравӣ дарҳол пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ибтидои солҳои 1990-ум оғоз шуд. МОИ шахси ҳуқуқие мебошад, ки дигар субъектҳои хоҷагидориро муттаҳид намуда, дар як минтақаи муайяни ҷуғрофии пешакӣ ҷудошуда ҷойгир шудааст.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) як навъ сохторҳои ҳудудию иқтисодӣ мебошанд. Гуногунии истисноии вазифаҳои онҳо дар фаровонии истилоҳоти: «озод», «минтақаи махсуси «содиротӣ»-и иқтисодӣ, «минтақаи махсус», «минтақаи соҳибкории озод» ( МСО ) ва ғайра ифода меёбад.

---

[36] Дейли М. Таҳаввули сиёсати берунаи иқтисодии Осиё: Баъзе дарсҳо аз баррасии сиёсати тиҷорат, Ҳуҷҷати кории кормандони ERSD аз Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) - 2011-2012. - СУС. – Женева, 2011. – 215 с.

[37] ЮНКТАД Всемирный инвестиционный отчет за 2013 г., Глобальные цепи начисления стоимости: инвестиции и торговля для развития. – Женева, 2013. [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL: http://unctad.org/en/PublicationsLibrary/wir2013_en.pdf, открытый. Дата обращения 30.04.2020.

Тақрибан 30 тафсири истилоҳи «МОИ» вуҷуд дорад. Дар байни минтақаҳои озоди иқтисодии «классикӣ», ки дар айни замон бештар маъмуланд, инҳоро ҷудо кардан мумкин аст:

-минтақаҳои бебоҷ, ки дар чорроҳаи асосии системаҳои нақлиётии байналмилалӣ ҷойгиранд:

- минтақаҳои саноатии содиротӣ, ки асосан ба тиҷорати хориҷӣ нигаронида шудаанд;

-минтақаҳои воридотӣ - саноатӣ ва минтақаҳои воридотивазкунанда, ки барои таъмини кишвари қабулкунанда бо молҳои замонавӣ ва корхонаҳои маҳаллӣ бо технологияи пешрафта пешбинӣ шудаанд;

-паркҳои рушди технологӣ, ки дар заминаи иқтидори илмию техникии дар кишвари қабулкунанда мавҷудбуда, вале бо иштироки сармояи хориҷӣ ва бо истифода аз таҷҳизоти пешрафта, ноу-хау, инчунин таҷрибаи хориҷии идоракунӣ, тиҷоратӣ ё маркетингӣ таъсис дода мешаванд;

- минтақаҳои хизматрасониҳои суғуртавӣ ва бонкӣ.

Дар амалия минтақаҳои иқтисодии номбаршуда дар «шакли соф» хеле кам вомехӯранд. Одатан, ҳар яки онҳо дорои маҷмуи хусусиятҳои МОИ-ҳои гуногун мебошанд.

Дар ҳамаи МОИ шароити бебоҷ ё имтиёзнок барои воридот ва содироти молҳо, махсусияти муайян дар муносибатҳои хоҷагидорӣ, тиҷоратӣ, асъорию молиявӣ, ҳамкории фаъол бо сармояи хориҷӣ, инчунин алоқаи зич бо бозори ҷаҳонӣ дар бар мегирад.

Дар ҳар як мамлакат бунёд намудани минтақаи озоди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, тараққиёти босуръати ҳудуди муайянро таъмин мекунад. Рушди чунин МОИ-ҳо дар минтақаҳои осебпазир имкон медиҳад, ки вазъиятҳои буҳронӣ дар иқтисодиёти миллӣ паст карда шуда, душвориҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти минтақаҳои мазкур бартараф карда шаванд.

Бояд тазаккур дод, ки бо кумаки коршиносони СММ консепсияи махсус бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти минтақаҳои озод ва хусусиятҳои рушди кишварҳои ИДМ таҳия карда шудааст. Тибқи консепсияи рушд, МОИ дар

баробари нигоҳ доштани тамоюли содиротӣ дар доираи мувофиқи мақсад, инчунин даъват карда мешавад, ки ҳамзамон барои бозори дохилӣ «кор» карда, ба сер шудани он бо технологияи пешрафта ва молҳои хушсифат мусоидат намоянд. Илова бар ин, МОИ бояд ба таҳкими фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуда, маркази таҳия ва паҳн намудани таҷрибаи хориҷӣ, заминаи озмоиши шаклҳои нави хоҷагидорӣ гардад.

Минтақаҳои иқтисодии функсионалӣ таъсиси паркҳои технологӣ, технополисҳо ва инкубаторҳоро барои азхудкунӣ ва истеҳсоли техникаи нав пешбинӣ мекунанд.

Технопарк комплексе мебошад, ки дар як қисми қаламрав ба таври фишурда ҷойгир буда, метавонад донишгоҳҳо, лабораторияҳои илмӣ-тадқиқотӣ, марказҳои технологӣ ва корхонаҳои саноатӣ, инчунин марказҳои иттилоотӣ, намоишгоҳҳо, шуъбаҳои хизматрасонӣ ва ғайраро дар бар гирад. Фаъолияти технопарк ба тиҷоратикунонии фаъолияти илмию техникӣ асос меёбад.

Технополис як сохторест, ки ба технопарк монанд аст, аммо як шаҳри начандон калонро дар бар мегирад. Дар технополисҳо илм, технологияҳои олӣ ва фарҳангҳои анъанавӣ ба ҳам ҳамоҳангу мувофиқ мебошанд. Дар он ҷо корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои илмӣ, ширкатҳо, ширкатҳои суғурта ва бонкҳо, корхонаҳои технологияҳои иттилоотӣ, паркҳои технологӣ ва ғайра ба ҳам ба таври мувофиқ ҳамоҳанг шудаанд.

Инкубатор - ин сохтори тиҷоратӣ мебошад, ки барои фароҳам овардани шароити мусоид барои пайдоиши ширкатҳои хурди инноватсионие, ки ғояҳои аслии илмию техникиро амалӣ мекунанд, махсус гардонида шудааст.

Барои таъсисдиҳӣ ва фаъолияти бомуваффақияти МОИ заминаҳо ва шароити муайян заруранд. Чун қоида, ҳудуди барои минтақаи озоди иқтисодӣ интихобшуда бояд хеле васеъ бошад, дар мавқеи аз ҷиҳати географӣ дар наздикии ягон шаҳри калон воқеъ бошад, ки дар он бозори пуриқтидор, потенсиали назарраси илмию техникӣ вуҷуд дорад. Таъмини инфрасохторе, ки ҳадди ақал ба стандартҳои миёнаи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бошад, аҳамияти калон дорад.

Яке аз шартҳои таъсиси МОИ мавҷудияти қувваи кории баландихтисос, ки нисбат ба дигар кишварҳо арзонтар аст, инчунин ашёи хом, масолеҳи сохтмон мебошад, яъне МОИ бояд барои сармоягузорони хориҷӣ ҷолиб бошад, зеро минтақаҳои озоди иқтисодӣ пеш аз ҳама бо ҷалби сармояи хориҷӣ алоқаманданд. Як ангезаи стратегӣ барои соҳибкорони хориҷӣ метавонад истифода аз минтақаҳои озод ҳамчун платформаи азхудкунии бозор бошад.

**Вазифаҳои асосии МОИ:**

- тараққӣ додани иқтидори иқтисодии минтақа дар асоси ҳамгироии сармоягузории хориҷӣ бо захираҳои моддию молиявии корхонаю ташкилотҳои ватанӣ, ки ба шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд;

- ҷалби сармояи хориҷӣ ва маҳаллӣ, техникаю технологияи пешқадам, ҷорӣ намудани таҷрибаи хориҷӣ ва усулҳои нави хоҷагидорӣ;

- дар истеҳсолот чорӣ намудани дастовардҳои илмию техникии ватанӣ ва хориҷӣ ва ихтироот бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар минтақаҳои дигари мамлакат;

- таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа;

- кам кардани хароҷоти истеҳсолот, ба таври максималӣ истифода бурдани захираҳои озоди меҳнатӣ, табиӣ ва дигар захираҳои маҳаллӣ барои истеҳсоли молу маҳсулот барои содирот ва бозори дохилӣ;

- ташкил ва обод кардани ҳудуди МОИ, ҳифз ва нигоҳубини муҳити экологӣ;

-дар ҳудуди МОИ ташкил намудани инфрасохтори истеҳсолӣ дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ (коммуникатсия, нақлиёт, алоқа ва ғ.);

-ташаккули буҷети мустақили МОИ.

**Асоснок намудани зарурати таъсиси МОИ:**

- таҳкими барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои осебпазир;

- такмили сохтори соҳавии истеҳсолоти онҳо;

- зарурати таъхирнопазири тараққиёти саноати мамлакат ва минтақаҳои он;

- дар истеҳсолот фавран ҷорӣ намудани натиҷаҳои таҳқиқот ва ихтирооти илмию техникии ватанӣ ва хориҷӣ, минбаъда интиқол додани онҳо барои васеъ истифода бурдани натиҷаҳо дар иқтисодиёти мамлакат ва бозорҳои хориҷӣ;

– дар ҳудуди минтақаҳои махсус (МОИ) таъсис додани инфрасохтори зарурии истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;

- инкишоф додани иқтидори содиротӣ ва зиёд намудани даромадҳои асъорӣ аз ҳисоби бештар ба низоми муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ дохил намудани ҳудудҳои дахлдор;

- дар сатҳи маҳаллӣ таъйиди вариантҳои гуногуни ҷорӣ намудани шаклҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба шароити бозори ҷаҳонӣ мутобиқ шудаанд;

- омӯзиши амалии мутахассисони ватанӣ оид ба техника ва усулҳои тиҷорати байналмилалӣ, минбаъд истифода намудани малакаҳои андӯхташудаи кор берун аз минтақа ва ғайра.

Аз ин рӯ, қарори душвор – яъне, қарор дар бораи дар як муддати кӯтоҳ ва ба сифати озмоиш дар тамоми мамлакат барпо намудани шабакаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ қабул карда шуд. МОИ ҳамчун омили озмоишии рушди иқтисоди ноҳияҳои интихобшуда аст ва бояд танҳо василаи таҷдиду азнавсозии иқтисод ва рушди воситаҳои бозории идоракунӣ, дарёфти роҳҳои беҳбуди ҳамкорӣ ва рушди минтақавӣ, паҳн намудани таҷрибаи мусбати ҳамкориҳо ва рушди сохторҳои истеҳсолӣ баррасӣ шавад.

Ҳафт моҳ пас аз қабули Қонун дар бораи МОИ Низомнома дар бораи МОИ (декабри соли 2005) қабул карда шуд, ки мақоми минтақаҳои озоди иқтисодиро муайян намуда, тартиби ташаккул, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро муайян мекунад. Дар низомнома ба робитаи возеҳ бо қонунгузорӣ дар бораи сармоягузории хориҷӣ таъкид шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳудуди МОИ бунёди инфрасохтори зарурии истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ яке аз сабабҳои асосии ташаккули МОИ мебошад. Зеро мукаммалгардонии инфрасохтор маблағгузориро талаб мекунад, ки онро бо ду роҳ ба даст овардан мумкин аст:

1) Тавассути сармоягузории мутамарказ;

2) Бо роҳи ба ин ҳудудҳо додани ҳуқуқи истифодабарии даромади андоз аз корхонаю ташкилотҳое, ки дар ин мавзеъ ҷойгир шудаанд.

Табиист, ки дар ин ҳангом ба варианти дуюми маблағгузорӣ таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Ҳарчанд қонунгузории амалкунанда ва низомномаи тасдиқшуда дар бораи МОИ барои иҷрои ин вазифа, инчунин вазифаҳои маъмурияти МОИ монеъ намешаванд, аммо дар Низомномаи МОИ барои ҳалли ин мушкилот ба ин самт аҳамияти зарурӣ дода нашудааст.

**Оид ба типология / таснифоти МОИ, хусусиятҳои онҳо.**

Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои озоди иқтисодии дорои намудҳои гуногуни функсионалӣ таъсис дода мешаванд.

Намуди функсионалии минтақаҳои озоди иқтисодӣ бо мақсадҳои таъсиси он ва самти фаъолияти сармоягузорӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ муайян карда мешавад. Дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонад намудҳои фаъолияти истеҳсолӣ, илмию техникӣ, содиротӣ, воридотӣ, савдо, сайёҳӣ ва рекреатсионӣ, сармоягузорӣ, биржавӣ, суғуртавӣ, бонкӣ ва дигар намудҳои фаъолияте, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ба роҳ монда шавад.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонанд вазифаҳои ба якчанд намудҳои функсионалии минтақаҳои озоди иқтисодӣ (комплексӣ) хосро муттаҳид созанд.

Намуд, муҳлат ва шартҳои тартиби дахлдори фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро Низомнома дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад, муайян мекунад.

МОИ «Панҷ» як навъи комплексе аст, ки дар дар мавзеи Қарадуми ноҳияи Ҷайҳуни вилояти Хатлон бо масоҳати умумии 401,6 гектар замин ҳамчун минтақаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муҳлати 50 сол таъсис дода шудааст.

МОИ «Ишкошим» як навъи истеҳсолию инноватсионии дорои масоҳати умумии 200 гектар ҳамчун қитъаи алоҳида (маҳдуд) дар ҳудуди ноҳияи Ишкошими Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба муҳлати 50 сол ташкил карда шудааст.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобаста ба хусусияти фаъолият ба навъҳои алоҳида ҷудо мешаванд ва инчунин метавонанд якчанд намуди функсионалии (комплексии) минтақаҳои озоди иқтисодиро муттаҳид созанд. Минтақаи озоди иқтисодӣ метавонад аз якчанд қисмҳои алоҳидаи таҳти роҳбарии ягона муттаҳидшуда иборат бошад.

Умуман минтақаҳои озоди иқтисодии навъҳои зерин таъсис дода мешаванд:

- саноатӣ (истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ);
- савдою тиҷоратӣ;
- хизматрасонӣ;
- инноватсионӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, татбиқӣ.

Минтақаи озоди иқтисодии навъи саноатӣ (истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ) минтақаест, ки ҳадафаш рушд ва ҳавасмандгардонии соҳаи саноат мебошад. Чунин навъҳои минтақаҳо бо роҳи ба низоми махсуси ҳуқуқии минтақаи озоди иқтисодӣ гузаронидани корхонаҳои алоҳидаи амалкунанда ва субъектҳои хоҷагидор ташкил карда мешаванд. Дар ин намуди минтақаҳо азнавсохторбандӣ, таҷдид, модернизатсия, азнавсамтгирии профили корхонаҳо бо мақсади ҷалби сармоя ба соҳаҳои афзалиятноки саноат ва соҳаҳои инноватсионӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешрафта ҳавасманд карда мешавад.

Минтақаи озоди иқтисодии навъи **савдою тиҷоратӣ** – минтақаи озоди иқтисодие мебошад, ки ҳудуди он барои коркард, ба навъҳо ҷудо кардан, бастабандӣ, тамғагузорӣ ва нигоҳдории моли ба ин минтақа воридшаванда барои минбаъд воридоти онҳо ба қаламрави гумрукӣ ё содирот берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад. Минтақаҳои озоди иқтисодии навъи савдою тиҷоратӣ дар фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан, дар қитъаҳои пайвасткунандаи шоҳроҳҳо, дар нуктаҳои сарҳадӣ ва минтақаҳои маҳдуди қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд, ки тавассути онҳо ҳамлу нақли мунтазами байналмилалии молҳо амалӣ карда мешавад.

Минтақаи озоди иқтисодии намуди **хизматрасонӣ** – минтақаи озоди иқтисодие мебошад, ки дар ҳудуди он корхонаю ташкилотҳои соҳаи хӯрокворӣ,

сайёҳӣ, тандурустӣ ва тиббӣ, машваратӣ, муҳандисӣ, миёнаравӣ, қарзӣ-молиявӣ, аудиторӣ, суғуртавӣ ва дигар хизматрасонӣ мавҷуданд.

Минтақаи озоди иқтисодии **навъи инноватсионӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, татбиқӣ** – минтақаи озоди иқтисодие мебошад, ки дар ҳудуди он фаъолияти корхонаҳо ва ташкилотҳои илмию тадқиқотӣ, илмӣ-таълимӣ, таҷрибавӣ-конструкторие иҷозат дода мешавад, ки омӯзиш, такмили ихтисос, таҳқиқот, коркард, истеҳсолоти озмоиширо дар соҳаи технологияи пешқадаму ҳозиразамони истеҳсоли маҳсулот, мол ва ихтирооти нави техникии самарабахш (ноу-хау) дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин ва роҳандозӣ мекунанд.

Ташкили минтақаҳои инноватсионӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, татбиқӣ дар минтақаҳои алоҳидаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарте иҷозат дода мешавад, ки дар онҳо марказҳои илмӣ-таълимӣ, илмӣ-тадқиқотӣ, истеҳсолӣ, инноватсионӣ, марказҳои таълимӣ ва паркҳои технологӣ дошта бошанд.

Намудҳои афзалиятноки фаъолият дар МОИ:

- истеҳсоли риштаҳои дӯзандагӣ, маснуоти нассоҷӣ, матоъҳои сунъӣ ва синтетикӣ, матоъ ва маҳсулоти тайёр аз риштаҳои шоҳию пахтагин, матоъҳои тайёр ва либосҳои пашмин, коркарди пӯсти чорвои калон ва майдаи шохдор бо тавлиди ниҳоии макссулоти тайёри чармин, пойафзол ва либосҳои чармӣ;

- ранг кардани матоъ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр барои истеҳсолоти дӯзандагӣ, истеҳсоли матоъҳои пардагӣ ва рӯйкаш, истеҳсоли лавозимот барои истифодаҳои гуногун;

- истеҳсоли курсиҳо ва мебел;

- истеҳсоли рангҳои сунъӣ ва синтетикӣ;

- истеҳсоли крахмал, микроселлюлоза, нитроселлюлоза;

- мошинсозӣ (насбу васл ва истеҳсоли мошину тракторхо ва таҷҳизоти тамғаҳои гуногун барои хоҷагии қишлоқ ва дигар соҳаҳои саноат, қисмҳои эҳтиётии онҳо, таҷҳизот, техника ва технологияи саноати коркард, таҷҳизот барои соҳаи хизматрасонӣ, насосҳои обкаш ва ғайра);

- истеҳсоли қубурҳои ғайриметаллӣ барои соҳаҳои гуногуни саноат;

- истеҳсоли асбобҳои барқӣ, радиоэлектронӣ ва техникаи маишӣ;

- истеҳсоли нуриҳои минералӣ ва иловаҳои биологӣ барои кишоварзӣ;

- коркарди сангҳои табиӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва ороишӣ;

- истеҳсоли нахи шишагию базалтӣ ва маҳсулоти тайёр аз онҳо;

- истеҳсоли масолеҳи муосири сохтмонӣ (шиша, дару тиреза, блокҳои девории гарминигоҳдоранда ва панелҳои стандарти байналмилалӣ, масолеҳи ороишии пластикӣ (ба истиснои хишти сохтмон);

- истеҳсоли маҳсулот аз гаҷ;

- истеҳсоли ноқилҳои барқии тамғаҳои гуногун;

- истеҳсоли маҳсулот аз партовҳои маишӣ (бе коркарди аввалия);

- истеҳсоли хокаҳои парфюмерӣ ва кимиёвии ҷомашӯйӣ;

- истеҳсоли маҳсулоти фармасевтӣ ва доруворӣ;

- истеҳсоли мошину таҷҳизот барои соҳаи тандурустӣ;

- истеҳсоли асбобҳо ва маснуоти рӯшноидиҳанда;

- фаъолияти баҳодиҳӣ, қарзӣ, суғуртавӣ, машваратӣ, аудиторӣ, лизингӣ ва сертификатсиякунонӣ;

- амалиёти воридоту содирот;

– фаъолият дар самти пешниҳоди таъмини иттилоотӣ;

-фаъолият дар соҳаи тадқиқоти илмию техникӣ, инноватсия, рушди нанотехнологияҳо ва биотехнологияҳо ва ғ.

То имрӯз 73 ширкати ватанӣ ва хориҷӣ ҳамчун субъектҳои МОИ ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин шумора 17 субъект ба МОИ «Панҷ» (Истеҳсолӣ - 13, Таъминотӣ - 4), 3 субъект ба МОИ «Ишкошим» (Истеҳсолӣ - 1, Таъминотӣ - 2), 27 субъект ба МОИ «Данғара» (Истеҳсолӣ - 21, Таъминотӣ - 6) ва 24 ба МОИ «Суғд» (Истеҳсолӣ - 20, Хизматрасонӣ - 4) тааллуқ доранд.

Ҳамзамон дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 1092 нафар кор мекунанд. Аз шумораи умумии кормандон 350 нафар ба МОИ «Данғара», 668 нафар ба МОИ «Суғд», 35 нафар ба МОИ «Панҷ», 20 нафар ба МОИ «Ишкошим» ва 19 нафар ба МОИ «Кӯлоб» тааллуқ доранд.

Бояд тазаккур дод, ки дар соли 2018 дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ ба миқдори 141,7 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол шудааст,

ки аз ин ҳисоб 116,1 миллионаш дар МОИ «Суғд», 25,3 миллион сомонӣ дар МОИ «Данғара», 0,293 миллион сомонӣ дар МОИ «Панҷ» ва 0,036 миллион сомонӣ дар МОИ «Ишкошим» истеҳсол шудааст. Аз оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, хизматрасонӣ ва амалиёти воридоту содирот ба 514,9 млн баробар шудааст.

Ҳаҷми сармоягузории мустақим ба минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2018 ба 59,5 миллион сомонӣ расид. Ҳиссаи асосии сармоягузориҳои ҷудошуда ба минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» - 19 миллион сомонӣ ва «Данғара» - 36,8 миллион сомонӣ рост меояд. Дар умум, аз оғози фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳаҷми сармоягузории мустақим 1 миллиарду 720 миллион сомониро ташкил дод.

Илова бар мавқеи мусоиди ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, омили ҷолиб барои сармоягузорӣ имтиёзҳои андоз ва гумрукӣ ба субъектҳои МОИ мебошад.

Дар ҳудудҳои МОИ Тоҷикистон фаъолияти соҳибкории субъектҳо, новобаста аз шакли моликият, аз пардохти 8 намуди андоз аз 10 намуди андози пешбининамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон озод аст. Субъектҳои МОИ ҳамчун агенти андоз барои нигоҳдорӣ ва пардохти андози иҷтимоӣ (20% Фонди музди меҳнат) ва андоз аз даромади шахсони воқеӣ (8 то 12%) барои кормандони субъектҳои МОИ андозсупорандагон дар Тоҷикистон баромад мекунанд.

Фоидае, ки сармоягузорони хориҷӣ гирифтаанд ва музди меҳнати коргарони хориҷӣ бо асъори хориҷӣ метавонанд аз ҷониби онҳо озодона ба хориҷи кишвар интиқол дода шаванд ва ҳангоми содирот ба хориҷа андоз ситонида намешаванд.

Айни замон, дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар ҳамагӣ 1091 корманд кору фаолият мекунанд. Аз шумораи умумии кормандон 350 нафар ба МОИ «Данғара», 668 нафар ба МОИ «Суғд», 34 нафар ба МОИ «Панҷ» 20 нафар ба МОИ «Ишкошим» ва ба МОИ «Кӯлоб» 19 нафар рост меояд.

Вобаста ба истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар минтақаҳо бояд иброз дошт, ки дар соли 2020 ба маблағи 199,81 млн.сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст. Дар МОИ «Суғд» 165,26 млн. сомонӣ, МОИ «Данғара» 34,5 млн. сомонӣ, МОИ

«Панҷ» 0,05 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол шудааст. Аз оғози фаоълияти минтақаҳои озоди иқисодӣ дар маҷмуъ маҳсулоти саноатӣ, хизматрасонӣ ва амалиётҳои воридоту содироти ба маблағӣ 941,6 млн.сомонӣ баробар гардид.

Ҳаҷми сармоягузории мустақим дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2020 ба 43,3 млн. сомонӣ баробар гардид. Саҳми асосии сармоягузориҳои азхудшуда ба минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд»16,9 млн. сомонӣ «Данғара» 24,3 млн. сомонӣ ва «Панҷ» 2,1 млн.сомонӣ рост меояд.

Дар соли 2020 ҳамагӣ 72 ширкатҳои ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шудааст. Дар МОИ «Суғд» 19 субъектҳои ватанӣ, 6 субъектҳои хориҷӣ ва 5 субъектҳои муштарак мебошад. Дар МОИ «Данғара» 9 субъектҳои ватанӣ ва 16 субъектҳои хориҷӣ мебошад. Дар МОИ «Панҷ» 4 субъектҳои ватанӣ, 3 субъектҳои хориҷӣ ва 4 субъектҳои муштарак мебошад. Дар МОИ «Ишкошим» 5 субъекти ватанӣ мебошад. Дар МОИ «Кӯлоб» 1 субъекти ватанӣ мебошад.

Минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон як қисми қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Моле, ки дар ҳудуди МОИ ҷойгир шудааст, берун аз қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобида мешавад, ки ин имкон медиҳад, ки мол аз хориҷи кишвар бидуни пардохти боҷҳои воридотӣ ва андоз аз арзиши иловашуда ворид карда шавад.

Воридоти молҳои хориҷӣ ва ватанӣ, таҷҳизоти истеҳсолӣ ва сохтмонӣ ба қаламрави МОИ бидуни ситонидани боҷҳои гумрукӣ ва андоз амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми содироти мол аз ҳудуди МОИ ба хориҷ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон андоз ва боҷҳои гумрукӣ, ба истиснои пардохтҳо барои барасмиятдарории гумрукӣ, ситонида намешаванд, манъу махдудиятҳои дорои хусусияти иқтисодӣ татбиқ карда намешаванд.

Дар зер хусусиятҳои асосии фарқкунандаи минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро аз минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Россия дар шакли ҷадвал гурӯҳбандӣ мекунем (ҷадвали 2.19.)

Таҳлили таҷрибаи мавҷудаи ташкил ва фаъолияти МОИ дар мамлакатдои интихобшуда нишон медиҳад, ки муқаррар намудани принсипҳои таъсиси МОИ

на ҳамеша риоя карда мешавад ва муҳиммияти самаранокии он бештар афзалият дорад. Яъне, ҳатто агар яке аз принсипҳои ташаккули онхо (масалан, дар сархади дигар давлатхо таъсис гаштани МОИ) муқаррар шуда бошад, чунин принсип риоя карда намешавад, агар самаранокии маҷмӯии таъсиси чунин МОИ исбот шуда бошад. Дар сурати самаранокии реалии МОИ, масалан аз чихати зиёд гаштани имконоти реалии истифодаи технологияи нав ва имкони пахн намудани тачрибаи мусбат, пас дар ин сурат бартарй ба тарафи самаранокии реалии ташкили МОИ хоҳад буд.

Вобаста ба мавзуи кори илмии мо бояд қайд кард, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба модернизатсияи технологияҳо, азхудкунии ноу-хау, омӯзиши мутахассисон ва коргарон дар шаклҳои нави ташкили меҳнат, инчунин истифодаи ашёи хоми худӣ барои истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсули қувваи корӣ мусоидат мекунанд.

Инчунин маълум аст, ки ин минтақаҳо бояд ба муҳити тағйирёбандаи иқтисодии байналмилалӣ, аз ҷумла бо назардошти шомил шудани Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (соли 2013), узвияти эҳтимолии он ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕАЭС), ташаббуси нави Ҷумҳурии Халқии Хитой «Як камарбанд, як роҳ» ва риояи қоидаҳои тиҷорати бисёрҷониба ва минтақавӣ аз ҷониби Тоҷикистон, мутобиқ карда шаванд. Ин созишномаҳо ва қоидаҳои дар натиҷаи онҳо бавуҷудоянда ба ҳамгироии кишвар ба занҷираи ҷаҳонӣ ва минтақавии ҳисобкунии арзиши аслӣ (ЗҶҲА) мусоидат мекунанд. Иштирок дар занҷираи мазкур, ки 80%-и савдои ҷаҳониро ташкил медиҳад, метавонад ба Тоҷикистон имкони ворид шудан ба бозорҳои байналмилалиро фароҳам оварад ва ба ин васила на танҳо бартариятҳои қиёсии худро истифода барад, балки аз ҳисоби иқтисоди миқёс, инчунин интиқоли технологияҳои нав ва донишҳо баҳравар гардад. Ҳамаи ин бартариятҳо, самараҳо ва донишҳои нав сарчашмаи асосии ҳосилнокии умумии омилҳои истеҳсолот (ҲУОИ) ва ба ин васила баланд шудани сатҳи зиндагӣ мебошанд.

**Ҷадвали 2.19. – Хусусиятҳои асосии фарққунандаи МОИ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Россия**

| Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷумҳурии Халқии Хитой | Федератсияи Россия |
|---|---|---|
| Ҳамгироии сармоягузории хориҷӣ бо захираҳои моддию молиявии корхонаю ташкилотҳои ватании ба шаклҳои гуногуни моликият асосёфта | Дар МОИ сохтори моликият бештар тафриқа шудааст, корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ нақши пешбарандаро мебозанд | Сармоягузорон инфрасохтори аз ҳисоби буҷети давлатӣ таъсисёфтаро барои рушди соҳибкорӣ мегиранд, ки ин имкон медиҳад хароҷоти ташкили истеҳсолоти нав кам карда шавад |
| Минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои бунёди инфрасохтори муосири бозор шароит фароҳам оварда, пулеро ба бозорҳои ҷаҳонӣ фароҳам меоранд, мавқеи бозори дохилиро мустаҳкам намуда, инчунин сармояи хориҷиро ҷалб мекунанд | Танзими бозорӣ дар МОИ ба омили асосӣ мубаддал гардид | Таъсиси инфрасохтори муосири бозор, ки имкон медиҳад, ки минтақаҳо ҳамчун миёнарав байни бозори ҷаҳонӣ ва иқтисоди миллӣ истифода шаванд[38] |
| Асосан, истеҳсоли маҳсулот дар ҳудуди МОИ ба баланд бардоштани иқтидори содиротӣ, инчунин ба васеътар кардани имкониятҳои давлат барои зиёд кардани воридотивазкуниҳо (пур кардани бозори истеъмолии дохилӣ) нигаронида шудааст | Маҳсулоти корхонаҳои МОИ ба содирот нигаронида шудааст | Минтақаҳои комплексии истеҳсолӣ ба содироти молҳои истеъмолии ғайримоддӣ (аз бозичаҳо то электроника) ва боқимонда (инноватсияҳои технологӣ, минтақаҳои бандарӣ ва минтақаҳои сайёҳию рекреатсионӣ) ба ташкили таъминоти воридотивазкунии сифатноки молҳо дар бозори дохилӣ нигаронида шудаанд |
| Шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ (аз ҷумла корхонаҳои хориҷӣ), ки тибқи тартиби муқарраршуда дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба қайд гирифта шудаанд, мутобиқи қонунгузории андоз ва гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли давраи фаъолияти онҳо дар минтақаи озоди иқтисодӣ аз пардохти андоз ва боҷҳо қисман ё пурра озод карда мешаванд | Ба сармоягузорони хориҷӣ имтиёзҳо дар самти пардохти андози корпоративӣ дода мешаванд | Ба сармоягузорони хориҷӣ ва россиягие, ки дар МОИ фаъолият мекунанд, нисбат ба шароите, ки онҳо дар хориҷа ва ё дар дигар ҳудудҳои Федератсияи Россия доранд, шароити беҳтареро барои пешбурди тиҷорат фароҳам меорад.<br>Ба ширкатҳо — резидентҳои минтақа ҳавасмандиҳо ва имтиёзҳои умумӣ ва хоси андоз, савдо ва маъмурӣ вогузор карда шудааст |

[38] Камдин А.Н. Особые экономические зоны: проблемы и особенности функционирования на региональном уровне [Текст] / А.Н. Камдин, И.Г. Ельмеева // Молодой ученый. - 2013. - №5. - С. 312-317. [Электронный ресурс]. Режим доступа, URL https://moluch.ru/archive/52/6713, открытый. Дата обращения: 20.07.2019.

*Идомаи ҷадвали 2.19.*

| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **Ҷумҳурии Халқии Хитой** | **Федератсияи Россия** |
|---|---|---|
| Тартиби гирифтани раводид ва иҷозатномаҳо сода карда шудааст | Тартиби гирифтани раводид ва иҷозатномаҳо сода карда шудааст | Тартиби гирифтани раводид ва иҷозатномаҳо сода карда шудааст |
| Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии резидентҳои минтақаи озоди иқтисодӣ (сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва шакли моликият) дар бораи таъсиси корхона бо иштироки сармоягузорони ватанию хориҷӣ мустақилона қарор қабул намуда, фаъолияти иқтисодии хориҷиро мустақилона анҷом медиҳанд ва барои натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии худ масъулияти пурраи иқтисодиро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зимма доранд | Давлат ба минтақаҳо дар ҷорӣ намудани фаъолияти савдои хориҷӣ мустақилияти калон медиҳад ва аз болои он назорат мебарад | Системаи идоракунии “як равзана” имкон медиҳад, ки ҳамкориҳои мутақобила бо мақомоти танзимкунандаи давлатӣ дар соҳаи савдои дохилӣ ва хориҷӣ сода карда шуда, давлат инчунин дар минтақаҳо фаъолияти мустақилонаи тиҷорати хориҷии кишварро вогузор намояд |
| Дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ барои таъсис ва ба роҳ мондани фаъолияти корхонаҳои дорои сармояи хориҷӣ, инчунин корхонаҳое, ки пурра ба сармоягузорони хориҷӣ тааллуқ доранд, низоми имтиёзнок муқаррар карда мешавад | Сабукиҳои аз ҳама бештар ба лоиҳаҳои дорои технологияҳои нави пешрафта дода мешаванд. Маҳз ҳамин лоиҳаҳо имтиёзҳои махсуси андозӣ ва дигар сабукиҳо мегиранд | Имтиёзҳои андоз то 15,5 фоиз кам кардани меъёри андоз аз даромад, андоз аз амволи ташкилотҳои резидентҳои МОИ, инчунин озод кардан аз андозҳои замин ва нақлиёт ба муҳлати то 5 солро дар бар мегирад. Инчунин, МОИ дорои низоми имтиёзноки гумрукӣ мебошад |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

**Ҷадвали 2.20. – Таҳлили муқоисавии таҷрибаи амалкарди МОИ дар Федератсияи Россия, ИМА, Хитой ва Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | ИМА | Хитой | Россия | Тоҷикистон |
|---|---|---|---|---|
| Теъдоди МОИ | 700 | 900 | 27 | 5 |
| Миқдори резидентҳо | 2500 | 45700 | 323 | 73 |
| Теъдоди ҷойҳои корӣ | 340000 | 40000000 | 8069 | 1092 |
| Ҳаҷми сармоягузориҳо | 153,8 млрд. долл. | 17,03 млрд. долл. | 69 301 млн. руб | 1,72 млрд. сомонӣ |

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар заминаи маводи таҳқиқот

Чуноне дида мешавад, аз ҷиҳати теъдоди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, шумораи резидентҳо, теъдоди ҷойҳои корӣ нишондиҳандаҳои Хитой ҳатто нисбат ба ИМА баланд бошанд ҳам, аз рӯйи ҳаҷми сармоягузориҳо зиёда аз нуҳ маротиба камтар мебошанд. Тоҷикистон аз рӯйи шумораи резидентҳо ба як минтақаи озоди иқтисодӣ (14,6) аз Россия (11,9), ИМА (3,6) пешсаф буда, аз Хитой (50,7) ақиб мондааст. Дар Тоҷикистон ба як резиденти МОИ 14,9 ҷойи корӣ, дар ИМА 136, дар Россия 244,5 ва дар Хитой 875 ҷойи корӣ рост меояд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва низомномаи дахлдор оид ба таъсиси онҳо, ки одатан аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, фаъолият мекунанд.

Ҳамин тариқ, МОИ ҳудуди алоҳидаи (маҳдуд) Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар доираи онҳо низомҳои махсуси гумрукӣ ва андоз, инчунин тартиби содакардашудаи бақайдгирии субъектҳои МОИ амал мекунанд.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛ ДОДАНИ ИДОРАКУНИИ СИСТЕМАИ ИҶТИМОИЮ ИҚТИСОДИИ ОСЕБПАЗИР

## 3.1. Рушди МОИ ҳамчун воситаи паст кардани сатҳи осебпазирии системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ

Дар шароити сустшавии суръати рушди иқтисоди ҷаҳонӣ ва интизории таназзули ҷаҳонӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сари вақт андешидани тадбирҳои зиддиосебпазири, ки ба таъмини суботи макроиқтисодӣ, такмили низоми бонкӣ, таъмини самаранокӣ ва шаффофияти фаъолияти бахши давлатӣ, таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли аҳолӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна дар самти истеҳсолот имкон дод, ки суботи макроиқтисодӣ, рушди босуръати соҳаи саноат, тавсеаи потенсиали истеҳсолӣ аз ҳисоби ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолӣ, рушди устувори истеҳсолоти кишоварзӣ, афзоиши даромади аҳолӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъмин карда шавад.

Вобаста ба масъалаҳо ва роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдошта дар самтҳои нишододашуда рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) чун воситаи паст кардани сатҳи осебпазирии системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ дониста шуд ва 17 майи соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» қабул гардид ва дар такмилоти нав моҳи марти соли 2011 қабул гардид. Тибқи моддаи 1-и он мавҳуми «Минтақаҳои озоди иқтисодӣ» чунин муқаррар карда шудааст: «**минтақаи озоди иқтисодӣ** – қитъаи алоҳидаи (маҳдуди) қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳудуди аниқ муқарраркардашуда, ки дар он барои фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ шароити имтиёзноки иқтисодӣ ва низоми махсуси ҳуқуқӣ муҳайё карда шудааст»[39]. Тибқи қонун, ҳадафҳои таъсис дода шудани МОИ ба таври зайл муқаррар карда шудааст:

[39] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» аз 25 марти соли 2011, моддаи 1.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешаванд:

- рушди иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳурӣ, минтақаҳо ва маҳалҳои алоҳидаи он;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорӣ ба бахшҳои воқеии иқтисодиёт;
- нигоҳдории ҷойҳои кории мавҷуда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ;
- ҷалби техникаи муосир ва технологияи инноватсионӣ;
- ташкил ва рушди инфрасохтори муосири нақлиётӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;
- беҳтар кардани сифати идоракунӣ, таъмини самараноки истеҳсолот ва истеҳсоли маҳсулоти дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир;
- баланд бардоштани иқтидори содирот ва рушди истеҳсолоти ивазкунандаи воридот;
- ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ;
- фаъолгардонии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ва минтақаҳо;
- азхудкунии мавзеъҳои нав ва таъмини рушди шаҳрсозӣ;
- нигаҳдорӣ ва истифодаи самарабахши захираҳои табиии барқароршаванда ва барқарорнашаванда.

Татбиқи тадбирҳои дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» пешбинишуда барои таъмини қадамҳои устувор дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардуми Тоҷикистон шароит муҳайё карданд.

Таҳлили вазъи нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 нишон дод, ки дар ин давра дар тамоми бахшҳои иқтисоди миллӣ тамоюли мусбати рушд нигоҳ дошта шуда, дар маҷмуъ суботи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди ҷумҳурӣ таъмин карда шудааст.

Дар доираи мавзуи таҳқиқшавандаи мо бояд қайд кард, ки МОИ – ҳудудҳои алоҳидаи (маҳдуди) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ки дар ҳудуди онҳо низомҳои махсуси гумрукӣ ва андоз, инчунин тартиби содакардашудаи бақайдгирии субъектҳои МОИ амал мекунанд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар ҳамзамон бо мақсади таъмини шароити мусоид барои суръатбахшии рушди иқтисодии мамлакат, аз ҷумла таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор дар минтақаҳои кишвар, рушди иқтисодиёти минтақаҳо дар асоси технологияи инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмуии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, истифодаи усулҳои нави хоҷагидорӣ дар иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он, густариши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳои малакат таъсис дода шудаанд.

Принсипҳои асосии ташаккулёбӣ ва фаъолияти МОИ бояд дар тамоми қаламрави кишвар якхела бошанд ва дар қонунгузории махсус инъикос ёбанд.

Муносибатҳои гуногун метавонанд танҳо дар масъалаҳои хоҷагидорӣ ва иҷтимоӣ вуҷуд дошта бошанд, ки дар қарори ҳукумат дар бораи ташкили минтақаи мушаххаси иқтисодӣ дарҷ карда мешаванд.

Муносибатҳои хоҷагидорие, ки корхонаҳои дар МОИ ҷойгирбуда ба онҳо ворид мешаванд, дар асоси шартномавӣ ба роҳ монда мешаванд. Корхонаҳои минтақаҳои ҳамаи шаклҳои моликият мустақилона барномаи истеҳсолӣ тартиб дода, маҳсулот (хизматрасонӣ)-и худро мефурӯшанд. Фармоиш барои эҳтиёҷоти давлатӣ метавонад танҳо мувофиқи муқаррароти дахлдори қонуни амалкунанда дода шавад.

Лекин дар баробари заминаҳои қонунгузорӣ дар танзими МОИ дар минтақаҳои осебпазири кишвар усулҳои иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонӣ аҳамияти калон доранд.

Тибқи консепсияи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварҳои ИДМ имтиёзҳо ҳам барои сармоягузорони хориҷӣ ва ҳам маҳаллӣ пешбинӣ шудаанд. Чунин имтиёзҳо, чун қоида, инҳоро дар бар мегиранд: озод кардани воридот ва

содироти минтақаи озод аз андозбандии гумрукӣ; имтиёзҳо ва сабукиҳои андоз, кам кардан ё тамоман озод кардан аз пардохти маблағи иҷора; хизматрасониҳои инфрасохторӣ; мустақилона муайян кардани муҳлатҳои истеҳлок; истифодаи нархҳои озод дар фурӯши маҳсулот; ҳуқуқи иштироки сармоягузорони дохилию хориҷӣ дар идоракунии минтақаи иқтисодӣ.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузориҳо сармоягузорони хориҷӣ аз андоз аз фоидае, ки дар минтақаи озод гирифта шудаанд, озод карда мешаванд, дар дигар ҳолатҳо кафолатҳои иловагии давлатӣ барои ҳифзи сармоягузории онҳо дар ҳама намудҳо, инчунин андешидани чораҳо оид ба ҳифзи моликият пешниҳод карда мешаванд. Инчунин, чун қоида, сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқ доранд, ки сармояи гузошташударо интиқол диҳанд ё ба гарав гузоранд, сармоягузории худро ба субъекти муайян ё дар маҷмуъ ба МОИ тағйир диҳанд ё қатъ намоянд.

Дар МОИ низоми қабул ва сукунати шаҳрвандони хориҷӣ сода карда шудааст. Илова бар ин, ба шарикони хориҷӣ дар бозори дохилӣ фурӯши маҳсулоти тибқи фармоиши давлатӣ истеҳсолшуда, инчунин озодии интихоби манбаъҳои маблағгузорӣ барои фаъолияти худ дар минтақаи озод, аз ҷумла ҷалби маблағҳо аз бозори ҷаҳонии молиявӣ кафолат дода мешавад. Онҳо ҳуқуқ доранд, ки аз бонкҳо, ширкатҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ бе маҳдудият қарз гиранд, инчунин барои бо онҳо бастани ҳамаи намудҳои шартномаҳои суғурта ташкилотҳои суғуртаи хориҷиро ҷалб намоянд.

Дар баробари ин, механизми асъории фаъолияти минтақаҳои озод барои таъмини на танҳо воридшавии сармояи хориҷӣ, балки фаъолияти муътадили онҳо ва ҳамкории мутақобилаи онҳо ҳам бо иқтисодиёти миллӣ ва ҳам бо бозори ҷаҳонӣ пешбинӣ шудааст.

Муомилоти дохили хоҷагӣ дар минтақаҳо асосан бо асъоре ба амал бароварда мешавад, ки дар қаламрави мамлакат амал мекунад. Аммо МОИ метавонад пули худ ё асъоре дошта бошад, ки барои якчанд минтақаҳои як давлат маъмул аст.

Тамоми сабукиҳо ва имтиёзҳоро вобаста ба намуди минтақаи озод дар ин ё он комбинатсия дар минтақаҳои осебпазири малакат истифода бурдан мумкин аст.

Яке аз шаклҳои идоракунии рушди МОИ – ин барномаҳои комплексӣ мебошанд.

Тачрибаи Ҷумҳурии Халқии Хитой, ки дар он дар як вақт минтақаҳои навъи гуногун амал мекунанд, мароқангез мебошад. Дар ин ҷо меъёрҳои мушаххасе тартиб дода шудаанд, ки МОИ -ро аз тамоми қаламрави мамлакат фарқ мекунонад. Маҳсулоти корхонаҳои МОИ ба содирот нигаронида шуда, давлат ба онҳо дар пешбурди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мустақилияти назаррас медиҳад, тартиби гирифтани раводид ва иҷозатномаҳо сода карда шуда, то ҳадди имкон шароити мусоид барои ҷалби сармоя ва гузаронидани гуфтушунидҳои корӣ фароҳам оварда шудааст.

Ба корхонаҳое, ки дорои мақоми технологияи пешқадам мебошанд, инчунин ба корхонаҳое, ки барои содирот маҳсулот мебароранд, имтиёзҳои калон дода мешавад. Ҳамин тариқ, ба рушди босуръати минтақаҳои махсуси иқтисодӣ дар Хитой асосан он чиз мусоидат кард, ки ба корхонаҳои бо иштироки сармояи хориҷӣ, ки технологияҳои баландро ҷалб мекунанд, ҳуқуқи нигоҳ доштани тамоми асъори аз содирот гирифташударо дар давоми се сол таъмин карданд. Аз соли чорум сар карда, асъор дар байни мақомоти маҳаллӣ ва корхонаҳо бо таносуби 2:3 тақсим карда мешуд.

Самаранокии иқтисодии МОИ дар кишвари мо якранг нест, яъне амалияи фаъолияти ғайрисамаранок, мутобиқат накардан ба принсипҳои муқарраршудаи ташкили МОИ ва дигар омилҳо вуҷуд доранд, ки зарурати таҳқиқи махсуси илмии проблемаҳои самаранокии истифодаи амалияи минтақаҳои озоди иқтисодиро таъкид менамоянд.

Дар давоми роҳандозии як қатор ислоҳоти асосӣ дар системаи идоракунии давлатӣ ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (моҳи майи 2004), дар кишвар ҳудудҳои дорои низоми имтиёзноки фаъолияти соҳибкорӣ -

минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) таъсис дода шуданд. Мақсади таъсиси онҳо ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии минтақаҳои алоҳида ва умуман тамоми давлат, ҷалби сармоягузорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ ва ғайра мебошад. Барои кишвари мо, ки мушкилоти рушди иқтисодӣ, бекорӣ, дараҷаи баланди муҳоҷирати дохилӣ ва хориҷӣ, нокифоя будани захираҳои молиявӣ барои фаъолияти истеҳсолӣ, нобаробарии рушди минтақаҳо ва амсоли онро дорад, ташкили чунин минтақаҳо махсусан дар минтақаҳои осебпазир муҳим мебошад.

Дар маҷмуъ минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсадҳои зерин таъсис дода мешаванд:

- барои ҳамгироии бештари иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ;
- ҷиҳати таъмини шароити мусоид барои ҷалби сармояи хориҷӣ, технология ва таҷрибаи идоракунӣ;
- бобати инкишофи иқтидори иқтисодии ҳудуд дар заминаи ҳамгироии сармоягузории хориҷӣ бо захираҳои моддию молиявии корхонаю ташкилотҳои ватании ба шаклҳои гуногуни моликият асосёфта;
- барои бунёди инфрасохтори муосири истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;
- ба хотири пур кардани бозори дохилӣ бо маҳсулот ва молҳои мавриди истеъмол ва таъиноти истеҳсолидошта;
- ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи шуғл ва дараҷаи зиндагонии аҳолӣ.

Ҳамзамон равшан аст, ки МОИ бояд ба муҳити тағйирёбандаи иқтисодии байналмилалӣ, аз ҷумла бо назардошти шомил шудани Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (соли 2013), узвияти эҳтимолии он ба Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕАЭИ), ташаббуси нави Ҷумҳурии Мардумии Хитой “Як камарбанд, як роҳ” ва риояи қоидаҳои тиҷорати бисёрҷониба ва минтақавӣ аз ҷониби Тоҷикистон мутобиқ карда шаванд. Ин созишномаҳо ва қоидаҳои дар натиҷаи онҳо бавуҷудоянда ба ҳамгироии кишвар ба занҷираҳои ҷаҳонии ҳисобкунии арзиш (ЗҶҲА - GVCs) мусоидат мекунанд. Иштирок дар GVCs, ки 80%-и савдои ҷаҳониро ба худ ихтисос додааст, метавонад ба Тоҷикистон

имкони ворид шудан ба бозорҳои байналмилалиро фароҳам оварад ва ба ин васила на танҳо бартарии нисбии худро истифода барад, балки аз самараи миқёс, инчунин интиқоли технологияҳои нав ва ноу-ҳай баҳра барад, ки ҳамаи инҳо сарчашмаҳои асосии ҳосилнокии умумии омилҳои истеҳсолот (МОИ) ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ маҳсуб меёбанд.

Тавре дар лоиҳаи СМР-2030 қайд гардидааст, сохтмони «инфрасохторе лозим аст, ки минтақаҳои кишварро тавассути сохтмони роҳҳои автомобилгард ва оҳан, фрудгоҳҳо, системаҳои алоқа, ки интиқол, хизматҳо, сармоя ва одамонро дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва байналмилалӣ осон мегардонанд» зарур аст. Бинобар ин бунёди минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷи Поён» ва «Ишкошим» дар минтақаи осебпазири наздисарҳадии кишвар логистика ва нигоҳдории маҳсулотро беҳтар намуда, ба ташкили арзиши иловашуда мусоидат хоҳад кард.

МОИ ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар кишвари мо дурнамои васеъ доранд. Муваффақияти таъсиси онҳо дар Тоҷикистон мустақиман аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза дар МОИ таъсис додани як низоми иқтисодие, ки то ҳадди имкон ба идеал наздик бошад - бо қоидаҳои аниқи бозӣ, хароҷоти ҳадди ақали бюрократӣ ва фазои мусоидтарини рақобатӣ, ки фазои сармоягузориро дар МОИ бештар мусоид мегардонад, муяссар мегардад.

Аммо таҳлил ва муҳокимаи проблемаҳои асосии инкишофи МОИ нишон медиҳад, ки дар минтақаҳои осебпазир бунёди он ба баъзе мушкилотҳо дучор мегардад.

**Мушкилоти асосии МОИ-ро дар минтақаҳои мазкури Точикистон ба таври зайл муайян карда, кӯшиш мекунем, ки онҳоро пурра ё ихтисор кунем:**

1. Дараҷаи пасти тараққиёти инфрасохтори нақлиётӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;

2. Нокифоя будан ва дар баъзе ноҳияҳо тамоман набудани заминаи истеҳсолӣ;

3. Бисёр будани мақсадҳои гузошташуда ва асосноккунии сусти онҳо;

4. Мавҷудияти расмиёти маъмурӣ;

5. Сифати пасти лоиҳаҳои тиҷоратӣ;

6. Дар муқоиса бо шумораи ширкатҳои ба қайд гирифташуда дар асл шумораи хеле камтари сокинон амал мекунанд;

7. Ҳаҷми нокифояи маблағгузории иншооти инфрасохторӣ дар муқоиса бо таҷрибаи пешқадами хориҷӣ;

8. Дастгирии сусти давлат, қабули қарорҳои аксаран гуногун оид ба МОИ;

9. Алоқаи сусти байни барномаҳои рушди минтақа ва нақшаҳои рушди МОИ;

10. Сифати пасти барномаҳои рушди минтақавӣ ва ҳудудӣ;

11. Ҳамоҳангсозии сусти барномаҳои рушди соҳавӣ ва минтақавӣ;

12. Нарасидани кадрҳои баландихтисос;

13. Набудани бизнес-инкубаторҳо ва марказҳои таълимӣ

14. Нарасидани маблағгузорӣ;

15. Воридшавии ками сармояи хориҷӣ;

16. Дар ҳудуди МОИ мавҷуд набудани сохторҳои бонкӣ ва иштироки сусти онҳо дар кори МОИ.

Ба андешаи мо, дар ин самт Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини рушди минтақаҳои осебпазири ҷумҳурӣ корҳоро дар самти баланд бардоштани самаранокии механизмҳои идоракунии давлатӣ дар сатҳи ноҳияҳо ва маҳаллӣ, таҳкими заминаҳои молиявии минтақаҳо ва буҷети маҳаллӣ,  рушди деҳот, урбанизатсия ва мусоидат ба раванди рушди шаҳрҳо, ташаккули комплексҳои ҳудудию саноатӣ ва таъмини аҳолӣ бо хизматрасониҳои сифатноки давлатӣ пайваста чораҷӯӣ намояд.

Ҳангоми истифодаи имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ бояд дар назар дошт, ки принсипи асосии ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва истифодаи низомҳои имтиёзнок татбиқнамоии онҳо нисбат ба намуди муайяни фаъолияти соҳибкорӣ, рушди инфрасохтор ва роҳҳои нақлиётӣ, савдои

наздисарҳадӣ, истифода ва инкишоф додани афзалиятҳои мавқеи ҷойгиршавии иқтисодию ҷуғрофии ҳудуд мебошад.

Принсипи якуми ташкили минтақаи махсуси иқтисодӣ он аст, ки он як қисми ҳудуди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.Азбаски принсипи асосии ташкили минтақаи озоди иқтисодӣ истифода ва инкишоф додани бартариҳои мавқеи ҷойгиршавии иқтисодию ҷуғрофии ҳудуд мебошад, дар он сурат ҳамаи омилҳои муҳимтарини тараққиёти минтақа, аз ҷумла рушди бахши бонкӣ (ифтитоҳи филиалҳои бонкҳои тиҷоратӣ, нуқтаҳои мубодилаи асъор ва ғ.), таъсиси ширкатҳои машваратӣ, аз ҷумла баҳодиҳӣ ва мониторинги фаъолияти иқтисодии сохторҳои соҳибкориро рушд додан зарур аст.

Бояд дар назар дошт, ки таҷрибаи баъзе кишварҳо, аз ҷумла дар давраи пасошӯравӣ дар самти бесамар будани кори ҳокимияти иҷроия, маъмурияти МОИ, сохторҳои соҳибкорӣ, ки дар ин қаламравҳо ҷойгиранд, мавҷуд мебошад, ки дар натиҷаи он дар баъзе минтақаҳо боиси бадном шудани ғояи ташкили МОИ гардид. Ҳодисаҳои зиёди ба қонунгузории ҷорӣ мувофиқат накардани фаъолияти сармоягузорӣ, истеҳсолӣ ва иқтисодии хориҷии корхонаҳо, мураккаб шудани авзои ҷиноядкорӣ ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ба қайд гирифта шуданд.

Ҳолатҳое ҳам истисно набуданд, ки ҳадафи дар пеш гузошташуда оид ба рушд ва ташкили соҳибкорӣ бо роҳи кам кардани бори андоз ва иваз намудани як қисми андозҳо ба пардохтҳои ихтиёрӣ ба буҷети вилоятҳо амалӣ карда намешуд, фаъолияти бевиҷдононаи соҳибкорӣ дар доираи нақшаҳои кам кардани андоз боиси зиёд шудани ҳаҷми талафот на танҳо дар соҳаҳои алоҳида гардид, балки онҳо ба тамоми соҳаҳои иқтисодиёт таъсири калон расониданд. Дар ин мавридхо, ҳатто баъди барҳам додани МОИ, оқибатҳои манфӣ барои тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ вуҷуд дошта метавонанд. Чунин ҳолатҳо метавонад дурнамои рушди МОИ-ро дар минтақаҳои осбпазири малакат халалдор созад.

Интихоби ҷойгиршавии МОИ бояд дар асоси принсипҳои омезиши мавқеи мусоиди ҷуғрофии минтақа, кам кардани хароҷоти рушди инфрасохтори

онҳо, паҳн намудани таҷрибаи пешқадами рушди инноватсионӣ ва баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ сурат гирад. Барои баъзе минтақаҳо, бахусус ноҳияҳои осебпазир, ин имкони эҳёи минтақаҳо, рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва робитаҳои байналмиллалӣ байни корхонаҳои соҳаҳои алоҳида ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар минтақаи осебпазир мебошад. Ва баръакс, дар сурати афзоиши парвандаҳои ҷиноятӣ, бахусус дар муносибатҳои иқтисодӣ, хатарҳои ҷиддии бад шудани вазъи иқтисоди минтақа, осеб дидани муносибатҳои иқтисодию дӯстонаи байналмилалӣ, бад шудани фазои сармоягузорӣ на танҳо дар ин минтақае, ки МОИ ҷойгир аст, балки дар маҷмуъ дар кишвар вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки вазифаи асосии МОИ - эҳёи иқтисодиёти минтақаи осебпазир бо роҳи фароҳам овардани реҷаи махсуси тиҷорат дар қаламрави он сарфи назар нашавад.

Ҳамаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушд қарор дошта, вобаста ба асосҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии худ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Бинобар ин, паҳн намудани таҷрибаи мусбати фаъолияти онҳо ва сари вакт ошкор ва бартараф намудани таҷрибаи манфии фаъолияти МОИ зарур аст.

Истифодаи шакли ташкилии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ дар аввали солҳои 1990 оғоз шуда, ҳадафи асосии он такони омилҳои ба рушди минтақа таъсиркунанда мебошад. Асоси ташаккулёбии МОИ ва субъектҳое, ки онро ташкил медиҳад ин ҳавасмандгардонии бесобиқаи фаъолияти субъектҳое, ки дохили МОИ ҳастанд, татбиқи имтиёзоти андозӣ ва гумрукӣ ба субъектҳои МОИ ва дигар механизми ҳамаҷониба ҳавасманд намудани субъектҳои МОИ мебошад.

Қобили зикр аст, ки МОИ худ ташкилоти ҳуқуқии махсусе мебошад, ки фаъолияти субъектҳои иқтисодии гуногунро муттаҳид мекунад ва, чунин субъектҳо бояд ҷавобгӯи шартҳои махсуси пешакӣ муайян шуда бошанд. Яъне, ҷавҳари масъала ин аст, ки дар ташаккули МОИ низоми талаботи ба субъектҳои он манзургардида, яъне кадом аз корхонаи минтақавӣ, ё ҷумҳуриявӣ ва

байналмиллалӣ метавонанд дар МОИ ҷойгир карда шавад, ё худ принсипҳои ташаккули МОИ нақши асосиро иҷро менамояд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) як навъ ташаккули ҳудудӣ ва иқтисодӣ мебошанд, ки вазифа ва ваколатҳои махсусро ба дӯш доранд. Гуногунии истисноии функсияҳои онҳо дар фаровонии истилоҳот ифода меёбад: «минтақаи иқтисодии махсус», «минтақаи махсус», «минтақаи соҳибкории озод» ва ғайра.

Ҳадафҳои асосии таъсис дода шудани МОИ дар минтақаҳои Тоҷикистон баланд бардоштани неруи иқтисодию иҷтимоии минтақаҳое, ки дар он МОИ ҷойгир карда шудааст, ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ, истифодаи техникаю технологияи пешқадам ва менеҷменти муосир мебошад.

Мақсад аз таъсиси минтақаи озоди иқтисодӣ ин, пеш аз ҳама, таъмин намудани рушди босуръаттари минтақаи муайяншуда мебошад. Рушди корхонаҳо-субъектҳои МОИ бояд ба дигар корхонаҳои минтақа мисоли фаъолияти пурсамар, ки ба техникаю тахнология пешқадам, тарзу услубҳои муосири идора бошад. Дар ин замина, асоси иқтисодии минтақа метавонад такони ҷиддие бошад, ки корхонаҳои истеҳсолию тиҷоратии он рақобатпазир бошанд, дар бозори дохилию хориҷӣ муваффақ бошанд, имконоти паҳн намудани қоғазҳои қимматноки худро дар бозори дохилию хориҷии молиявӣ дошта бошанд ва дар минтақа фазои мусоиди сармоягузориро баргузор намоянд. Яъне, корхонаҳое, ки мақоми аз ҷиҳати технологӣ пешрафтаро доранд ва, асосан барои содирот нигаронида шудаанд, имкони дохил шудан ба МОИ ва истифодаи имтиёзҳои назаррасро доранд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба навсозии технологияҳо, аз худ кардани ноу-хау, омода намудани мутахассисон ва коргарон дар шаклҳои нави ташкили меҳнат, инчунин истифодаи ашёи хоми ватанӣ барои истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва таъмини шуғли пурсамари қувваи кории ватанӣ бояд шароити фароҳам оварад.

Консепсияи махсус бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонии фаъолияти минтақаҳои озод ва хусусиятҳои рушди кишварҳои ИДМ таҳия карда шудааст,

ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», Низомнома дар бораи минтақаҳои иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои марбути ҳамин масъала дарҷ гардидаанд. Тибқи консепсияи рушди МОИ ҳангоми нигоҳ доштани тамоюли содирот дар доираи мақсаднок ҳавасманд карда мешаванд, ки барои бозори дохилӣ "кор кунанд" ва барои истифодаи технологияи пешрафта, техникаи нав, менеҷменти муосир ва молҳои хушсифат саҳми худро гузоранд. Ғайр аз ин, минтақаҳои озоди иқтисодӣ бояд дар таҳкими фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақа саҳми назаррас дошта бошанд, марказҳои рушд ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами истеҳсолӣ ва тиҷорат, майдонҳои санҷиши шаклҳои нави идоракунӣ бошанд.

Ҳудуди барои минтақаи озоди иқтисодӣ интихобшуда низ бояд ба як қатор талабот ҷавобгӯ бошад: ба дараҷаи кофӣ васеъ бошад, дорои шароити мувофиқи иқтисодию ҷуғрофӣ бошад, дар наздикии шаҳр, ки бозори мувофиқ ва потенсиали назарраси илмию техникӣ дорад,ҷойгир шуда бошад.

Мувофиқи консепсияи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ барои сармоягузорони хориҷӣ ва маҳаллӣ имтиёзҳои ба ҳам монанд пешбинӣ шудаанд. Чунин имтиёзҳо одатан инҳоянд:

- озод кардани воридот ва содироти минтақаи озод аз андози гумрукӣ;
- имтиёзҳои муайяни андоз ва боҷи гумрукӣ,
- кам ё озод кардан аз пардохти иҷорапулӣ;
- пешниҳоди инфрасохтори мувофиқ;
- мустақилона муайян кардани муҳлати амортизатсия;
- татбиқи нархҳои озод ҳангоми фурӯши маҳсулот;
- ҳуқуқ барои иштирок дар сармоягузории ватанию хориҷӣ ва дар идоракунии минтақаи иқтисодӣ. Тамоми усулҳо ва механизми ҳавасмандгардонии иқтисодии МОИ дар заминаи қонунгузории махсус пешбинӣ карда шудаанд ва бояд таҳти назорат қарор дошта бошад.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ фоидае, ки дар минтақаи озод ба даст оварда шудааст, аз боҷи давлатӣ озод

карда мешаванд, дар баъзе ҳолатҳои дигар кафолатҳои иловагии давлатӣ низ пешбинӣ карда мешавад ва ҳимояи ҳамаи намудҳои сармоягузорӣ, инчунин чораҳо оид ба ҳифзи амволи сармоягузор андешида мешаванд.

Инчунин, сармоягузорони хориҷӣ ҳуқуқ доранд сармояи гузошташударо ба дигар ҷой интиқол диҳанд ё ба гарав гузоранд, сармоягузории худро дар як муассисаи муайян ё дар маҷмуъ дар МОИ тағйир диҳанд ё қатъ кунанд.

Дар МОИ режими қабул ва зисти муқимии хориҷиён содда карда шудааст. Ғайр аз он, ба шарикони хориҷӣ кафолати фурӯш дар бозори дохилии маҳсулоти аз ҳисоби фармоиши давлатӣ истеҳсолшуда пешниҳод карда мешавад, инчунин озодии интихоби манбаъҳои маблағгузории фаъолияти онҳо дар минтақаи озод, аз ҷумла ҷалби маблағ аз молияи бозори ҷаҳонӣ низ пешбинӣ карда мешавад.

Субъектҳои МОИ ҳуқуқ доранд бидуни маҳдудият аз бонкҳо, ширкатҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ қарз гиранд, инчунин ширкатҳои суғуртаи хориҷиро барои бастани ҳама намудҳои амалиёти суғурта бо онҳо ҷалб кунанд.

Ҳамзамон, механизми асъорӣ барои фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ тарҳрезӣ шудааст, ки на танҳо вуруди сармояи хориҷӣ, балки фаъолияти муътадил ва ҳамкории онҳоро бо иқтисоди миллӣ ва ҳам бозори ҷаҳонӣ таъмин намояд.

Муомилоти дохили хоҷагӣ дар минтақаҳо асосан бо асъори дар қаламрави кишвар амалкунанда амалӣ карда мешавад. Аммо субъектҳои МОИ метавонад пули худ ё асъори барои якчанд минтақаи як давлат муштаракро дошта бошад. Ҳама имтиёзҳо ва ҳавасмандкуниҳо метавонанд вобаста ба намуди минтақаи озоди мазкур дар ин ё он комбинатсия истифода шаванд. Бинобар ин, яке аз шаклҳои идоракунии рушди МОИ барномаҳои мураккаб мебошанд.

Аз ҷумлаи принсипҳое, ки бояд субъекти МОИ ҷавобгӯи он бошад, самаранокии истеҳсолот аст, зеро агар корхона самаранок набошад, омили пешрафти минтақа шуда наметавонад ва мисоли манфии фаъолияти корхонаҳои соҳавии минтақа шуда метавонад.

Аммо, талаботи чунин принсип ва самаранокии чунин корхонаҳо боиси нигаронӣ мебошанд. Масалан, тибқи тавзеҳномаи субъектҳои минтақаи озоди иқтисодии «Ишкошим», ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 01.12.2020 таҳия кардааст, аз 5 субъекти дар минтақа ба қайд гирифташуда, 4-тои он фаъол нест.

Аз ҷумла, корхонаи ҶДММ «Шёлковый Путь», ки ҳанӯз соли 2015 ба қайд гирифта шуда, самти фаъолияташ "ташкили маркази бизнес" мебошад ва ҳаҷми сармоягузории ватании он 114,820 доллари ИМА-ро ташкил мекунад, ба ҳолати соли 2021 фаъол нест.

Дар МОИ "Кӯлоб", ки соли 2019 таъсис дода шудааст, танҳо як субъект ба қайд гирифта шудааст, ки он ҳам то имрӯз ҳаҷми истеҳсоли худро нишон намедодааст. Минтақаҳои озоди иқтисодии муваффақтар низ, ки ҳаҷми истеҳсолоти ҷиддиро доранд (МОИ "Суғд", МОИ "Данғара" ва МОИ "Панҷ") самаранокии фаъолияти субъектҳои дар минтақаи махсус ҷойгиршударо дар расонаҳои худ ба тариқи возеҳ нишон намедиҳанд.

Барои сармоягузорон танҳо маълумот оид ба имтиёзоти андозию гумрукӣ ва рӯйхати самтҳои афзалиятноки фаъолият дигар иттилоот, аз ҷумла иттилооти фарохтаре оид ба самаранокии фаъолият дар МОИ нишон дода намешавад.

Шароити кофӣ барои таъсис дода шудани МОИ дар минтақаҳои осебпазири кишвари мо вуҷуд дорад. Пеш аз ҳама, дар кишвари мо қувваи кории соҳибихтисос ва нисбатан арзон вуҷуд дорад. Яке аз мушкилоти дар ин ҷода мавҷуд буда ин аст, ки дар минтақаҳои кишвар муассисаю корхонаҳои таълимоти ибтидоию миёнаю касбӣ нобаробар рушд ёфтаанд ва ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ намебошанд. Бинобар ин, пешбинӣ мегардад, ки бо таъсис дода шудани МОИ ин ҷабҳаи муҳими тайёр кардани кадрҳои коргарӣ ва такмилоти ихтисосии онҳо низ рушд меёбад.

Яке аз шартҳои асосии ташкили фаъолияти МОИ муайян намудани принсипҳои мушаххас барои таъсиси дода шудани он ва иҷозат барои субъектҳое, ки метавонанд дар МОИ ҷойгир карда шаванд.

Ҳамчунин, бояд ибрози назар кунем, ки тибқи тадқиқоти диссертатсионии таҳияшуда, истифодаи қатъии принсипҳои асосии таъсиси МОИ таконбахши рушди барномавии ноҳияҳои таҳқиқшуда мебошад (расми 3.1.).

Дар бахши 1.2. қайд карда будем, ки кишварҳои дар истифодаи МОИ муваффақ принсипҳои таъсис ва роҳандозии онро қатъиян риоя мекунанд ва, барои манзур намудани имтиёзот таъсисгарон бо чунин принсипҳо шинос карда мешаванд ва барои риоя накардани принсипҳои муқарраршуда ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шудааст.

**ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ ТАЪСИСИ МОИ ВА РОҲАНДОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ ОН ДАР МИНТАҚАҲОИ ОСЕБПАЗИР:**

1. Ташаккул ва фаъолияти МОИ бояд дар қонунгузории махсус инъикос ёбанд. Равишҳои мухталиф танҳо дар масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буда метавонанд, ки дар ҳуҷҷатҳои оид ба ташкили минтақаи мушаххаси иқтисодӣ дарҷ гардидаанд.

2. Корхонаҳо, субъектҳои МОИ бояд самаранок ва аз ҷиҳати иқтисод муваффақ бошанд, ки ибрати дигар корхонаҳои соҳа бошад. Танҳо дар ин сурат субъекти МОИ метавонад ба иқтисоди минтақаҳои осебпазир таъсири мусбӣ дошта бошад.

3. Корхонаҳое метавонад субъекти МОИ бошад, агар дар фаъолияти худ аз технологияи нав истифода намояд, зеро бе чунин шарт, корхона наметавонад муваффақ ва рақобатпазир бошад.

4. Корхона метавонад субъекти МОИ бошад, агар маҳсулоти истеҳсол намудаи он ба содирот нигаронида бошад.

5. Корхона барои субъекти МОИ шудан бояд аз менеҷменти муосир истифода намояд ва таҷрибаи худро ба дигар корхонаҳои минтақа паҳн намояд.

**Расми 3.1. - Принсипҳои асосии таъсиси МОИ ва роҳандозии фаъолияти он дар минтақаҳои осебпазир.**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

МОИ бояд барои сармоягузорони ватанию хориҷӣ ҷолиб бошад, зеро ҳадафи асосии таъсис дода шудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ, пеш аз ҳама, фароҳам овардани фазои мусодиди сармоягузорӣ мебошад. Бинобар ин, риоя гардидани принсипу муқаррароти ташкили фаъолияти МОИ худ заминаи мусоид барои рушди рақобатпазири субъектҳои соҳибкорӣ дар минтақа аст.

Ба андешаи мо, бояд ҳам дар қонунгузории ҷорӣ оид ба таъсиси МОИ, ҳам дар Низомномаи фаъолияти он бояд принсипҳои ташкил кардан ва фаъолияти МОИ ва, вобаста ба ин, талабот ба субъектҳои хоҷагидор, ки метавонанд субъекти МОИ бошанд ва аз имтиёзоти он истифода намоянд, равшан нишон дода шаванд. Ҳамчунин, муқаррароте вуҷуд дорад, ки агар сармоягузори ватанӣ ҳавасманду фаъол набошад, сармоягузори хориҷӣ ба чунин тиҷорат мароқ зоҳир наменамояд, яъне маҳаки асосии ҷалби сармоя, чӣ ватанию чӣ хориҷӣ, ин соҳибкории муваффақ аст. Танҳо дар ин асос, ҳавасмандии амиқ барои соҳибкорони хориҷӣ метавонад истифодаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун пойгоҳи рушди бозор, бозори молиявӣ, бозори меҳнат, бозорҳои ватанию хориҷии молӣ, бозорҳои наздисарҳадӣ ва ғайра бошад.

### 3.2. Такмили усулҳо ва василаҳои рушди барномавии низоми иқтисодиву иҷтимоии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон.

Идоракунии барномави мақсадноки минтақаҳои кишвар асоси рушди нақшавии минтақаҳо ва танзими давлатии иқтисодиёт дар сатҳи минтақаҳо мебошад.

Азбаски, таърихи рушди барномавии кишвар на чандон тӯлонӣ аст ва фақат ду марҳилаи онро метавонем номбар кунем, ки он ҳам барномаҳои рушди шаҳру ноҳияҳо барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 аст. Мақсад аз таҳияи чунин назар дар он аст, ки дар таҳияи барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлат хусусиятҳои хоси минтақаҳои озоди иқтисодӣ инобат гирифта шавад. Ҳамчунин, зарурати ҳаракат қатъиян тибқи муқаррароти қонунгузории ҷорӣ дар ҷодаи дурнамо ва таҳияи ҳуҷҷатҳои рушди стратегӣ бояд зикр карда шаванд, зеро, барои мисол, ба инобат гирифта нашудани принсипҳои ягонагӣ, воқеият, асоснокии илмӣ, шаффофият ва масъулият[40] метавонад иштибоҳ дар низоми рушди барномавии минтақаҳо эъҷод намояд ва самаранокии қабули чунин як ҳуҷҷати муҳим ва омили асосии рушди минтақаҳоро паст намояд ва

---

[40] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (майи 2004). Моддаи 4.

ба амалӣ гаштани натиҷаҳои чашмдошт ва мақсадҳои нишондодашуда халалдор гардад. Тибқи муқаррароти қонуни зикргардида[41], бояд тамоми омилҳои таъсиррасони рушди минтақа ва хусусиятҳои хоси он бояд дар барномаҳои минтақавӣ ба тариқи қатъӣ ба инобат гирифта шавад, зеро дар акси ҳол барнома пурра намегардад ва иҷроиши он низ зери шубҳа мемонад.

Дар шароити ҳозира барномаҳои давлатӣ, бахусус барномаҳо даввлатӣ дар сатҳи маҳал чун механизми муҳими идоракунии шаҳру ноҳияҳо ба ҳисоб меравад ва дар раванди идоракунӣ, ҳамоҳангсозии барномаҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ нақши асосӣ ва аҳамияти хос дорад. Таҷрибаи якҷояи баъзе масъалаҳо аз тарафи мақомоти идораи давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ, мақомоти идораи маҳаллӣ, бахусус истифодаи имконоти минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) метавонад имкониятҳои рушди сатҳи минтақавиро ба тариқи назаррас зиёд намояд ва ё, баръакс, ба инобат гирифта нашудани имконоти мавҷудаи МОИ ва инъикос нагаштани неруи имконпазир, метавонад омили манфии рушди минтақа бошад.

Дар ташаккул ва истифодаи фонди музди меҳнат дар хоҷагии қишлоқ дигар хусусиятҳо низ мавҷуданд:

- ҳиссаи меҳнати дастӣ дар хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад, ки ин боиси паст шудани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат дар ин соҳа мегардад. Дар ин шароит ба дараҷаи баланди пардохти музди меҳнат ноил шудан хеле душвор аст.

- қарздории калон аз рӯйи музди меҳнати коркунони хоҷагии қишлоқ мавҷуд аст, ки ин онҳоро маҷбур мекунад, ки даромади натуралӣ ва пулиро аз хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ба манбаи асосии даромади худ табдил диҳанд.

- сатҳи пасти музди меҳнат майли аҳолии деҳотро ба кор паст намуда, вай дар кишварҳои ҳамсояи наздик татбиқи худро пайдо мекунад.

Ҳаҷм ва дараҷаи фоидае, ки хоҷагиҳо дар хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон ба даст меоваранд, ночиз мебошад. Ин раванд сабабҳои зерин дорад:

---

[41] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (майи 2004).

➢ дар замони Шӯравӣ кишоварзии Тоҷикистон як замимаи ёрирасон ва манбаи ашёи хоми давлати ягона буд. Ҳаҷми субвенсияе, ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ дода шудааст, танҳо барои пӯшондани хароҷоти ҷорӣ кифоя буд. Хоҷагиҳо наметавонанд бо истифода аз даромади худ ба иқтисодиёт маблағгузорӣ кунанд, зеро ё ин даромадҳо вуҷуд надоранд, ё маблағи камро ташкил медиҳанд. Маблағҳои давлатӣ барои маблағгузорӣ ба ин соҳа мунтазам намерасанд.

➢ вазни қиёсии хароҷоти шартан собит ва шартан тағйирёбанда дар хароҷоти истеҳсолот дар асоси баландшавии нархҳо мунтазам меафзояд, ки ин боиси кам шудани ҳиссаи музди меҳнат дар хароҷоти истеҳсолот мегардад. Ин нишондиҳанда дар хоҷагии қишлоқ 8-10 фоизро ташкил медиҳад. Дар кишварҳои пешрафта ин нишондод 70 - 75 фоизро ташкил медиҳад.

➢ аз сабаби паст будани бо техника муҷаҳҳаз будани хоҷагиҳои деҳқонӣ, заиф будани ташкили меҳнат, паст будани дараҷаи банақшагирӣ, ҳавасмандгардонӣ ва назорати истеҳсолот, хароҷоти истеҳсол ба ҳар як воҳиди маҳсулот мунтазам меафзояд, ки ва ин омил ногузир боиси кам шудани ҳаҷми фоида мегардад.

➢ сарбории баланди андоз ба иқтисодиёт ва хароҷоти коррупсионӣ ва масорифи дигар боиси ворид намудани фоида ба таркиби хароҷоти истеҳсолӣ ва тақсим намудани он тавассути механизми нарх мегардад.

➢ ислоҳот дар хоҷагии қишлоқ боиси ба вуҷуд омадани шумораи зиёди хоҷагиҳо гардид, ки ҳаҷми онҳо аксар вакт аз доираи оптималӣ ва самарабахш берун мебарояд. Бо ин роҳ «самараи миқёс», ки дар гирифтани фоида нақши муҳим мебозад, сарфи назар карда мешавад.

Масъалаи хеле муҳим ва актуалӣ ин таъмини афзоиши даромади оянда аст, ки бо сармоягузориҳои нав алоқаманд мебошад. Системаи кумакҳои давлатӣ бояд асосан ба ҳалли ин проблемаи муҳимтарин нигаронида шавад. Дар ҳалли ин масъала сиёсати буҷетии давлат мавқеи махсусро ишғол мекунад. Субвенсияе, ки аз ҳисоби буҷети ҷумхурӣ дода мешавад, барои пӯшонидани хароҷоти ҷории буҷети мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ истифода мешавад. Ҳама

ноҳияҳои бо омӯзиш фарогирифташуда ба истилоҳ дотатсионӣ мебошанд. Чунин ба назар мерасад, ки барои пурзӯр намудани самти сармоягузории буҷети ҷумҳурӣ дар баробари фондҳои мақсадноки давлатӣ фонди мақсадноки буҷетии рушд таъсис додан лозим аст.

Ин муносибатҳои байнибуҷетӣ як буриши амудиро ташкил медиҳанд. Дараҷаи уфуқии муносибатҳои байнибуҷетӣ низ аз нуқтаи назари шаҳру ноҳияҳои донор таваҷҷуҳи хосаро тақозо мекунад. Онҳо бояд донорҳои барзиёд аз маблағҳое бошанд, ки барои татбиқи маблағгузориҳои хурди асосӣ фонди зарурии инвеститсиониро ташкил медиҳанд. Қарзгирӣ дар сатҳи ҳукуматҳои маҳаллӣ муносибати махсусро талаб мекунад. Қарзҳои буҷетие, ки аз боло дода мешаванд, баъзан, гирифтани фоизи онҳо он тараф истад, умуман ба хазинаи давлат баргардонида намешаванд. Ин амалия туфайлихӯрӣ ва исрофкории захираҳоро ба вуҷуд меорад. Ҳангоми истифодабарии маблағҳои буҷет бояд принсипи худтаъминкунӣ ҳукмфармо бошад.

Инфрасохтори индустриалии минтақаҳои осебпазир бешак яке аз омилҳои асосии рушди иқтисоди кишвар мебошад. Таҷрибаи Ҷопон нишон медиҳад, ки маблағгузориҳои иловагӣ ба чунин минтақаҳо ҳосилнокии меҳнатро баланд мебардоранд, яъне хароҷот ба ҳар воҳиди маҳсулот кам шуда, фоидаи мутлақ ва нисбӣ зиёд мешавад. Дар комплекси озуқаворӣи ҷумҳурӣ инфрасохтори бозор суст инкишоф ёфтааст. Сабаби асосӣ дар он аст, ки дар ибтидои дигаргунсозиҳои бозор бисёр проблемаҳои марбут ба инфрасохтори он ба зиммаи худи истеҳсолкунандагон гузошта шуда буданд, ки ин боиси аз фаъолияти асосии истеҳсолиашон дур шудани онҳо гардид.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ҳамаи хароҷоти марбут ба ин бахшро истеҳсолкунандагон ба дӯши худ гирифта наметавонанд, зеро онҳо аслан чунин миқдор маблағ надоранд. Таҷрибаи иқтисодиёти давраи гузариш дар кишварҳои узви ИДМ нишон медиҳад, ки ду модели инфрасохтор мавҷуд аст:

1. Вақте ки аксарияти мутлақи он моликияти давлат аст, ки инро таҷрибаи ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон ва Туркманистон нишон медиҳад. Дар баробари ин, инфрасохтори кӯҳна ва воҳид нигоҳ дошта мешавад.

2. Омезиши инфрасохтори давлатӣ ва хусусӣ. Дар ин самт таҷрибаи Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон мисол шуда метавонанд. Хусусияти инфрасохтори мо дар он аст, ки мо сохтори пешинаи онро қисман хароб кардем, вале шакли нави онро ба вуҷуд оварда натавонистем.

Дар хоҷагии қишлоқ нарасидани қувваи барқ, об, нуриҳои маъданӣ ва органикӣ, сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ мунтазам мушоҳида карда мешавад. Роҳҳои маҳаллии ноҳияҳо дар ҳолати бад буда, хоҷагиҳо барои хизматрасонӣ ба техникаи мавҷуда маблағи зарурӣ надоранд. Дар ин ҷо нақши давлат дар ҳалли масъалаҳои ба вуҷуд овардани инфрасохтори саноатӣ бояд ҳалкунанда бошад.

Саноатикунонии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон - ин раванди таъсиси истеҳсоли мошинӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ ва чорводорӣ мебошад. Он дар истифодаи механизмҳои муосири комплексӣ ва автоматикунонии равандҳои асосии истеҳсолот, васеъ ҷорӣ намудани дастовардҳои илм, намудҳои технологияҳои саноатиро ташкил медиҳад. Дар робита бо ин, меҳнати кишоварзӣ дар минтақаи мазкур ба як нав саноатикунонӣ рӯй меорад. Бинобар ин саноатикунонӣ яке аз самтҳои асосии пешрафти техникӣ буда, барои баланд бардоштани самаранокии истехсолот ва маҳсулнокии меҳнат дар минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон нигаронида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки саноатикунонии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон ин на танҳо таъмин намудани хоҷагиҳо бо техника, мошинаҳо ва механизмҳо мебошад. Дар баробари ин вай иҷрои васеи мелиоратсияи заминҳо, парвариши намудҳои навъи зироати хоҷаги қишлоқ, ҷори намудани стандартикунонии маҳсулоти истехсолшаванда ва ғайраро фаро мегирад. Шарти муҳими саноатикунонии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон ихтисосмандӣ, мутамарказонӣ ва ҳамкории истеҳсолӣ ба МОИ мебошад.

Раванди рушдкунандаи саноатикунонии минтақаи мазкур боз такмилдиҳии шаклҳои ташкили истеҳсолот ва системаи идоракуниро талаб менамояд. Дар ин ҷо корхонаҳо ва ҷамъиятҳои бузурги байни хоҷагидорӣ ва

аграрӣ – саноатӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти минтақа кластерҳо ташкил карда мешаванд, нақши муҳимро мебозанд. Ҳалли бомуваффақи вазифаҳои саноатикунониро дар минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон бе баланд бардоштани сатҳи касби – техникии кадрҳо, аз ҷумла кормандони касбҳои омавие, ки метавонанд техникаи нави баланд истеҳсолро аз худ намоянд, ғайриимкон мебошад.

Нақши калонро дар раванди саноатикунонии минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Тоҷикистон рушди нақлиёти механикӣ, пеш аз ҳама шабакаҳои роҳи оҳан, бояд иҷро намояд. Ташкили онҳо аҳамияти хоҷагидорӣ, стратегӣ ва иҷтимоӣ барои аз вазъияти осебпазир баровардани ин минтақа дорад.

Тавре ки таҳлил нишод дод, ҷанбаҳои асосии идоракунии низоми иҷтимоию иқтисодии осебпазири минтақаи ҷануби наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои навсозии инфрасохтори ҳудудии маҳаллӣ, баланд бардоштани дараҷаи омодагии омили инсонӣ ва ба вуҷуд овардани шароити маҳаллии тараққиёти технологиро дар бар мегиранд.

Аз таҳлили вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодии ноҳияҳои Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритуз, Ҳамадонӣ, Фархор ва Ш.Шоҳин бармеояд, ки дар умум такмили усулҳои идоракунӣ дар минтақаҳои осебпазири ҷануби наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самтҳои алоҳида чунин маънидод кардан лозим мебошад.

*Дар самти дигаргун сохтани механизмҳои идоракунии ҳудудӣ ва сиёсати иқтисодии минтақавӣ:*

- ҷорӣ намудани низоми банақшагирии барномавӣ;
- такмили инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва ноҳияҳо;
- таъмиру barқарорсозии роҳҳо;
- бо қувваи барқ таъмин намудани аҳолӣ ва корхонаҳо;
- кашидани сими оптикию нахии телефоние, ки барҳам додани унсурҳои куҳнашударо дар назар дорад;
- баланд бардоштани меъёри кумакпулӣ барои шахсони камбизоат нисбати минтақаҳои дигари кишвар.

*Дар самти дастгирии системавии ҳудудҳои рушд, ки бартариятҳои рақобатиро ба вуҷуд меоранд:*

- ташкили минтақаи тиҷорати наздисарҳадӣ бо мақсади беҳтар намудани вазъи иқтисодии хонаводаҳо;

- ҷоннок намудани раванди ташкил ва фаъолияти МОИ дар асоси принсипҳои барои минтақаҳои осебпазир;

- паст кардани ҳиссаи меҳнати дастӣ бо мақсади баланд бардоштани дараҷаи ҳосилнокии меҳнат ва ноил шудан ба сатҳи баланди пардохти музди меҳнат;

- ҷуброн кардани хароҷоти баланд дар шароити иқлими номусоиди зироаткорӣ ва чорводорӣ аз ҳисоби буҷет.

*Дар самти солимгардонии комплексии иқтисодиёти ҳудудҳо, ки метавонад хароҷоти зиёдатии дар доираи ин навъи низомҳо ташаккулёфтаро хеле кам кунад:*

- баланд бардоштани сатҳи дастрасии ҳонаводаҳо ба ғизои хушсифат;

- рушди бозорҳои наздисарҳадӣ барои бартараф намудани мубодилаи натуралӣ.

*Дар самти кам кардани монеаҳо дар ҳаракати сармоя, захираҳо ва омили инсонӣ:*

- ташкили ҷойҳои корӣ;

- беҳтар намудани шароити саломатӣ ва таҳсилоти зарурӣ;

- бартараф намудани омили мавҷудияти робитаи хешутаборӣ барои пайдо кардани ҷойҳои корӣ;

- рушди ташкилотҳои қарзии хурд барои гирифтани кумаки хуби молиявӣ.

*Дар самти рушди марказҳои илмию таълимӣ, дастгирии ҷавонони болаёқат, ҷалби неруи созанда:*

- бештар ҷудо намудани квота барои таҳсилот дар мактабҳои олии мамлакат;

- ташкили курсҳои махсус барои инкишофи малакаҳои тиҷоратӣ ва ҷалби ҷавонон ба соҳаи соҳибкорӣ.

Гуногунрангии ин усулҳо талаб мекунад, ки имкониятҳои онҳо аз нуқтаи назари рафъи вазъияти афсурдаҳолӣ ва ба дараҷаи сифатан нави тараққиёти худ баромадани минтақаҳои иҷтимоию иқтисодии осебпазири кишвар мусоидат намояд.

Тавре ки дар боло нишон дода шудааст, василаҳоеро, ки барои идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир истифода бурдан мумкин аст, ба се самт: маъмурӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявӣ ҷудо мешаванд.

Доир ба ноҳияҳои Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритуз, Ҳамадонӣ, Фархор ва Ш.Шоҳин ҳамчун минтақаҳои осебпазир қайд кардан лозим аст, ки василаи маъмурии такмили идоракунӣ чунин самтҳои алоҳидаро дар бар мегирад:

- дар раванди ҷорӣ намудани низоми банақшагирии барномавии рушди минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар методикаи интихоби соҳаҳои афзалиятнок барои маблағгузорӣ, пеш аз ҳама соҳаи энергетика ва нақлиёт бояд нишон дода шавад;

- такя ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи идоракунии стратегӣ” таҳияи санадҳои меъёрӣ оид ба муқаррарнамоии реҷаи махсуси иқтисодӣ дар минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар навбати аввал дар шакли Консепсия, баъдан таҳия Стратегия ва ниҳоят пешниҳоди барномаҳои махсуси рушди ноиҳяҳои Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритуз, Ҳамадонӣ, Фархор ва Ш.Шоҳин бояд омода карда шаванд;

- методикаи дастгирии идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир таҳия гардида, дар он масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ дар навбати аввал гузошта шавад.

Дар низоми банақшагирии барномавии рушди минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноҳияҳои Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритуз, Ҳамадонӣ, Фархор ва Ш.Шоҳин) ҳамчун минтақаҳои осебпазир василаи ташкилӣ-маъмурии такмили идоракунӣ чунин самтҳои алоҳидаро бояд дар бар гирад:

- рушди соҳаҳои энергетика ва нақлиёт дар ҳудуди ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки раванди ташкил ва фаъолияти МОИ ҳамчун реҷаи махсуси иқтисодӣ, бунёди комплексҳои истеҳсолӣ-саноатӣ, техникӣ-татбиқӣ ва кластерӣ дар шакли марказҳои инноватсионӣ ё технопаркҳо, ҷоннок карда шавад;

- бештар ҷудо намудани квота барои таҳсилот дар мактабҳои олии мамлакат ва ташкили курсҳои махсус барои инкишофи малакаҳои тиҷоратӣ байни ҷавонон ба соҳаи соҳибкорӣ, ҳамчун методикаи фаъолгардонии равандҳои ташаккулёбии ташаббусҳои соҳибкорӣ ва инноватсионӣ дар минтақаи осебпазири кишвар, махсусан дар ноҳияҳои Панҷ, Шаҳритуз ва Ш.Шоҳин дар банақшагирии барномавии рушди онҳо нишон дода шавад.

Нисбат ба ноҳияҳои Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷайҳун, Панҷ, Шаҳритуз, Ҳамадонӣ, Фархор ва Ш.Шоҳин ҳамчун минтақаҳои осебпазир василаи молиявии такмили идоракунӣ чунин самтҳои алоҳидаро бояд дар бар гирад:

- хаҷми трансфертҳои пулӣ аз буҷетӣ ҷумҳуриявӣ ба низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир нисбати дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ мунтазам боло бардошта шавад;

- дар доираи низоми банақшагирии барномавии рушди минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон методикаи мақсаднокии ҷорӣ намудани имтиёзҳо барои сокинони минтақаҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир, аз ҷумла баланд бардоштани меъёри кумакпулӣ барои шахсони камбизоат ва ҷуброни хароҷотҳо дар шароити иқлими номусоиди зироаткорӣ ва чорводорӣ, истифода карда шавад;

- дар қисми хароҷоти буҷети давлатии кишвар маблағгузории Барномаҳои дарозмуддати молиявии дастгирии лоиҳаҳои такмили инфрасохтори нақлиётию логистикӣ дар низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир зери унвони «Лоиҳаи миллии дастгирии ноҳияҳои наздисарҳадӣ»-ро ворид кардан тавсия карда мешавад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки танзими рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) ҳалли мушкилоти минтақаи ҷанубии

наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, мушкилоти марбут ба дурдастӣ, дастрасии маҳдуд ба нақлиёт, шароити номусоиди табиию иқлимӣ ва зарурати ҳифзи иқтисодиёти анъанавӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад. Василаҳои идоракунии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи осебпазир дар шакли василаҳои маъмурӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявӣ чунин гурӯҳбандӣ карда мешаванд (расми 3.2.).




**Расми 3.2. – Василаҳои идоракунии низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии навъи осебпазир.**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти мавриди таҳқиқ

Чуноне ки дар расми 3.2. мебинем, мо воситаҳоеро, ки барои идоракунии низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир истифода бурдан мумкин аст, ба се самт: маъмурӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявӣ ҷудо намуда, бо тафсилоташ нишон додем. Таснифоти пешниҳодшудаи воситаҳоро барои танзими низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир бо ҳассосияти гуногуни модернизатсионӣ истифода бурдан мумкин аст.

Таҷрибаи кишварҳое, ки дар истифодаи услубҳои инноватсионӣ муваффақ мебошанд, нишон медиҳад, ки барои минтақаҳои маъмурие, ки ба модернизатсия ҳассосияти бештар доранд, асосан воситаҳои молиявӣ; барои минтақаҳои ҳассосияташон миёна - ташкилӣ-иқтисодӣ ва молиявӣ тавсия карда мешаванд; дар минтақаҳои маъмурии ҳассосияташон камтар, бар замми истифодаи ҳар се гурӯҳи воситаҳо, ба вуҷуд овардани воситаҳои махсуси идоракунӣ зарур аст, ки аз он ҷумла ҳам таҳияи санадҳои меъёрӣ, ки ташаккули шаклҳои нави ташкилиро муайян мекунанд ва ҳам коркарди амалияи навъҳои махсуси трансфертҳоро дар мегиранд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бо мақсади ба таври муносиб инъикос намудани шароити тағйирёбандаи рушди минтақавӣ, хусусиятҳои иҷтимоӣ, этникӣ ва экологии гурӯҳҳои асосии аҳолӣ, масалан, минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии рушди иҷтимоию иқтисодӣ, зарур аст, ки раванди ташаккули консепсияи тараққиёти низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирро бо роҳи пурратар ба назар гирифтани омилҳои мутобиқшавӣ, менталитет, рафтори экологӣ, фарҳанги иқтисодӣ, хусусиятҳои равандҳои модернизатсионӣ ба роҳ монда шавад.

Дар ин ҳолат ба сифати ҳадафи рушд – ноил шудан ба суръати устувори рушди иқтисодӣ ва дар айни замон паст кардани сатҳи мушкилоти экологӣ, пешгирии камбизоатӣ ва ғайра, яъне ба масири рушди устувор расонидани низоми иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир, усули кластерии ташкили кувваҳои истеҳсолкунандаро истифода бурдан зарур аст, ки барои паст кардани сатҳи бекорӣ равона карда шудааст.

Масъалаи муҳим такмил додани соҳаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ бо роҳи зиёд кардани мувофиқати сохтори ихтисосҳои хатмкунандагон ба талаботи соҳаҳои мавҷуда ва ояндаи истеҳсолот мебошад.

Дар умум, зимни таҳлили динамикаи макроиқтисодии низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки барои шиддат бахшии истифодаи манбаъҳои ғайримарказонидашудаи захираҳо барои рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир саъю кӯшиши мақомоти идоракунии онҳоро дар се самт:

- мусоидат ба рушди соҳибкории хурд ва фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ (аз ҷумла дастгирии рушди сайёҳӣ, махсусан этнографӣ);

- фароҳам овардани шароит барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ; баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти корхонаҳо;

- барқарор намудани бозори дохилии минтақаи ҳудуди таҳқиқшуда сафарбар кардан мумкин аст.

Омӯзиши таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки омилҳои монеи рушди низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазир (депрессивӣ) мавҷуданд, ки онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: беруна – маҳдудиятҳо дар роҳи рушди инноватсионӣ ва омилҳои дохилӣ, ки ба рушди инноватсионии иқтисодиёт халал мерасонанд.

Омилҳои беруна инҳоро дар бар мегиранд:

- мавҷуд набудани низоми институтсионалӣ, ки талаботи дохилиро ба инноватсия ҳавасманд мекунад;

- шаклҳои экстенсивии такрористеҳсол, ки аз сохтори мавҷудаи иқтисодиёт ва хусусиятҳои дахлдори ҷойгиршавӣ ва тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда бармеояд;

- доимо аз будаш камтар баҳо додани арзиши қувваи корӣ, махсусан тахассуси олидошта, ки бо рафтани кадрҳои соҳибихтисос ба минтақаҳои дараҷаи зиндагониашон баланд якҷоя сурат мегирад.

Ҳамчунин ҳаҷми нокифояи маблағгузорӣ ба соҳаи илму техникаи минтақа, нопурра будани равандҳои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузориро қайд кардан зарур аст.

Дар қатори омилҳои дохилие, ки ба рушди инноватсия халал мерасонанд, рушди сусти истеҳсолоти саноатӣ, кам будани талабот ба натиҷаҳои фаъолияти илмию техникии олимони низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи буҳронӣ, аз сабаби мавҷуд набудани корхонаҳои хурди фаъоли инноватсионӣ, маҳдуд будани захираҳои молиявии корхонаю ташкилотҳои минтақаро номбар кардан мумкин аст. Дигар омилҳои маҳдудкунандаи рушди илм ва инноватсия метавонад маҳдуд будани робитаҳои илмии байни олимон ва таъминоти иттилоотӣ, қафомонӣ дар рушди муҳити коммуникатсионӣ, имкониятҳои истифодаи пойгоҳу захираҳои иттилоотӣ бошад.

Дар хулосаи боби мазкур бояд намоем, ки бар замми истифодаи ҳар се гурӯҳи василаҳо, барои ба вуҷуд овардани воситаҳои махсуси идоракунӣ зарур аст, ки ҳам таҳияи санадҳои меъёрӣ, ки ташаккули шаклҳои нави ташкилиро муайян мекунанд ва ҳам коркарди амалияи навъҳои махсуси трансфертҳо бо омӯзиш дар бар гирифта шаванд.

Яке аз шаклҳои муҳими ташкили ҳамкории воҳидҳои маъмурию ҳудудии кишварҳои ҳамҷавор ин ба роҳ мондани савдои наздисарҳадӣ дар ин ҳудудҳо мебошад. Солҳои охир нақши савдои наздисарҳадӣ дар пешрафти минтақаҳои осебпазир аз тарафи доираҳои илмӣ басо баланд баҳогузорӣ шудааст ва ҳамзамон, аҳамияти он дар раванди тақвияти ҳамгироии байни кишварҳо низ муассир будааст.

Тавре ки дар боло қайд намудем, барои омӯзиши масъалаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоию иқтисодии навъи осебпазирӣ ҳашт ноҳияи минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Дӯстӣ, Қубодиён, Ҷайхун, Панҷ, Шаҳритуз, Ҳамадонӣ, Фархор ва Ш.Шоҳин интихоб карда шуд. Таҳқиқот бо назардошти таъкид ва муайян кардани сатҳи зиндагии

мардуми ноҳияҳои гуногун, шароит ва тарзи зиндагӣ, имконот ва анъанаҳои мардум сурат гирифтааст.

Аммо барои мақсадҳои таҳқиқот, таҳлили миқдорӣ нокифоя мебошад. Аз ин рӯ, як таҳқиқоти нисбатан маҳдуд гузаронида шуд ва дар ҳар як дар минтақаи мавриди омӯзиш 2 ҷамоат: яке дар маркази ноҳия ва дигаре дар назди сарҳади давлатӣ интихоб карда шуд. Дар баробари ин, дар ҳар як ҷамоат низ ду маҳаллаи аҳолинишин - дар маркази ҷамоат ва як шаҳраки наздимарзӣ (ҷамъ - 32 шаҳрак) интихоб карда шуд. Дар натиҷа, ифшои хусусиятҳо ва воситаҳои таъсиррасони минтақаҳои осебпазир ва ноҳияҳои устувор имконпазир гардид.

Дар минтақаи ҷануби Тоҷикистон, ки ноҳияҳои Қубодиён, Шаҳритуз, Дӯстӣ, Ҷайҳун, Панҷ, Шамсиддин Шоҳин, Ҳамадонӣ ва Фархорро дар бар мегирад ва дар таҳқиқоти мо ҳамчун минтақаи осебпазир эътироф шудааст, имкониятҳо ва иқтидорҳои бароҳмонӣ ва тавсеаи савдои наздисарҳадӣ гуногун мебошад (ҷадвали 3.1.).

Чуноне аз ҷадвал дида мешавад, дар як қатор ноҳияҳои мавриди баррасӣ аллакай бозорҳои наздисарҳадӣ амал мекунанд, дар баъзеи дигар бошад, сарфи назар аз мавҷудияти имкониятҳои хуб ва ҳатто фаъол будани гузаргоҳҳои сарҳадӣ, чунин бозорҳо вуҷуд надоранд.

Сарфи назар аз он, ки ҳамаи ноҳияҳои таҷрибавӣ дар минтақаи наздисарҳадӣ ҷойгиранд ва барои ташкили савдои наздисарҳадӣ бо ҶИА иқтидори хуб доранд (ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, ҷойҳои қулай ва амн/таҳти назорати расмӣ/ гузаргоҳҳои сарҳадӣ, мавҷудияти шумораи нуқтаҳои зиёди аҳолинишин ва худи аҳолӣ дар ҳудудҳои ҳамҷавор), савдои наздисарҳадӣ амалан инкишоф наёфтааст.

Дар баробари ин, ташкили чунин фаъолият дар ВМКБ (аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шабакаи Бунёди Оғохон ва сохторҳои институтсионалии он) на танҳо аҳамияти иқтисодӣ, балки иҷтимоӣ ва иҷтимоию сиёсии савдои наздисарҳадиро дар ободонии ноҳияҳои наздимарзӣ нишон медиҳад.

**Ҷадвали 3.1. - Ҳолати савдои наздисарҳадӣ дар минтақаҳои осебпазир**

| | |
|---|---|
| Қубодиён | Дар ҷамоати деҳоти Тахти Сангин барои савдои наздисарҳадӣ бозор ташкил карда шудааст, ки айни замон бесамар ва ғайрифаъол аст. Айни замон (1.01.2018) дар ҷамоат 40958 нафар зиндагӣ мекунанд. Ин ҷамоати калонтарин дар ноҳия (4866 хонавода) мебошад. Умедворем, ки кори ин бозор дар оянда ҷоннок карда мешавад. |
| Шаҳритуз | Дар умум, тиҷорати наздисарҳадӣ суст буда, аз дигар нуқтаҳои савдои наздимарзӣ тафовут дорад, яъне бозорҳои наздимарзӣ бо Ӯзбекистонро дар назар дорем, ки бахусус бо гарм шудани равобити ду кишвар, бо муваффақияти бештар рушд мекунанд. Дар марз бо Афғонистон феълан дар ҷамоати Лӯбиёкор як бозори наздимарзӣ мавҷуд аст, ки рӯзҳои ҷумъа фаъолият мекунад. То ҳол наметавон гуфт, ки бозори мазкур муваффақ ва фаъол аст. |
| Дӯстӣ | Дар ноҳия муассисаҳои махсуси савдо ё бозор барои тиҷорати наздисарҳадӣ вуҷуд надорад |
| Ҷайҳун | Панҷи Поён – деҳаест дар ноҳияи Ҷайҳун, ки дар соҳили дарёи Панҷ ҷойгир шудааст. Деҳа дар марз бо Афғонистон гузаргоҳи сарҳадӣ дорад ва пули Панҷ дар соли 2007 боз шудааст. Дар ин ҷо нуқтаи савдои наздисарҳадӣ мавҷуд аст. Аммо, ба назари мо, барои фаъол шудан ва самараноктар фаъолияти бозори мазкур он бояд аз ҷониби мутахассисони касбии ташкили тиҷорати бозор омӯхта шавад, инчунин воситаҳои техникии муосир ва шароит барои ташкили соҳибкорӣ зарур аст. |
| Панҷ | Бозори тиҷорати наздисарҳадӣ вуҷуд надорад. Аммо имконияти истифодабарии бозори савдои наздисарҳадӣ, ки дар ноҳияи ҳамҷавори Ҷайҳун, дар ҷамоати Панҷ амал мекунад, вуҷуд дорад. |
| Ш.Шоҳин | Бозори савдои наздисарҳадӣ дар наздикии деҳаи Шоҳони ҷамоати деҳоти Даштиҷум вуҷуд дорад. Дар ҳоли ҳозир барои ташкил ва бунёди шароити зарурӣ бобати рушди савдои наздисарҳадӣ дар якҷоягӣ бо лоиҳаи Барномаи Рушди СММ (ЛИТАКА) хатти интиқоли барқи (10кВ ва 0,4кВ) ба ин бозор кашида шудааст.<br>Дар ҷамоати деҳоти ба номи Н. Маҳмудов бо дастгирии Барномаи Рушди СММ (ЛИТАКА) коргоҳи татбиқи ташаббуси “Як деҳа – як маҳсулот” бунёд карда шудааст, ки ин таҷрибаи муфидро густариш ва ривоҷ додан зарур аст. |
| Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Ноҳия бо Ҷумҳурии Афғонистон робитаи зич дорад, ки бо он 35 километр сарҳади давлатӣ дорад, аммо барои тиҷорати муштараки байнисарҳадӣ бозорҳои махсус вуҷуд надоранд. |
| Фархор | Дар ин ноҳия корхонаю бозор барои савдои наздисарҳадӣ вуҷуд надорад. Сарфи назар аз он, ки гузаргоҳи “Кокул” дар марзи Тоҷикистону Афғонистон воқеъ аст, инфрасохтори мукаммал барои ташкили тиҷорати наздисарҳадӣ вуҷуд надорад. |

**Сарчашма**: маълумоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳо

Барои муайян кардани роҳҳои баланд бардоштани нақши тиҷорати наздисарҳадӣ дар ноҳияҳои ҷанубии осебпазир мусоҳибаҳои амиқ ва корҳо дар гурӯҳҳои мавриди пурсиш гузаронида шуданд. Дар баробари ин проблемаҳои муҳимтарини иқтисодию иҷтимоии ноҳияҳои осебпазир муфассал муҳокима карда шуданд. Аз ҷумла, сохтори даромади умумии ноҳияҳо, трансфертҳои давлатӣ, сохтори даромад ва хароҷоти хонаводаҳо, вазъи бозори меҳнат (шуғл, бекорӣ ва муҳоҷират дар ноҳияҳо), вазъи инфрасохтори деҳот (энергетика, таъминоти об ва канализатсия, роҳҳо, алоқа), вазъияти инфрасохтори иҷтимоӣ (таъминоти иҷтимоӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, сохторҳои таълимӣ ва ғайра), масъалаҳои савдои наздисарҳадӣ ва инкишофи минтақаи озоди иқтисодии Панҷ баррасӣ карда шуданд.

Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот ва пурсишҳои гузаронидашуда мушкилоти асосии мавҷуда дар 8 ноҳияи ҷанубии наздисарҳадии кишвар ҷамъбаст ва мушаххас карда шуданд. Мушкилоти асосие, ки ҳамаи ноҳияҳои тадқиқшуда дар дарозмуддат бо онҳо дучор меоянд ва ба вазъияти иқтисодии ҳам хоҷагиҳо ва ҳам умуман ноҳияҳо таъсири калон мерасонанд, чунин муайян карда шуданд:

➢ *Зарурати сармоягузории зиёд барои барқарор намудан ва инкишоф додани инфрасохтори моддию иҷтимоии ноҳияҳо (хоҷагии манзилию коммуналӣ, маориф, тандурустӣ, энергетика, наклиёт, варзиш, истироҳат ва ғайра)* - сарфи назар аз талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шарикони рушд, барои ҳамаи ноҳияҳо алоқаи роҳ ҳанӯз ҳам ягона намуди нақлиёт мебошад. Сатҳи дастрасии аҳолӣ ба об ва махсусан канализатсия паст боқӣ мемонад. Дар як соли охир вазъи дастрасӣ ба неруи барқ ба таври қобили мулоҳиза беҳтар шудааст, аммо интиқоли неруи барқ ва таъмини он дар маҳаллаҳои дурдаст ҳанӯз ҳам ба таври мунтазам ба роҳ монда нашудааст. Дастрасӣ ба иттилоот асосан тавассути шабакаҳои телевизионии миллӣ ва пайвасти интернети мобилӣ маҳдуд аст. Дар баробари ин, сокинони ноҳияҳо дар дастрас кардани маълумот аз манбаъҳои мустақил (интернет ва телевизиони моҳвораӣ) ихтиёр доранд. Аммо дастрасӣ ба интернетро Хадамоти алоқа танзим мекунад. Вазъияти маориф, нигаҳдории тандурустӣ, хизмати маишӣ ва муассисаҳои истироҳат ба талаботи рушди ноҳияҳо ҷавоб дода наметавонад;

➢ *Сатҳи пасти зиндагӣ ва набудани дурнамои рушди шахсият* – боиси муҳоҷирати оммавии ҷавонон ва аҳолии қобили меҳнат аз минтақаҳо ба хориҷа ё пойтахти кишвар шудааст. Зиндагӣ дар минтақаҳо, махсусан дар деҳот барои ҷавонон ҷолиб нест, аз деҳот ба шаҳр рафтани ҷавонон дар роҳи ташаккули заминаи кадрӣ барои рушди деҳот монеаи ҷиддӣ мебошад. Аксарияти макотиби таҳсилоти олии мамлакат дар пойтахт чойгиранд;

➢ *Ҳамсарҳад будан бо Афғонистони ноором* – ба амният дар ноҳияҳои осебпазири ҷанубии наздисарҳадӣ таъсири ҷиддие мерасонад – зуд-зуд ҳодисаҳои задухӯрдҳои мусаллаҳона дар сарҳад, ба гаравгон гирифта шудани сокинони ин ноҳияҳо ва ҷалби онҳо ба лагерҳои ҷангҷӯён, инчунин қочоқи маводи мухаддир ба мушоҳида мерасад. Наздик будани сарҳад имкониятҳои мавҷударо барои рушди туризм ҳам маҳдуд мекунад;

➢ *Истифодаи ғайрисамараноки захираю иқтидорҳои мавҷудаи дохилии рушд дар ноҳияҳо – ҳамаи ноҳияҳои мавриди омӯзиш қарор гирифта, дорои иқтидори назаррас ва имкониятҳои рушд мебошанд, ки бинобар омилҳои зерин истифода намешаванд:*

- Норасоии шадиди мутахассисони соҳибкасб;
- Надонистани бартариятҳои рақобатии ноҳияҳои худ нисбат ба дигар ноҳияҳои кишвар, инчунин нисбат ба ноҳияҳои ҳамҷавори кишвари ҳамсоя;
- Муҳити номусоид барои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ;
- Сиёсати давлатии молиявию андозии ба ҷанбаҳои фискалӣ нигаронидашуда;
- Дар сатҳи нокифояи рушди институтҳои воқеии бозор барои дастгирии соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла институтҳои молиявӣ, машваратӣ ва ғайра;

➢ *Тафаккури ташаккулёфтаи мардуми бумӣ* – ба шарофати сиёсати дарозмуддате, ки дар замони шӯравӣ пеш гирифта шуда буд, вақте «марказ» тамоми мушкилоти маҳаллиро (имтиёзҳои махсус, дотатсия ва ғайраро) ҳал мекард, ба он оварда расонд, ки роҳбарияти маҳаллӣ ва аҳолӣ ҳоло ҳам ба ҷои амалҳои мустақилона ба интизории пассивии «дастгирии беруна» (аз Ҳукумат, шарикони рушд, сармоягузорони хориҷӣ ва ғ.) майл доранд.

Мавриди зикр аст, ки дар доираи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” барои такмили идоракунии маҳаллӣ вазифаҳои мушаххаси зерин гузошта шудааст:

- махсусгардонӣ ва таъмини тавозуни рушди минтақаҳо бо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудан ба баробаркунии ҳудудии нишондиҳандаҳои заминавии сатҳи зиндагӣ ва баланд бардоштани сифати сармояи инсонӣ дар минтақа;
- баланд бардоштани самаранокии механизмҳои идоракунии давлатӣ дар сатҳи минтақаҳо ва маҳаллӣ, таҳкими заминаҳои молиявии минтақаҳо ва буҷетҳои маҳаллӣ ҷиҳати таъмини самараноки истифодаи иқтидори минтақаҳо;
- рушди маҷмуии минтақаҳои деҳот;
- урбанизатсия ва мусоидат ба раванди рушди шаҳрҳо;
- ташаккулёбии комплексҳои ҳудудию саноатӣ/кластерҳо;
- тавсеаи бозори меҳнат дар асоси рақобатпазирии қувваи корӣ, таъсиси ҷойҳои нави кор, инчунин таъмини аҳолӣ бо хизматрасониҳои босифати давлатӣ.

Ақидаҳои рушди минбаъда, яъне превентивӣ, индустриалӣ ва инноватсионӣ, ки дар лоиҳаи “Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” нишон дода шудаанд, самтҳои рушди ояндаи минтақаҳои кишварро дар шароити таъсири бевоситаи омилҳои дохилию беруна инъикос менамоянд.

Қобили тазаккур аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи рушди минтақаҳои алоҳидаи кишвар аҳамияти махсус дода, дар сафарҳои кории худ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки ҳар сол якчанд маротиба сурат мегирад, ба вазъи иқтисодиву иҷтимоӣ, рӯзгору фаъолияти сокинони шаҳру ноҳияҳои мамлакат, инчунин бо ҷараёни татбиқи барномаҳои давлатӣ, иҷрои фармону амрҳои Президент, қарорҳои Ҳукумати мамлакат, дастуру супоришҳои додашуда ва бо корҳои ободониву созандагӣ аз наздик шинос мегарданд.

Бинобар ин то имрӯз барои баланд бардоштани вазъи иқтисодию иҷтимоии шаҳру ноҳияҳо ва дуруст ба роҳ мондани сиёсати минтақавӣ барномаҳои иёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар таҳия ва қабул гардиданд.

Амалӣ гардидани барномаҳо дар шароити ҷорӣ гаштани муносибатҳои нави иқтисодӣ, пеш аз ҳама ба баланд бардоштани нақш ва саҳми минтақаҳо, инчунин ба истифодаи самараноки захираҳои маҳаллӣ вобаста аст.

**НИЗОМҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ УСТУВОР**

- Афзалиятнок будани ҳадафҳо ва вазифаҳои дарозмуддат, амалисозии лоиҳаҳои миқёсан бузург
- Тобеъ будани танзими кӯтоҳмуддати амалисозии самтҳои стратегӣ
- Бунёд ва рушди истеҳсолоти самаранокиаш хеле баланд
- Фаъолияти мақсаднок ҷиҳати ба вуҷуд овардани низоми инноватсионии минтақа барои татбиқи технологияҳои муосир, сарфанамоии захираҳо, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат
- Сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои дарозмуддат, ки заминаи даромадҳои буҷети минтақавиро ба ташаккул медиҳанд
- Гузаронидани сиёсати мутавозини минтақавӣ, ки ба баланд бардоштани некуаҳволӣ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа то ба сатҳи кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ тараққикарда нигаронида шудааст
- Ба таври рӯзафзун зиёд шудани теъдоди ҷойҳои корӣ

**НИЗОМҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ НАВЪИ ОСЕБПАЗИР**

